**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

Бо ҳуқуқи дастнавис

**ВБД: 343.982 (575.)**
**ТКБ: 67.99 (2) 94 (2тоҷик)**
**Ф – 22**

**ФАЙЗУЛЛОЗОДА АЙНУЛЛО ҚУДРАТУЛЛО**

# ТАҲҚИҚОТИ КРИМИНАЛИСТИИ ХУСУСИЯТҲОИ ТАКТИКАИ АЗНАЗАРГУЗАРОНИИ ҶОИ ҲОДИСА

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ

**РОҲБАРИ ИЛМӢ**:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Назаров А.Қ.**

**ДУШАНБЕ – 2026**

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ**.............3-4
**МУҚАДДИМА**…………………………………………………….......... 4-16
**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ АЗНАЗАРГУЗАРОНИИ ҶОИ ҲОДИСА.........................................................................................16-61**
1.1 Мафҳум, моҳият ва аҳаммияти азназаргузаронии ҷои ҳодиса.......16-40
1.2. Мақсад, вазифа ва принсипҳои азназаргузаронии ҷои ҳодиса......40-61
**БОБИ 2. ХУСУСИЯТҲОИ ИСТИФОДАИ ТЕХНИКАИ КРИМИНАЛИСТӢ ВА ИННОВАТСИОНӢ ҲАНГОМИ АЗНАЗАРГУЗАРОНИИ ҶОИ ҲОДИСА.........................................62-101**
2.1. Таъминоти техникӣ-криминалистии раванди азназаргузаронии ҷои ҳодиса.........................................................................................62-86
2.2.Истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ҳангоми азназаргузаронии ҷои ҳодиса.........................................................................................86-101
**БОБИ 3. ТАКТИКАИ КРИМИНАЛИСТИИ АЗНАЗАРГУЗАРОНИИ ҶОИ ҲОДИСА ВА ДАВРАҲОИ ОН...............................................102-167**
3.1. Хусусиятҳои тактикӣ-криминалистии марҳилаи омодагии азназаргузаронии ҷои ҳодиса.........................................................102-118
3.2. Тактикаи давраи таҳлилии азназаргузаронии ҷои ҳодиса........118- 143
3.3. Таҳқиқоти криминалистии давраи натиҷагирии азназаргузаронии ҷои ҳодиса.........................................................................................143-167
**ХУЛОСА**.........................................................................................168-176
**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ.........................................................................................177-179**
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ.................................................................180-202**
**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ.........................................................................................................203**

# НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КҶ ҶТ** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КМҶ ҶТ** – Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ВКД** – Вазорати корҳои дохилӣ

**б.** – банд

**қ.** – қисм

**м.** – модда

**м.м.** – моддаҳо

**ғ.** – ғайра.

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Муҳимтарин шарти мубориза бо ҷинояткорӣ ошкоршавии ҳодисаи ҷиноят ва ба ҷавобгарӣ кашидани шахсоне мебошад, ки ба манфиатҳои давлат, шаъну шараф ва ҳуқуқҳои қонунии шаҳрвандони иснод меоранд. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф, такмили пайвастаи дастгоҳи тафтишӣ, истифодаи васеи дастовардҳои навтарини илмӣ дар амалияи тафтишӣ ва баланд бардоштани самаранокии ҳамаи амалҳои тафтиширо дар бар мегирад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёми худ дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ санаи 16 декабри соли 2025 зикр карданд, ки: «Агар дар ҷомеа ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ, сулҳу суботи устувор ва волоияти қонун набошад, мо ба ягон ҳадафи неки худ намерасем ва ягон нақшаи мо амалӣ намегардад. Инро бояд хурду бузурги мамлакат дар хотир дошта бошанд. Бинобар ин, сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд вазифаи худро дар самти ҳимояи суботу оромии ҷомеа, амнияту осоиши давлат ва мардуми Тоҷикистон бо садоқат ба давлат ва халқи кишвар таъмин намоянд. Мубориза бар зидди терроризму экстремизм, радикализм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, қочоқи силоҳ, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷинояткориҳои муташаккили фаромиллӣ вазифаи ҷонии онҳо дар шароити ноорому буҳронии ҷаҳони муосир мебошад» [185].

Барои муборизаи муассир бар зидди ҷинояткорӣ ва таҳкими амнияти ҷомеа, зарур аст, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ бо садоқати баланд, масъулияти касбӣ ва истифодаи ҳамаҷонибаи амалҳои тафтишотӣ дар самти сари вақт ошкор ва пешгирӣ намудани ҷиноятҳо фаъолият намуда, волоияти қонун, сулҳу субот ва оромии ҷомеаро таъмин намоянд.

Яке аз амали калидии тафтишӣ азназаргузаронии ҷои ҳодиса мебошад, ки барои сабти дақиқ ва ҳамаҷонибаи шароити ҳодиса, инчунин муайян кардан, сабт кардан ва ҷамъоварӣ кардани далелҳои моддӣ равона шудааст.

Таҷрибаи тафтишӣ нишон медиҳад, ки ин амали тафтишӣ қариб барои ҳар як намуди ҷиноят анҷом дода мешавад, зеро он ба муфаттиш имкон медиҳад, ки вазъиятро дар ҷои ҳодиса пурратар арзёбӣ кунад ва дарки амиқтари хусусияти ҳодисаро ба даст орад. Ҳадафи асосии азназаргузаронии ҷои ҳодиса ошкор, таҳқиқ ва бозёфт кардани маълумотест, ки имкон медиҳад ҷиноят ва шахсони дар он дастдошта муайян карда шаванд. Аммо, сифат ва пуррагии азназаргузаронии ҷои ҳодиса аксар вақт нокифоя боқӣ мемонад. Аҳаммияти ин амал дар тафтишоти пешакӣ пеш аз ҳама бо он муайян карда мешавад, ки ашёҳои моддии алоҳида, ашё ва аксар вақт ягона манбаъҳои маълумоти хеле арзишманд дар бораи ҳолатҳои муҳимми ҳодисаи тафтишшаванда мебошанд. Бо тафтиши ашёи кашфшуда, муфаттиш метавонад ин маълумотро барои кушодани ҷиноят ва маҳкум кардани гунаҳкорон истифода барад. Мувофиқи талаботи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ, ҳеҷ як ашё наметавонад ба парванда ҳамчун далели моддӣ дохил карда шавад, агар он дар гузориш тафтиш ва тавсиф нашуда бошад.

Нақши азназаргузаронии ҷои ҳодиса ҳамчун як амали мустақили тафтишӣ дар тафтиш ва ошкор намудани ҷиноят, дар солҳои охир махсусан дар раванди ошкоршавии ҷинояткорӣ баланд шудааст.

Санаи 7-уми августи соли 2025 дар маҷлисгоҳи ВКД зимни нишасти матбуотӣ вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Р.Ҳ. Раҳимзода зикр карданд, ки «дар 6 моҳи соли 2025 дар ҷумҳурӣ 13089 (2024-11804) ҷиноят аз ҷониби ҳамаи субъектҳои баҳисобгирӣ ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1285 ҷиноят зиёд мебошад. Кушодашавии ҷиноятҳо 72 фоизро ташкил медиҳад. Дар

давраи ҳисоботӣ ҷинояти одамкушӣ ва суиқасд ба он – 28 ҳолат, роҳзанӣ – 20, ғоратгарӣ – 57, таҷовуз ба номус – 24, қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ – 64, авбошӣ – 762, қаллобӣ – 2356, дуздӣ – 2182, тамаъҷӯӣ – 33 ва муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор 486 ҳолат ба ҳисоб гирифта шудаанд» [184].

Дар натиҷаи таҳлили амалияи тафтиши ҷиноятҳо як қатор омилҳо ошкор карда шуд, ки самаранокии азназаргузаронии ҷои ҳодисаро коҳиш медиҳанд. Инҳо омилҳо дар шакли нокифоя истифода бурдани техникаи криминалистӣ барои мутахассисон, инчунин сатҳи нокифояи донишҳои криминалистӣ ва техникии муфаттишонро дар бар мегиранд. Омили дигари таъсиррасон ба дурустии пешбурди азназаргузаронии ҷои ҳодиса истифодаи номуассири илми криминалистика мебошад, ки самаранокии тактикаи азназаргузаронии ҷои ҳодисаро коҳиш медиҳад.

Аз ин лиҳоз, таҳияи тавсияҳои ҳамаҷониба барои беҳтар кардани истифодаи илми криминалистика дар раванди азназаргузаронии ҷои ҳодиса барои муфаттишон, воҳидҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва коршиносони криминалистӣ аҳаммияти хосса дорад. Чунин тавсияҳо бо дарназардошти робитаи илмӣ, методологӣ, иттилоотӣ-техникӣ ва тактикии кор ба назар гирифта шудаанд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**. Мавзуи мазкур дар адабиёти илмӣ чандон таҳқиқ нашудааст. Таҳқиқотҳои гузаронидашуда асосан ҷанбаҳои қонунгузорӣ, самаранокии технология ва нақши муфаттишон дар раванди азназаргузаронии ҷои ҳодисаро дар бар мегирад. Тактикаи азназаргузаронии ҷои ҳодиса дар илми криминалистика мавқеи назаррасро ишғол карда, дар асарҳои як қатор олимони ватанӣ ва байналмилалӣ баррасӣ шудааст. Намояндагони мактаби классикии илми криминалистика саҳми назаррас дар рушди ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии азназаргузаронии ҷои ҳодиса гузоштанд, ки асарҳои онҳо мундариҷа, ҳадафҳо, принсипҳо ва тактикаи ин амали тафтишотиро ошкор мекунанд. Нуқтаҳои асосии ин мавзуъро олимони

зерин таҳқиқ кардаанд: А.И.Винберг [21], Р.С.Белкин [13], Ю.Д.Федоров [96], А.Н.Василев [17], Е.Е.Сентров [102], В.И.Попов [80], М.П.Шаламов [104], Х.Максутов [60], В.П.Сипковский [76], А.Г.Филиппов [97], Д.П.Рассейкин [81], С.В.Мурашова [88], В.В.Степанов [92]; В.П.Колмаков [48], В.И.Попов [79], К.В.Баришников [173].

Баъзе масоили азназаргузаронии ҷои ҳодиса аз тарафи олимони ватанӣ дар шакли таҳқиқотҳои диссертатсионӣ ва монографӣ, ҳамчунин зимни корҳои илмию таҳқиқотӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст, бахусус дар ин самт корҳои илмии муҳаққиқон М.С.Аҳмадзода [163], Д.С.Қодирзода [59], А.Қ.Назаров [140], З.Д.Ямоқова [161], Р.Ҳ.Раҳимзода [168], Зоир Ҷ.М. [38], Н.Самиев [169], Д.Давлатзода [166], Р.Р.Раҳмадҷонзода [83] ва З.Ҳ.Искандаров [41] дигарон назаррас мебошад.

Дар солҳои баъдӣ, муҳаққиқон ба такмили унсурҳои алоҳидаи тактикаи азназаргузаронии ҷои ҳодиса, аз ҷумла сабти далелҳо, истифодаи воситаҳои техникӣ ва ташкили гурӯҳҳои тафтишотӣ тамаркуз карданд.

Дар айни замон, бо рушди босуръати технологияҳои рақамӣ ва ҳамгироии онҳо ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, истифодаи маҳакҳои инноватсионӣ, аз қабили аксбардорӣ ва видеографияи рақамӣ, моделсозӣ, дастгоҳҳои бесарнишин ва унсурҳои зеҳни сунъӣ, дар адабиёти илмӣ бештар мавриди омӯзиш қарор мегирад.

Сарфи назар аз мавҷудияти шумораи зиёди асарҳои илмӣ, ки ба тактикаи азназаргузаронии ҷои ҳодиса ва ҷанбаҳои алоҳидаи татбиқи технологияҳои муосир бахшида шудаанд, бояд қайд кард, ки таҳқиқоти ҳамаҷониба, ки ба ҳамгироии системавии технологияҳои инноватсионӣ ба тактикаи ин амали тафтишӣ нигаронида шудааст, ҳанӯз ҳам нокифоя таҳия шудааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи «Барномаи давлатии муқовимат бо ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030», «Стратегияи пешгирии экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040» ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 феврали соли 2026 (№73) тасдиқ гардидааст ва корҳои

илмӣ-таҳқиқотии кафедраи криминалистика ва фаъолияти экпертизаи судии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзуи «Методикаи криминалистии тафтиши ҷиноятҳо муқобили ҳаёт ва саломатӣ» омода карда шудааст.

**ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ**

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади рисола таҳқиқи ҳамаҷонибаи принсипҳои тартибӣ, назариявӣ, ташкилӣ ва тактикии азназаргузаронии ҷои ҳодиса, инчунин муайян намудани хусусиятҳои истифодаи технологияи муосир дар раванди амали мазкур ва пешниҳод намудани тарзу усулҳои нави тактикии азназаргузаронии ҷои ҳодиса мебошад. Таваҷҷуҳи махсус ба муайян кардани мушкилот ва камбудиҳои мавҷуда дар амалияи тафтишӣ, таҳлили равишҳои ҷорӣ ва таҳияи тавсияҳои асоснокшуда равона карда шудааст, ки ба беҳтар кардани тактикаи азназаргузаронии ҷои ҳодиса ва баланд бардоштани самаранокии ошкоркунӣ ва тафтишоти ҷиноятҳо нигаронида шудаанд,

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

–таҳқиқи мафҳум ва моҳияти азназаргузаронии ҷои ҳодиса;

–муайян намудани аҳаммияти азназаргузаронии ҷои ҳодиса дар раванди тафтиши ҷиноят;

–муқаррар намудани мақсад, вазифа ва принсипҳои азназаргузаронии ҷои ҳодиса;

–таҳқиқи таъминоти техникӣ-криминалистии раванди азназаргузаронии ҷои ҳодиса;

–муайян намудани технологияҳои инноватсионӣ ҳангоми азназаргузаронии ҷои ҳодиса;

–муқаррар намудани хусусиятҳои тактикӣ-криминалистии марҳилаи омодагӣ ва азназаргузаронии ҷои ҳодиса;

–таҳқиқи тактикаи давраи таҳлилии азназаргузаронии ҷои ҳодиса;

–муқаррар намудани натиҷаҳои азназаргузаронии ҷои ҳодиса.

**Объекти таҳқиқоти** диссертатсионї маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятие мебошад, ки ҳангоми фаъолияти муфаттиш дар ҷои ҳодиса ба вуҷуд омада, муносибати ӯ бо дигар иштирокчиёни амали тафтиширо муайян мекунад, инчунин

фаъолияти кормандони воҳидҳои тафтишӣ, оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ташкил ва гузаронидани азназаргузаронии ҷои ҳодиса баромад мекунанд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот** қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ин муносибатҳои иштирокчиёни азназаргузаронии ҷои ҳодисаро танзим мекунанд, манбаъҳои доктриналӣ, ки ба масъалаҳои алоҳидаи тактикаи азназаргузаронии ҷои ҳодиса, инчунин амалияи тафтишӣ ва таҷрибаи муфаттишон мебошанд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Таҳқиқоти диссертатсионӣ даврахои тасдиқ ва омодасозии кор, инчунин муҳокимаи онро дар кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар бар мегирад. Фосилаи вақти таҳқиқот солҳои 2022-2026-ро фаро мегирад ва макони татбиқи он Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Дар рисола аз монографияҳо, таҳқиқоти диссертатсионӣ ва корҳои илмии олимони шинохтаи ватанӣ, Русия ва хориҷӣ истифода шудааст, ки онҳо паҳлуҳои гуногуни масъалаи баррасишавандаро фаро мегиранд. Баъзе паҳлуҳои масъалаи баррасишаванда дар асарҳои олимони зерин мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд: М.С.Аҳмадзода, Д.С.Қодирзода, А.Қ.Назаров, З.Д.Ямоқова, А.И.Винберг, Р.С.Белкин, Ю.Д.Федоров, А.Н.Василев, Е.Е.Сентров, В.И.Попов, М.П.Шаламов, Х.Максутов, В.П.Сипковский, А.Г.Филиппов, Д.П.Рассейкин, С.В.Мурашова, В.В.Степанов, В.П.Колмаков, В.И.Попов, К.В.Баришников.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асоси методологии рисоларо маҷмуи усулҳои умумии илмӣ ва махсус ташкил медиҳанд. Дар рафти таҳқиқи мавзуъ усулҳои зерин истифода шудаанд: мантиқӣ (барои пешниҳоди мавод ва таҳияи хулосаву тавсияҳо); таҳлили системавӣ (ҳангоми омӯзиши таъминоти техникӣ ва криминалистии азназаргузаронии ҷои ҳодиса); статистикӣ (ҳангоми таҳлили азназаргузаронии ҷои ҳодиса ва истифодаи воситаҳои техникӣ аз ҷониби муфаттишон); моделсозӣ (ҳангоми таҳияи тавсияҳо оид ба истифодаи воситаҳои

техникӣ ва криминалистӣ дар азназаргузаронии ҷои ҳодиса); муқоисаи ҳуқуқӣ (барои таҳлили танзими ҳуқуқии истифодаи азназаргузаронии ҷои ҳодиса дар ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо); иттилоотию таҳлилӣ (ҳангоми ҷамъбасти маводи таҳқиқоти илмӣ ва нашрияҳои даврӣ); таҳлили мундариҷа (ҳангоми интихоби маълумоти оморӣ ва муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ), инчунин дигар усулҳои таҳқиқот.

**Заминаҳои эмпирикии** таҳқиқоти диссертатсионӣ: маълумоти омории ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар давраи аз соли 2016 то соли 2026 тафтиш карда шудаанд; маводи 115 парвандаи ҷиноятие, ки аз ҷониби муфаттишон баррасї карда шудаанд ва дар доираи онҳо аз усулҳои тактикаи криминалистикї истифода шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот**. Нававарии илмии ин таҳқиқоти диссертатсионї дар шакли зерин инъикос меёбад: Бори аввал ҷанбаҳои тактикии азназаргузаронии ҷои ҳодиса дар сатҳи диссертатсия бо назардошти истифодаи мунтазами технологияҳо ва тактикаи криминалистӣ дар амалияи тафтишӣ ба таври ҳамаҷониба баррасӣ карда шуданд. Принсипҳои назариявии тактикаи азназаргузаронии ҷои ҳодиса дар робита бо рақамикунонӣ, аз ҷумла таъсири технологияи муосир ба мундариҷа ва сохтори равишҳои тактикӣ, равшан таҳия карда шуданд. Бори аввал равиши сохторӣ барои ворид кардани технологияҳои инноватсионӣ (сканери 3D, дастгоҳҳои бесарнишин, визуализатсияи рақамӣ) ба раванди азназаргузаронии ҷои ҳодиса пешниҳод карда шуд, ки дақиқӣ ва такроршавандагии маълумоти тафтиширо таъмин мекунад. Алгоритми хусусии амалҳои тафтишӣ ҳангоми азназаргузаронии ҷои ҳодиса бо истифода аз технологияҳои муосир таҳия шудааст, ки сабти рақамии қадам ба қадам ва коркарди минбаъдаи таҳлилии маълумотро дар бар мегирад. Тавсияҳои илмӣ оид ба беҳтар кардани тактикаи азназаргузаронии ҷои ҳодиса бо назардошти ҷанбаҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва техникии татбиқи технологияҳои инноватсионӣ таҳия карда шуданд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1.Тактикаи таҳияшудаи азназаргузаронии ҷои ҳодиса маҷмуи ҳаракатҳои тафтишӣ, ки ошкорсозии низомноки аломатҳои сифатӣ ва миқдорӣ,

фардикунондани объектҳо, инчунин истифодаи таҳлили муқоисавӣ ва барқарорсозиро дар бар мегирад, ки ба баланд бардоштани боэътимодӣ ва пуррагии сабти далелҳо мусоидат менамояд. Истифодаи усулу воситаҳои тактикӣ ба истифодаи самараноки предметҳои азназаргузаронӣ ҳамчун далелҳои шайъӣ мусоидат намуда, хавфи ивазшавӣ ё аз даст рафтани иттилоотро дар ҷараёни тафтиши пешакӣ коҳиш медиҳад. Таҳлили амалияи муосири азназаргузаронии ҷои ҳодиса нишон медиҳад, ки сарфи назар аз талаботи қонунгузорӣ (моддаҳои 172 ва 187 КМҶ ҶТ), дар қисми назарраси ҳолатҳо вайрон гардидани қоидаҳои бастабандӣ ва муҳргузории объектҳои гирифташуда, инчунин истифодаи нопурраи воситаҳои иловагии сабт (нақшаҳо, схемаҳо, аксбардорӣ, наворбардории видеоӣ) мушоҳида мегардад. Ин камбудиҳо метавонанд арзиши исботсозии маводи парвандаро коҳиш дода, барқарорсозии холисона ва ҳамаҷонибаи ҳодисаҳои ҷиноятиро душвор созанд. Татбиқи дуруст ва пайдарпайи ҳамаи воситаҳои сабт, аз ҷумла нақшаҳои ибтидоӣ ва ниҳоӣ, аксҳои нишонагиранда ва муфассал, инчунин наворбардории видеоии амалҳои динамикӣ дар ҷои ҳодиса, намоёнӣ, пуррагӣ ва боэътимодии ҳуқуқии маводи азназаргузарониро таъмин менамояд. Ҳамзамон, истифодаи аз ҳад зиёди нақшаҳои кушодашуда ва миқёсӣ бидуни зарурат боиси талофи вақт ва коҳиши фаврияти тафтиш мегардад.

2. Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии азназаргузаронии ҷои ҳодиса ва таҳлили ҳамаҷонибаи далелҳои ҷиноятӣ пешниҳод мегардад, ки усулҳои анъанавии муайянкунии изҳои ангушт, дандон, пой ва нақлиёт бо технологияҳои рақамӣ ва моделсозии фарогир муттаҳид карда шаванд. Ин муттаҳидсозӣ бояд бо истифодаи сабтҳои 3D, аксбардории баландсуръат, системаҳои визуализатсия ва алгоритмҳои сунъии интеллект татбиқ гардад. Назарияи пешниҳодшуда имконият медиҳад, ки ҷойгиршавии ҳама гуна изҳои ҷиноятӣ таҳлил шуда, эҳтимолияти тасодуфӣ ва алоқамандии онҳо бо ҳодиса бо дақиқии баланд арзёбӣ гардад. Моделсозии динамикӣ ва визуализатсияи ҳаракати гумонбарон имкон медиҳад, ки раванди содиршавии ҷиноят бо назардошти ҳамаи ҷанбаҳои механикӣ ва физикӣ барқарор карда

шавад. Истифодаи ин усул хатоҳои инсонӣ ва талафоти далелҳоро кам намуда, таҳлили интегралӣ ва омехтаи изҳои гуногуни ҷиноятиро таъмин менамояд.

3. Технологияҳои рақамӣ имкониятҳои таҳқиқи пайҳои ҷиноятро ба таври назаррас васеъ мекунанд. Онҳо метавонанд макони эҳтимолии пайҳоро пешгӯӣ кунанд, робитаҳои байни объектҳои ёфтшуда ва ҳодисаи таҳқиқшавандаро муайян кунанд ва роҳҳои мураккаби ҷиноятиро аз нав созанд. Ин равиш сатҳи илмӣ ва амалии тафтишотро беҳтар мекунад ва дар айни замон ба муфаттишон дар рушди малакаҳо дар истифодаи воситаҳои муосири рақамии криминалистӣ кӯмак мекунад. Ташкили азназаргузарони ҷойи ҳодиса, инчунин тартиби таҳлили далелҳои ҷисмонӣ низ ба таври назаррас тағйир меёбад. Аз ҷумла, сканеркунии 3D - сеандоза - триангуляцияи лазерӣ, рӯшноии сохторӣ, фотограмметрия ва системаҳои лидар - имкон медиҳад, ки ҳатто хурдтарин тафсилоти муҳити зист дақиқ сабт карда шавад. Сканнерҳои фаъол қисми назарраси андозагириро автоматӣ мекунанд ва натиҷаҳои дақиқтар ба даст меоранд, дар ҳоле ки вобастагӣ аз хатои инсониро кам мекунанд.

4. Рақамигардонии азназаргузаронии ҷои ҳодиса ва ҳамгироии технологияҳои инноватсионӣ заминаҳоро барои ташаккули платформаи ягонаи миллии маълумоти криминалистӣ фароҳам меорад, ки дар он моделҳои 3D, сабтҳои аксӣ, видеоӣ ва аудиоӣ, инчунин пойгоҳҳои маълумотии мутахассисон муттаҳид карда мешаванд. Усулҳои муосири аксбардории криминалистӣ ва таҳлили мултиспектралӣ ҳангоми азназаргузаронии ҷои ҳодиса, аз ҷумла Crime-lite AUTO, биосенсорҳо ва дастгоҳҳои иммунохроматографӣ, имкон медиҳанд изҳои биологӣ, моддаҳои нашъадор, доруворӣ ва дигар объектҳои микроскопӣ ошкор ва сабт карда шаванд. Ин раванд ҷамъоварии далелҳоро тезтар ва босифаттар гардонида, инчунин имкон медиҳад шиносоии объектҳо дар режими вақти воқеӣ анҷом дода шавад. Ин раванд ба баланд гардидани шаффофияти амалҳои тафтишӣ, беҳтар шудани ҳамкории байни мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ташаккули заминаи

боэътимоди исботӣ мусоидат намуда, хатоҳои субъективиро ба ҳадди ақал мерасонад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот аз** муқаррароти пешниҳодшуда иборат аст, ки ба такмили асосҳои назариявӣ ва амалии таъминоти техникӣ-криминалистии азназаргузаронии ҷои ҳодиса нигаронида шудаанд. Ақидаҳо ва тавсияҳои назариявӣ, ки дар рисола асоснок шудаанд, метавонанд ба таҳияи тактикаи азназаргузаронии ҷои ҳодиса, аз ҷумла ба вуҷуд овардани усулҳои махсуси криминалистӣ бо назардошти технологияҳои муосир мусоидат кунанд. Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои он барои амалияи тафтишӣ муфид буда, фаъолияти онҳо дар гузаронидани азназаргузаронии ҷои ҳодиса ва дигар амалҳои мурофиавӣ бо назардошти захираҳои муосири техникӣ ва криминалистӣ беҳтар мегардад. Хулоса ва тавсияҳои рисоларо метавон дар раванди таълим дар соҳаи фанни криминалистика истифода бурд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсия бо истифодаи усулҳои муосир, ки ба ҳадаф ва вазифаҳои кор мувофиқанд, муайян карда мешавад. Натиҷаҳои илмӣ, тавсияҳо ва хулосаҳо дар асоси сарчашмаҳои қонунгузорӣ ва амалияи судӣ, маълумоти ҷамъоваришудаи оморӣ, ҷамъбасти таҷрибаи судӣ ва таҳлили як қатор парвандаҳои ҷиноятӣ таҳия карда шудаанд. Илова бар ин, эътимоднокии натиҷаҳоро таҳлили Конститутсия ва Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ, Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ ва қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳуҷҷатҳои дигар асоснок мекунанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2025, №10 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот аз он иборат аст, ки натиҷаҳои илмии бадастоварда, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ ва амалӣ, тавсияҳо ва муқаррароти асосие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд, метавонанд дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва муфаттишони, дар тафтиши ҷиноятҳо, инчунин ҳангоми таҳия ва такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки ба истифодаи воситаҳои техникӣ-криминалистӣ ва амалияи татбиқи ҳуқуқ марбутанд, мусоидат кунанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**. Таҳқиқоти илмӣ дар кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ омода ва мавриди муҳокимаи илмӣ қарор гирифтааст.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмиву амалии сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, мизҳои мудаввар ва дигар чорабиниҳои илмӣ дар шакли маърузаи илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд:

а) Байналмилалӣ:

– конфронси байналмилалӣ бахшида ба 100-солагии В.А. Ойгензихт дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии сармоягузории сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» - маърӯза дар мавзуъ «Таҳқиқоти криминалистии азназаргузаронии ҷои ҳодиса» (душанбе, 2024);

– конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ дар мавзуи “Зеҳни сунъӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ ва нақши он ба рушди соҳибкорӣ” дар ҳошияи қатъномаи маҷмааи умумии СММ “Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконияти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ” аз 25 июли соли 2025 бо ибтикори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълони солҳои 2025-2030 “Солҳои рушди иқтисодӣ ва инноватсия” – маърӯза дар мавзуи “Мафҳум, принсип ва вазифаҳои азназаргузаронии ҷойи ҳодиса” (ш.Душанбе, 24-уми октябри соли 2025);

– конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ бахшида ба таҷлили Рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон, 80-умин солгарди таъсисёбии СММ, эълони солҳои

2025-2030 “Солҳои рушди иқтисодӣ ва инноватсия” ва қабул гардидани қатъномаи маҷмаи умумии СММ зери унвони “Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконияти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ” – маърӯза дар мавзуи “Аҳаммияти вазифа ва принсипҳои азназаргузаронии ҷойи ҳодиса” (ш. Душанбе, 05-уми декабри соли 2025).

б) Ҷумҳуриявӣ

– конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандон унвонҷӯён ва докторантони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба “35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳуруии Тоҷикистон” – маърӯза дар мавзуи “Хусусиятҳои тактикики криминалистии азназаргузаронии ҷойи ҳодиса” (ш. Душанбе, 2026).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он аз ҷониби унвонҷӯ 5 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла, 4 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 1 мақола дар нашрияҳои дигари илмӣ ба табъ расидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, 7 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 204 саҳифаро ташкил медиҳад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ АЗНАЗАРГУЗАРОНИИ ҶОИ ҲОДИСА

## 1.1. Мафҳум, моҳият ва аҳаммияти азназаргузаронии ҷои ҳодиса

Дар илми ҳуқуқшиносии муосир мафҳуми азназаргузаронии ҷои ҳодиса диққати олимонро бештар ба худ ҷалб намуда, он дар амалияи тафтишӣ аз амалҳои бештар истифодашаванда ба шумор меравад. Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки дар низоми тамоми амалҳои тафтишӣ ин амали ҳуқуқӣ мавқеи намоёнро ишғол мекунад. «Ин раванд фарогири маҷмуи амалҳои мақсадноки муфаттиш мебошад, ки ба дарки бевоситаи аломатҳои хоси ашёҳои олами моддӣ нигаронида шуда, барои муайян намудани ҷои ҳодиса, муфассал омӯхтани муҳити атроф, ошкор намудани олоти ҷиноят, замина фароҳам меорад» [24, с. 501]. Дар баробари ин, чунин амал ба муайян кардани дигар ҳолатҳое, ки аз содир шудани ҷиноят далолат медиҳанд ва ё барои баррасии объективии парвандаи ҷиноятӣ аҳаммияти калон доранд, нигаронида мешавад.

Дуруст муайян кардани мафҳуми азназаргузаронии ҷои ҳодиса ҳамчун амали тафтишӣ нақши калидӣ дорад. Он имкон фароҳам меорад, ки моҳияти мафҳуми азназаргузаронии ҷои ҳодиса дуруст арзёбӣ гардад ва тавассути ин раванд мавқеи он дар низоми амали тафтишӣ бозгӯӣ шавад. Дар ҳалли масъалаи фарқ кардани чунин амалҳои ба якдигар монанд: азназаргузаронии маҳал, манзил ва иншоотҳои дигар таърифи дақиқи ин мафҳуми ҳуқуқӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад.

Дар илми ҳуқуқшиносӣ олимон дар бораи ин мафҳум андешаҳои мухталиф баён кардаанд [120, с. 94; 96]. Тафсири баҳсталаби мафҳуми азназаргузаронии ҷои ҳодиса духӯрагиро ба миён меорад ва дар ин замина мафҳуми азназаргузаронии ҷои ҳодиса бо дигар амалҳои тафтишӣ, аз ҷумла, кофтуков, озмоиш ва ё санҷиши нишондод дар ҷои ҳодиса омехтагӣ пайдо мекунад.

Дар ташаккули мафҳуми ҳуқуқии азназаргузаронии ҷои ҳодиса дар илми криминалистии даврони шуравӣ олимони маъруфе чун И.Н.Якимов [159, с. 108; 129], В.И.Громов [29, с. 114], А.И.Винберг бо корҳои арзишманди илмии худ нақши босазо гузоштаанд. Ба андешаи А.И.Винберг мафҳуми азназаргузаронии ҷои ҳодиса бояд ҳамчун «амали тафтишии мансуб ба омӯзиши механизми ҳодиса, ба қайд гирифтани ҳолатҳои ҷиноят тавсиф карда шаванд, ки онҳо бо мақсади ошкор, ҳифз омӯзиши минбаъдаи изи ҷиноят ва муайян кардани ҳолатҳои ҳодисаи рухдода роҳандозӣ карда шудаанд» [21, с. 272].

Дар илми ҳуқуқшиносӣ баррасии илмии мафҳуми ҷои ҳодиса баҳсталаб ба назар мерасад. Ҳамзамон, дар баробари мафҳуми «ҷои ҳодиса» мафҳуми «ҷои ҷиноят»-ро дар адабиёти илмӣ истифода мебаранд, ки ин нукта барои дарки ин категорияҳои ҳуқуқӣ халал эҷод менамояд.

Барои баррасии ин мафҳумҳои ҳуқуқӣ аз назар гузаронидани андешаҳои олимони соҳа ба манфиати кор мебошад. Ба таври мисол, Р.С.Белкин мафҳуми ҷои ҷиноятро он минтақа ва ё маҳале меҳисобад, ки дар атрофи он изи ҷиноят ошкор карда мешавад ва дар баробари ин, ҷиноят метавонад дар ҷои ошкоршуда ва ё дар ҷои дигар содир карда шавад [13, с. 272]. Бо дарназардошти ин, ҳангоми пайдо шудани изи ҷиноят дар ҷойҳои гуногун дар як парванда якчанд ҷои ҷиноят мавҷуд буда метавонад.

Барои тақвияти андешаҳои хеш муаллиф қайд менамояд, ки «дар фарқият аз ҷои ҳодиса мафҳуми ҷои ҷиноят он маҳалле ба шумор меравад, ки ҷиноят содир шудааст ва ё ҳолати ҷиноятӣ ба амал омада, изи онро берун аз ин минтақа низ пайдо метавон кард» [12, с. 266].

«Дар асоси таҳлили ин муқаррарот метавон гуфт, ки ҳангоми содир намудани ҷиноят мувофиқат кардан ва накардани ҷои ҷиноят ва изи онро метавон мушоҳида кард.

Р.С.Белкин дар робита ба вазъияти баррасишаванда қайд мекунад, ки агар ҷиноят дар ҳамон ҷое, ки изи он пайдо шудааст, содир шуда бошад, пас, ҷои ҳодиса ва ҷои ҷиноят ба ҳам мувофиқат менамоянд» [13, с. 272]. Аммо андешаи муаллифро дар чӣ гуна баҳо додани ҳолати мазкур наметавон дарёфт, яъне ин ҷойро ҷои ҷиноят бояд ҳисобид ва ё ҷои ҳодиса.

Дар асоси таснифоти пешниҳодҳои мавҷуда оид ба муайян кардани ҷои ҳодиса онро метавон ба ду гурӯҳ тақсим кард: тафсири васеъ ва мухтасари ҷои ҳодиса.

Ҷонибдорони тафсири васеи мафҳуми ҷои ҳодиса на танҳо ҷои содир шудани ҷиноят, балки ҷои ошкор шудани изи онро низ мефаҳманд. Яке аз тарафдорони чунин андеша А.Н.Василев ҷои ҳодисаро чунин тавсиф менамояд, ки он макон «пеш аз ҳама, ҷои содир шудани ҷиноят буда, инчунин он макон метавонад ҷои пайдо шудани ҷасади шахси дар ҷои дигар кушташуда, ҷои пайдо шудани амволи дуздидашуда, ошкор кардани автомобил пас аз пахш кардани пиёдагард ва фирор кардан, олоти ҷиноят ва дигар далелҳои шайъии мансуб ба ин ҷиноят бошанд» [11, с. 377].

Ю.Д.Федоров ин андешарониро ҷонибдорӣ карда, илова менамояд, ки зери мафҳуми ҷои ҳодиса «ҳудуде (бино, минтақа) фаҳмида шавад, ки он ҷой ҳодисаи мавриди назари мақомоти тафтишӣ ба вуқуъ пайвастааст (ва ё оқибатҳои он ошкор шудааст)» [96, с. 108].

Вобаста ба хусусияти худ ин мафҳум гуногун арзёбӣ мешавад. Дар мавриди содир кардани ҷиноят дар соҳаи иттилооти компютерӣ мавҷудияти чанд ҷои ҳодисаро зикр кардан мумкин аст: маҳалли коркарди иттилоот ҳамчун объекти таарруз дар ҷиноят; макони дурдаст барои идоракунии захираҳои шабака, нигоҳдорӣ ва нусхабардории иттилооте, ки мавриди ҳамлаи ҷиноятӣ қарор гирифтааст, ҷои истифодаи воситаҳои техникӣ барои дастрасии беиҷозат ба иттилооти

компютерӣ, барои эҷод, истифода ва паҳн кардани барномаҳои зараровари компютерӣ, макони пайдоиши омилҳои зараровар.

Олимон Т.С.Седова ва А.Эксархопуло нисбат ба ин ҳолат назари дигар доранд. Ба андешаи онҳо «ҷойи ҳодиса на танҳо ҷои содир шудани ҷиноят, балки ҷои пайдо шудани изи гуногуне мебошад, ки алоқаи онро бо ҷиноят нишон медиҳанд. Одатан, он ҷоест, ки ҷиноят омода мешавад, дар он ашёи таарруз, олоти ҷиноят ва дигар далелҳои шайъӣ пинҳон карда мешаванд [44, с. 104].

Ба андешаи Е.Е.Сентров «ҷойи ҳодисаро ҳамчун минтақа ва ё биное бояд муайян намуд, ки дар онҳо осор ва объектҳои марбут ба ҳодисаи тафтишшаванда пайдо мешаванд» [102, с. 781]. Дар китобҳои дарсӣ низ ин нукта қайд гардидаанд. Умуман, муаллифони дигари соҳа низ чунин андешаронихоро ҷонибдорӣ менамоянд [42, с. 474 ].

Баъзан дар адабиёти криминалистӣ оид ба таърифи азназаргузаронии ҷои ҳодиса нуктаҳои баҳсталабро метавон мушоҳида кард. Масалан, В.И.Попов азназаргузаронии ҷои ҳодисаро ҳамчун «маҷмуи чорабиниҳои тафтишӣ, ҷустуҷӯӣ ва ҷустуҷӯи фаврии изи ҷиноят арзёбӣ кардааст» [80, с. 222]. Ин мафҳуми ҳуқуқӣ амалҳои дорои хусусиятҳои комплексиро фаро гирифта, дар муқоиса ба санҷиш он фарогири усули мурофиавии амалиявӣ мебошад. Чунин таъриф духӯрагиро дар тавсифи амали тафтишӣ нисбати амалҳои дигар ба миён меорад. Бо дарназардошти ин гуфтаҳо А.И.Миронов азназаргузаронии ҷои ҳодисаро ҳамчун амали муҳимми тафтишӣ эътироф намуда, дар баробари ин мазмуни онро ба таври дақиқ ошкор намекунад. Ин нуктаро М.П.Шаламов ба таври васеътар бозгӯӣ намуда, ӯ азназаргузаронии ҷои ҳодисаро ҳамчун амали тафтишӣ муайян мекунад, ки ин раванд дар ошкор кардани ҷиноят ва муайян кардани ҷинояткорон мавқеи муҳимро ишғол мекунад [104, с. 336].

Аз таҳлили парвандаҳои ҷиноятӣ дар давраи аз соли 2020 то 2026 бармеояд, ки аз 125 ҳолати азназаргузаронии ҷои ҳодисаи ҷинояти берун

аз ҷои ҷиноят содиршуда муфаттишон ду маротиба ҳангоми пайдо шудани ҷасад тафтиш гузаронидаанд; шаш маротиба ҳангоми ошкор сохтани олоти содир намудани ҷиноят, се маротиба ҳангоми ошкор шудани воситаи нақлиёти аз ҷои ҳодиса фироркарда; даҳ маротиба дар мавриди ошкор шудани ашёи дуздидашуда, азназаргузарони ҷои ҳодиса гузаронидаанд. Масалан: «Азназаргузаронии ҷои ҳодиса санаи 09 январи соли 2025, соати 08:45 оғоз гардида, вобаста ба парвандаи ҷиноятии №964 амалӣ карда шуд. Ҷои ҳодиса дар ҳудуди шаҳри Душанбе, ноҳияи ноҳияи Фирдавсӣ, назди маркази савдои «Ҳафт ахтар» воқеъ мебошад. Дар рафти азназаргузаронӣ муайян карда шуд, ки объекти асосии азназаргузаронӣ ҳудуди назди маркази савдои мазкур мебошад ва дар минтақаи дорои инфрасохтори савдо ва хизматрасонӣ ҷойгир аст. Аз тарафи чапи ҷои ҳодиса нуқтаҳои савдо, аз ҷумла дорухона, мағозаҳои масолеҳи сантехникӣ ва таваққуфгоҳи автомобилҳо мавҷуд мебошанд. Дар наздикии маҳалли ҳодиса истгоҳи нақлиёти ҷамъиятӣ ҷойгир аст. Аз тарафи рост роҳрави пиёдагардон воқеъ мебошад. Рӯ ба рӯйи таваққуфгоҳ бинои сеошёнаи маркази савдои «Ҳафт ахтар» қарор дорад. Аз тарафи рости он нуқтаи фурӯши сӯзишвории Газпромнефт ҷойгир мебошад. Ҳангоми азназаргузаронии мавзеъ дар қисми таваққуфгоҳ воситаи нақлиёти тамғаи **Toyota Corolla** дарёфт карда шуд. Воситаи нақлиёти мазкур ранги сафед дошта, рақами қайди давлатии он **0000 01 PT** мебошад. Дар рафти муоинаи зоҳирии воситаи нақлиёт ҳолати умумии техникӣ, мавҷудияти осебҳои эҳтимолии механикӣ, ҳолати шишаҳо, дарҳо ва қисмати бағоҷ мавриди санҷиш қарор дода шуд. Ҷойгиршавии воситаи нақлиёт нисбат ба объектҳои атроф (таваққуфгоҳ, роҳрав, бинои маркази савдо) дақиқ сабт гардида, ченкуниҳои зарурӣ анҷом дода шуданд. Бо назардошти он ки воситаи нақлиёти мазкур дар ҳудуди бевоситаи ҷои ҳодиса қарор дошт, он ҳамчун объекти дорои аҳаммияти эҳтимолии исботӣ арзёбӣ гардида, вобаста ба талаботи мурофиавии амалкунанда ба таври дахлдор ҳуҷҷатгузорӣ ва аксбардорӣ

карда шуд» [189]. Мисоли овардашуда аз он далолат медиҳад, ки дар раванди азназаргузаронии ҷои ҳодиса на танҳои ҷои ҷинояти содиршуда таҳқиқ карда мешавад, балки ҳангоми дарёфти предмет ва ё олотҳои содиршавии ҷиноят ва ё инки дарёфти далелҳои ҷиноят низ зарурияти азназаргузаронии ҷои ҳодисаи дарёфтшуда ба миён меояд.

Як қатор норасоиҳо дар консепсияи тафсири васеи ҷои ҳодиса вуҷуд дорад, ки бозгӯии онҳо ба манфиати кор мебошад.

Аввало, ҷонибдорони ин мафҳум ба он такя менамоянд, ки ошкорсозии изи ҳодисаи баррасишаванда тафтиши ҳамаҷонибаро талаб намуда, он ҳамчун рӯйдод (ҳодиса) арзёбӣ мешавад ва макони ошкор шудани ин изҳо ҷои ҳодисаро ташкил медиҳанд.

Ин мафҳум дар асарҳои Х.Максутов бештар баррасӣ шудааст. Ба андешаи ин муҳаққиқ азназаргузаронии ҷои ҳодиса «амали ибтидоӣ, зарурӣ ва муҳиму ивазнашаванда» тавсиф мегардад [60, с. 40]. Бо вуҷуди чунин баррасиҳо моҳияти илмии ин мафҳум тавзеҳталаб боқӣ мемонад. Барои равшанӣ андохтан ба ин масъалаи муҳим зарурати баррасии андешаҳои олимони дигари соҳа пеш меояд. В.П.Сипковский азназаргузаронии ҷои ҳодисаро ҳамчун «амали тафтишӣ ва оперативӣ» эътироф менамояд, ки ин хусусият ҷанбаҳои мурофиавии амалро фарогир намебошад [103, с. 320]. Албатта, ошкор сохтани баъзе ашёҳо (ҷасад ё қисмҳои он, силоҳи оташфишон) водор месозад, ки нисбати чунин ҳодиса беэътиборӣ зоҳир нанамоем. Аз таҳлили адабиёти мавҷуда ва баррасии андешаҳои олимони соҳа бармеояд, ки ҳангоми тафтиши як ҷиноят (масалан, одамкушӣ) бояд якчанд маротиба ҷои ҳодиса аз назар гузаронида шавад, яъне биноҳое, ки ҷиноят воқеан рух додааст; ҷойҳое, ки ҷинояткор ҷасадро интиқол додааст; маҳалли ошкор шудани нақлиёте, ки дар он ҷинояткор ҷасадро мебурд; ҷойҳое, ки дар он ҷой олоти ҷиноятӣ пайдо карда шудаанд ва ғайра мавриди тафтиш қарор гиранд.

Дар ин самт масъалаҳои баҳсталаб зиёданд, ки сарфи назар кардани омилҳои одитарин боиси мушкилиҳо дар амали тафтишӣ мегарданд. Олимони соҳа ба мафҳумҳо ҷои ҳодиса ва ҷои ҷиноят бештар диққат дода, онҳоро ба таври гуногун тавзеҳ медиҳанд. Ба андешаи олимон А.Н.Василев, Ю.Д.Федоров ҷои ҳодиса, пеш аз ҳама, ҷои содир шудани ҷиноят мебошад.

Баъдан, як қатор олимон, аз ҷумла Е.Е.Сентров [102, с. 781], А.Г.Филиппов [97, с. 687] байни мафҳумҳои ҷои ҷиноят ва ҷои ҳодиса фарқият мегузоранд, ки мафҳуми аввал ҷои содир шудани ҷиноят ва дуюмин ҷои ошкор шудани изи ҷиноятро ифода менамоянд. «Ба андешаи ин муҳаққиқон агар ҷиноят дар як ҷой содир шуда, изи он дар ҷои дигар пайдо шавад, пас ҳам ҷои ҷиноят ва ҳам ҷои ҳодиса муайян ҳисобида мешавад» [97, с. 687].

Аз таҳлили адабиёти мавҷуда метавон хулосабарорӣ кард, ки муҳаққиқони соҳа ҳангоми баррасии ин мафҳумҳо бештар ба ҷанбаҳои назариявии ин истилоҳот диққатро равона сохтаанд. Дар ин маврид диққати онҳоро бештар ҷои ошкор шудани изи ҷиноят ҷалб менамояд, на ҷои содир шудани ҷиноят, ки ин омил боиси пайдоиши масъалаҳои мубраму баҳсталаб дар ин самт гардидааст. Бо дарназардошти ин масъалагузорӣ метавон гуфт, ки муҳаққиқон байни ҷои ҳодиса ва ҷои ҷиноят камтар фарқият гузоштаанд ва дар ин асос зарурати тафтишоти иловагӣ ба миён меояд. Ин масъалагузорӣ эътимодбахш буда наметавонад, зеро ки дар вақти тафтиш муфаттиш на ҳамеша оид ба ҷои ҷиноят ва хусусиятҳои ҷиноятии он маълумоти кофӣ дар даст оварда метавонад.

Сеюм, агар макони ошкор шудани изи ҷиноят, берун аз ҷои ҳодиса ҳамчун тафтиши ҷои ҳодиса мавриди омӯзиш қарор гирад, пас азназаргузаронии он ба сифати мафҳуми азназаргузаронии ҷои ҳодиса бозгӯӣ мешавад ва дар ин маврид алоқамандии азназаргузаронии ҷои

ҳодиса бо мафҳуми азназаргузаронии маҳал, бино ва иншоот норавшан боқӣ мемонад.

Қонунгузор ҳангоми интихоби манзили истиқоматӣ ва минтақаҳои муайян ҳамчун объектҳои алоҳидаи тафтишӣ диққати асосиро ба хусусияти ҳуқуқии онҳо равона месозад, на ба усулҳои амалии тафтиши онҳо. Муайян кардани хусусияти ҳуқуқии ин объектҳо барои қонунгузор аҳаммияти аввалиндараҷа дорад, зеро ки дар ин раванд ҳуқуқҳои истиқоматкунандагон ва кафолати ҳуқуқии муассасҳои дар ин ҳудуд ҷойгирифта мадди назар гирифта шаванд. Вобаста ба усули тафтиш ягон фарқият миёни азназаргузаронии ҷои ҳодиса, макони зист ва маҳал ба назар намерасад.

Дар амалия ҳангоми тафтиши чунин навъи амали тафтишӣ азназаргузаронии такрорӣ сурат мегирад, ки он бесабаб нест. Сабаби асосии азназаргузаронии такрории маҳал ва бино дар баробари тафтиши ҷои ҳодиса дар он аст, ки изи ҷиноят ба маънои умумии онҳо, яъне, вобаста ба тайёрӣ, содир кардан ва пинҳон кардани изи ҷиноят, на танҳо дар минтақае метавон пайдо кард, ки ҷиноят дар дохили он ҳодиса рух додааст, балки берун аз ҳудуди он, яъне берун аз он – дар дигар биноҳо ва маҳал пайдо карда мешаванд. Дар акси ҳол ин навъи тафтишот дар маҳал ва бино аҳаммияти худро аз даст медиҳад.

А.Н.Василев масъалаи гузаронидани ин ё он навъи тафтишро вобаста ба мавҷудияти изи ҷиноят дар маҳалли тафтиш қобили қабул меҳисобанд. Дар ин самт андешаи олимон баъзан баҳсталаб ба назар мерасад. А.Н.Василев бар он андеша мебошад, ки «азназаргузаронии маҳал ва бино бояд дар ҳолатҳое анҷом дода шавад, ки зарурат ба санҷиш ба вуҷуд ояд, бо вуҷуди он ки дар ҷои ҳодиса изи моддии ҷиноят боқӣ намондааст. Масалан, агар шахси порадиҳанда дар бораи вазъи он ҳуҷрае, ки ришва додааст, нақл намояд, пас метавон тавассути санҷиш ҳолати аслиро муайян сохт» [17, с. 377].

Ин ақидаи А.Н.Василев, ба назари мо, тавзеҳталаб мебошад, зеро ки қаблан худи ӯ бар он андеша буд, ки «ҷойи ҳодиса пеш аз ҳама ҷои содир шудани ҷиноят» яъне ҳуҷрае, ки дар он ришва дода шудааст, ҷои ҷиноят аст, бинобар ин муфаттиш бояд ҷои ҳодисаро аз назар гузаронад. Аз ин гуфтаҳои муаллиф метавон хулосабарорӣ кард, ки намудҳои гуногуни амали тафтишии ҷиноятӣ барои ҳалли вазифаҳои гуногун гузаронида мешаванд, масалан, азназаргузаронии ҷои ҳодиса барои ошкор кардани изи ҷиноят ва азназаргузаронии маҳал ва ё бино барои муайян кардани ҳолати ҳодиса ё дигар омилҳои муҳимми парванда.

Чунин мавқеъгириро дар асарҳои А.Г.Филиппов низ метавон мушоҳида намуд. Ба андешаи ин олим азназаргузаронии бино ва майдонҳо танҳо дар ҳолате анҷом дода мешавад, ки «ҳангоми тафтиш ошкор кардани ягон изи ҷиноят дар назар дошта нашуда, дар айни замон тавассути тафтиш ҳолатҳои барои парванда муҳимро метавон муайян сохт» [97, с. 687].

Ин маънои онро дорад, ки агар дар манзил ва ё макони ҳодиса изи ҷиноят ба монанди ҷасад, силоҳ, амволи дуздидашуда ва ғайра пайдо шавад, пас муфаттиш бояд азназаргузаронии ҷои ҳодисаро ба роҳ монад. Вале агар чунин ашёҳо пайдо нашаванд ва ё эҳтимолияти пайдо кардани онҳо набошад ва ё агар зарурати муайян кардани ҳолатҳое, ки барои парванда аҳаммият доранд, вуҷуд дошта бошад, пас азназаргузаронии маҳал ва ё бино анҷом дода мешавад.

«Аксари муаллифон моҳияти азназаргузаронии ҷои ҳодисаро танҳо дар ошкор кардани изи ҷиноят мебинанд, масалан, ҳолат ва шароити рух додани ҳодиса, сабабҳо ва омилҳое, ки ба содир шудани ҷиноят мусоидат кардаанд ва ғайра коҳиш медиҳад» [97, с. 687]. Ин муносибат метавонад ба амалияи ошкорсозии ҷиноят таъсири манфӣ расонад.

Масъалаи муҳим он аст, ки агар муфаттиш ҳангоми аз назар гузарондани маҳал, манзил ва ё дигар бино тасодуфан изи ҷиноятро ошкор кунад, пас дар ин ҳолат чӣ чораҷӯӣ бояд кард. Дар ин ҳолат ягона

роҳи имконпазир ин анҷом додани санҷиши бино ё минтақа, тартиб додани санади дахлдор ва оғози азназаргузаронии ҷои ҳодиса мебошад. Албатта, аз ҳолати кор бармеояд, ки дар ин раванди мураккаб низоми ҳуқуқӣ масъалаҳои баҳсталаб зиёд буда, маҳз дар ҳамин замина норавшаниҳо дар тафсири мафҳумҳои ҳуқуқии «ҷойи ҷиноят» ва «ҷойи ҳодиса» ба миён меоянд.

Е.Е.Сентров чунин мешуморад, ки тафтиши минтақа ва ё бино аз ҷониби муфаттиш барои муайян кардани ҳолатҳои барои тафтишот муҳим анҷом дода мешавад ва ба сифати намуна азназаргузаронии минтақа ё биноро ҳангоми тайёрӣ ба амали тафтишӣ ва ё санҷиши нишондодҳо дар ҷои ҳодиса роҳандозӣ менамояд [102, с. 781].

Аз нигоҳи мантиқи ҳуқуқӣ мо ин мавқеъро комилан ғайри қобили қабул мешуморем, зеро он боиси омехта гардидани якчанд амали тафтишӣ мегардад, ки ҳар кадоми онҳо мустақиланд.

Барои такмил додани тафсири ин мафҳуми ҳуқуқӣ олимон пайваста талош кардаанд. Ба таври мисол, Н.Власенко ва А.Иванов қайд мекунанд, ки зери мафҳуми ҷои ҳодиса он маҳал ва ё биноеро метавон фаҳмид, ки дар он изи ҳодисае, ки тафтишро тақозо мекунад, ошкор шудааст [116, с. 25-27]. Аз ин рӯ, ба ақидаи муаллифон, мафҳуми «ҷойи ҷиноят» маънои васеъ дошта, он фарогири тамоми он минтақа ва биноҳо (аз ҷумла биноҳои истиқоматӣ) аст ва бо дарназардошти ин натиҷаи санҷиши биноҳои истиқоматӣ мансубият ба он доранд, зеро дар он ҷой изи ҷиноят пайдо шуда, санади азназаргузаронии ҷои ҳодиса тартиб дода шудааст. Муаллифон вобаста ба тартиби суратгирии ин ҳолат мавҷудияти нуктаҳои баҳсталабро дар ин раванди ҳуқуқӣ қайд менамоянд.

Бо дарназардошти ин андешаҳо муҳаққиқони соҳа ба он хулоса меоянд, ки дар амалия муносибати ягона дар азназаргузаронии ҷои ҳодиса ва бозгӯии натиҷаҳои ин амали тафтишӣ ҳанӯз ниёз ба такмил дошта, ин гуфтаҳоро бо он асоснок метавон кард, ки баъзан муфаттиш

ба ҷои санади (протоколи) азназаргузаронии манзил, барои азназаргузаронии ҷои ҳодиса санад тартиб медиҳад.

Бо ин гуфтаҳо мо наметавонем пурра розӣ шавем, зеро ки нуктаҳои таҳқиқталаб дар ин самт зиёд буда, тавсифи васеи онҳо ба манфиати кор аст.

Аввалан, муаллифон дар аввал ҷои ҳодисаи ҷиноятро ҳамчун ҷузъи маҳал ва ё биное, ки дар он изи ҷиноят ошкор шудааст, баҳогузорӣ менамоянд ва ин маънои онро дорад, ки аз нуқтаи назари мантиқӣ азназаргузаронии манзил ва ё биное, ки дар он изи ҷиноят ошкор карда шудааст, гӯё ҷои азназаргузаронии ҳодиса бошад. «Ба андешаи як қатор олимон дар ин «қоида» истисноҳо низ вуҷуд дорад, яъне агар изи ҷиноят дар хона пайдо шавад, пас дар ин ҳолат муфаттиш бояд на амали азназаргузаронии ҷои ҳодиса, балки азназаргузаронии манзилро амалӣ созад» [180]. Мо бар он андешаем, ки ин омил баҳсталаб буда, асоси илмиро талаб намояд. Ҳангоми ҳалли ин масъала хулосабарорӣ метавон кард, ки ба сифати объекти санҷиш интихоб кардани манзил танҳо аз нуктаи назари риояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахс роҳандозӣ мегардад. Дар ин маврид муҳаққиқон на ба хусусиятҳои гузаронидани санҷиши манзил (ҳамчун навъи амали тафтишӣ), балки ба худи манзил (ҳамчун объекти истисноии тафтиш) таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд, яъне метавон гуфт, ки онҳо на ба изи ҷиноят, балки ба ҷои ошкор шудани изи ҷиноят диққат медиҳанд.

«Агар аз нигоҳи мантиқӣ ба гуфтаи ин муҳаққиқон назар андозем, пас азназаргузаронии ҷои ҳодисаро ҳамчун як намуди мустақили тафтиш баррасӣ намудан ба манфиати кор нест» [180]. Албатта, бо вуҷуди он ки дар зинаҳои аввали таҳияи Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ ҷои ҳодиса ҳамчун объекти мустақили тафтиш нишон дода нашуда буд, қонунгузор ин омилро ба инобат хоҳад гирифт.

Баъдан, қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ то оғози парвандаи ҷиноятӣ танҳо ба азназаргузаронии ҷои ҳодиса иҷозат дода, барои

гузаронидани амалҳои дигари тафтишӣ иҷозат дода намешавад. Аз ин рӯ, муҳаққиқони соҳа на танҳо имкони азназаргузаронии манзилро пеш аз оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ имконпазир меҳисобанд, балки ба муфаттишро ба иҷрои он водор менамоянд. Ин гуфтаро бо он далел метавон асоснок ҳисобид, ки дар рафти тафтиш муфаттиш протоколи азназаргузаронии манзилро бо протоколи азназаргузаронии ҷои ҳодиса иваз кардааст.

Бо дарназардошти ин гуфтаҳо метавон хулосабарорӣ намуд, ки мафҳуми «азназаргузаронии ҷои ҳодиса» мафҳуми васеъ буда, сарфи назар аз он ки объекти бевоситаи азназаргузаронӣ – бино (аз ҷумла манзил) ва ё қисми маҳал аст, дорои як қатор хусусиятҳои умумӣ мебошад. Азназаргузаронии бино ё азназаргузаронии маҳалро ҳамчун намуди азназаргузаронии ҷои ҳодиса наметавон ҳисоб кард. Ба андешаи мо, дар ин замина он масъалае, ки муҳаққиқон Н.Власенко ва А.Иванов дар бобати амалияи азназаргузаронии манзил ба миён гузоштаанд, ба тавзеҳ ниёз дошта [81 с. 152], дар раванди омӯзиши парвандаҳои ҷиноятӣ се ҳолат ба қайд гирифта шуд, ки дар онҳо раванд ва натиҷаҳои таҳқиқи ҷои ҳодиса – манзил ҳамчун протоколи азназаргузаронии ҷои ҳодиса, тартиб дода шудаанд.

Тарафдорони тафсири мухтасари ин мафҳум бар ин назаранд, ки ҷои ҳодиса бояд танҳо маҳалли содир шудани ҷиноят ва ё ҳодисае бояд эътироф карда шавад, ки хусусияти ғайриҷиноятии он дар вақти тафтиш номаълум бошад.

Ақидаи олимон оид ба тафсири ин мафҳуми ҳуқуқӣ гуногун ба назар мерасад. Ба таври мисол, Д.П.Рассейкин бар он андеша аст, ки ҷои ҳодиса танҳо он маконест, ки ҳодисаи тафтишшаванда бевосита дар он ҷой ба амал омадааст [81, с. 152]. Муаллиф барои тақвияти гуфтаи хеш ҳамчун ҳолати истисноӣ он вазъиятеро мисол меорад, ки ҷасад дар ҷои одамкушӣ пайдо нашудааст.

Д.П.Рассейкин, ки тарафдорони тафсири васеи ҷои ҳодисаро танқид мекунад, дар мавриди ёфтани ҷасади инсон чунин тафсирро дуруст меҳисобад ва гуфта худро бо он далел асоснок меҳисобад, ки ҳангоми пайдо кардани ҷасад на ҳамеша муайян аст, ки оё ҷои ошкор шудани он макони қатли инсон аст. Вале ҳатто дар мавриди мавҷуд будани асосҳо барои тахмин кардани он, ки ҷиноят дар ҷои дигар содир шудааст ва баъдан ҷасад ба ҷои дигар интиқол ёфтааст, худи воқеияти пайдо шудани ҷасад бояд ҳамчун асоси ҳодиса баррасӣ карда шавад, яъне макони ошкор шудани он ҷои ҳодиса хоҳад буд.

Дар илми ҳуқуқшиносӣ оид ба тафтиши одамкушӣ нуктаи назари гуногун вуҷуд дошта, ба андешаи онҳо ҷои ҳодиса ҳамчун ҷузъи маҳал ё бино, ки дар он ҷиноят содир шудааст ва ҷасади кушташуда ёфта шудааст, баён гаштааст, инчунин ба ин ҳудуд он қисматҳое алоқамандӣ доранд, ки он ҷой метавон изҳо ва ашёҳои ба ҷиноят марбут ошкор карда шаванд. Дар ин раванд агар ҷасад ба ҷои дигар интиқол дода шавад, пас дар ин маврид ду ҷои ҳодиса вуҷуд дорад: ҷои пайдо шудани ҷасад ва ҷои одамкушӣ.

Чунин ҳолатҳои истисноӣ вобаста ба ошкорсозии ҷасад ё қисмҳои он беасос ба назар мерасад, зеро ҷои ҳодиса на танҳо маҳалли содир кардани ҷиноят, балки ҷои ошкор шудани оқибатҳои он, ҷасад ё қисмҳои он эътироф карда мешавад, ки дар ин маврид диққати асосӣ на ба ҷои содир шудани ҷиноят, балки ба ҷои ошкор шудани ҷасад равона карда шудааст.

Дар ин раванди мураккаби низоми ҳуқуқӣ доираи ҳолатҳои истисноӣ кам нестанд, зеро объектҳо дар ошкор кардани онҳо низ чун ҳодиса ба рафти тафтишот таъсир мерасонад.

Тафсири саҳеҳи мафҳуми ҷои ҳодиса дар заминаи дараҷаи алоқамандии ҷои ҳодиса бо ҷинояти рухдода вобаста буда, ин алоқамандӣ метавонад воқеӣ бошад ва ё тахминӣ. Набудани чунин

алоқамандӣ имкони азназаргузаронии ҷои ҳодисаро аз байн мебарад. Ин маънои онро дорад, ки алоқамандии минтақавии байни ҷои ҳодиса ва ҷои ҷиноят бояд ҳамчун омили асосӣ дар муайян кардани ҷои ҳодиса баррасӣ шавад. Аз ин рӯ, ҷои содир шудани ҳодисаро бояд ба маънои маҳдуд, ҳамчун маҳалли содир шудани ҷиноят баррасӣ кард.

Дар ин маврид андешаи В.В.Степанов қобили қабул буда, ӯ қайд мекунад, ки дараҷаи ҷиноят ва хусусияти содир намудани он ва дигар ҳолатҳо он далелеро инкор наменамояд, ки як ҳодисаи ҷиноятӣ ба як маҳал тааллуқ дошта бошад ва он танҳо маҳалли рух додани ҷиноят ба шумор равад [92, с. 200]. Бо дарназардошти ин, муаллиф қайд мекунад, ки агар ҳангоми омӯзиши ҳолатҳои ҳодиса маълум гардад, ки ҷиноят дар ҷои дигар содир шудааст, он гоҳ азназаргузаронии бино ё маҳал бояд сурат гирад, на азназаргузаронии ҷои ҳодиса.

Бо вуҷуди он ки ин гуфтаҳо ҷанбаи амалӣ ва илмӣ доранд, онро то оғози парвандаи ҷиноятӣ наметавон татбиқ кард, зеро қонуни мурофиавии ҷиноятӣ танҳо барои азназаргузаронии маҳалли воқеа то оғози парвандаи ҷиноятӣ иҷозат медиҳад. Дар айни замон онро дар амал татбиқ метавон кард ва бояд қайд намуд, ки ин раванд баъд аз оғози парвандаи ҷиноятӣ, вақте ки муфаттиш ҳангоми гузаронидани амали тафтишӣ боварӣ надошта бошад, «ки кирдори ҷиноятӣ дар ҷои муайян содир шудааст (яъне эътимод надорад, ки ин ҷо маҳз ҷои ҷиноят аст), аҳаммияти бештарро касб менамояд» [92, с. 200].

Азбаски изҳои ҷиноятро на танҳо дар ҷои ҷиноят, балки дар дигар ҷойҳо низ пайдо кардан мумкин аст ва дар натиҷаи ин раванд ҳолати мазкур дар доираи азназаргузаронии ҷои ҳодиса тафтиш карда намешавад, то оғози парвандаи ҷиноятӣ роҳандозии амали азназаргузаронии маҳал, манзилро мувофиқи мақсад мешуморем.

Бо такя ба гуфтаҳои боло зарур меҳисобем, ки ба қисми 2-и моддаи 182-и Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ ба шакли зерин тағйирот ворид карда шавад:

«2. Дар ҳолатҳое, ки таъхирнопазир ҳастанд, азназаргузаронии ҷои ҳодиса, маҳал, манзил ва дигар объектҳоро то оғози парвандаи ҷиноятӣ метавон гузаронид».

Степанов В.В. зикр мекунад, ки «ҷои ҳодиса – ҳудуди маҳал (макон, минтақаи обӣ), маҳалли зериобӣ, иншооти табиии зеризаминӣ, биноест, ки дар дохили он ҷиноят ва ё ҳодисаи дигар рух дода, хусусиятҳои ҷиноятии он дар вақти тафтиш маълум нест» [92, с. 200].

Дар ин таърифи овардашуда чанд хусусияти муҳим ба инобат гирифта шудаанд:

Аввало, бар хилофи таърифҳои дар боло зикршуда, ки тавзеҳталаб мебошанд, дар ин ҷо номгӯи мушаххаси объектҳои маҳал, ки дар он ҷой ҷиноят рух дода бошад, оварда шудааст.

Баъдан, ҷои ҳодиса дар доираи маҳалле, «ки дар он ҷой ҷиноят содир шудааст ва ё ҳодисае рух додааст, ки дар вақти тафтиш хусусияти ҷиноятии он номаълум буд, ба тарви маҳдуд тавсиф меёбад» [80, с. 222].

«Дар ин маврид мафҳуми маҳал, ки фарогири ҷои ҳодиса аст, бояд чунин фаҳмида шавад: а) ҷойе, ки ҷиноят содир шудааст; б) ҳудуди бевоситае, ки дар он ҷой изҳои ҷиноят ошкор карда мешаванд; в) ҳудуди гирду атрофи ҷои ҳодисаи ҷиноят, ки дар он изи ҷиноят вуҷуд надорад, вале ин макон имкони дарки ҳолатҳои сар задани ҷиноятро фароҳам меоранд» [80, с. 222].

Ин гуфтаҳо чунин тахмини беасосро аз байн мебарад, ки гӯё ҷои ҷиноят на танҳо ҷои содир шудани ҷиноят, балки ҷои ошкор шудани изи он низ мебошад. Ҳамзамон, ин таъриф имкон медиҳад, ки байни мафҳумҳои азназаргузаронии ҷои ҳодиса ва азназаргузаронии маҳал, манзил (дигар биноҳо) фарқ гузошта шавад.

Тафсири дурусти мафҳуми азназаргузаронии ҷои ҳодиса дорои аҳаммияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ буда, он имкон медиҳад, ки на танҳо моҳияти азназаргузаронии ҷои ҳодиса, балки ҷои тафтишро дар низоми амали тафтишӣ баррасӣ намоем.

Дар ин маврид баррасии андешаронихои В.И.Попов ба манфиати кор мебошад, ки дар он чанд нуктаи бахсталаб мавчуд мебошад. Ба акидаи ин мухаккик азназаргузаронии чои ходисаро хамчун «мачмуи чорабинихои ибтидоии тафтишӣ ва чустучӯӣ, ки ба ошкор ва таъмини далелхои шайъӣ ва изи чиноят, равшан кардани механизм ва ангезахои чиноят, истифодаи маълумоти тафтишот бо максади ошкорсозии изи асосии чиноят равона шудаанд» [80, с. 222] метавон тавсиф намуд.

Чанбаи бахсталаби ин таъриф дар он ифода меёбад, ки муаллиф азназаргузаронии чои ходисаро мачмуи амалхои тафтишӣ ва чорабинихои оперативӣ-чустучӯӣ мешуморад. Азназаргузаронии чои ходиса мачмуи амалхои тафтишӣ буда наметавонад, зеро он амали мустакилонаи тафтишӣ аст. Дар баробари ин, чунин тафсир маънои алокамандсозии бевоситаи мафхумхои азназаргузаронии чои ходиса ва чорабинихои оперативӣ-чустучӯиро дорад.

Бо вучуди ин нуктахои бахсталаб В.И.Попов дуруст кайд мекунад, ки тафтиши чои ходиса амали дорои хусусияти комплексӣ аст [91, с. 11-24].

Ин хусусияти мафхуми мазкурро дар холатхои зайл метавон тавсиф намуд: а) дар халли масъалахои гуногун; б) хангоми истифодаи имкониятхои гурӯххои тафтишотӣ-оперативӣ; в) хангоми татбики маълумотхои илмхои табиатшиносӣ ва техникӣ бо рохи чалб намудани мутахассисони сохахои гуногун бо максади объективона омӯхтани холати вокеӣ.

Ин муносибати дурусти илмӣ барои дарки мохияти мафхуми азназаргузаронии чои ходиса замина фарохам оварда, дар ин замина метавон мавкеи онро дар низоми амали тафтишӣ ба таври объективӣ муайян кард, ахаммияти ин амалро барои тафтиш дуруст баррасӣ намуд.

Дар аксари мавридхо ин гуногунандешӣ аз он сарчашма мегирад, ки муаллифон вобаста ба равияи тахкикотии хеш дар таърифи азназаргузаронии чои ходиса хар чи бештар вазифахоеро, ки хангоми

таҳияи ин амали тафтишӣ пеш меоянд, ифода созанд. Масалан, сабти изҳо ва маълумоти воқеӣ барои муайян кардани вазъият ва дигар ҳолатҳои ҳодиса, имкон медиҳад, ки механизм ва иштирокчиёни он, мавҷуд ё набудани аломатҳои ҷиноят дар ҳодиса ба таври воқеӣ баҳогузорӣ карда шаванд [124, с. 299-300]; то ҳадди имкон мавҷуд будан ё набудани далелҳои ҷиноят, пешниҳод ва тасдиқи ҳолатҳои гуногуни ҳодиса ва иштирокчиёни он бозгӯӣ шавад [60, с. 40]; ҷамъоварии маълумот дар бораи шахсияти ҷинояткор ё муайян кардани доираи одамоне, ки ӯро бояд дар байни онҳо ҷустуҷӯ кард, имконпазир гардад [96, с. 108] ва ғ.

Ба андешаи мо, мавҷудияти чунин муқаррарот ҳамчун яке аз унсурҳои тафсири азназаргузаронии ҷои ҳодиса баҳсталаб хоҳад буд, зеро он танҳо номгӯи вазифаҳои онро ифода мекунад ва бисёре аз онҳо ба дигар амалҳои тафтишӣ низ хос мебошанд. Дар ин замина духӯрагӣ дар шарҳи мафҳум, тағйирот дар баҳогузории он унсурҳое ба амал меояд, ки моҳияти азназаргузаронии ҷои ҳодисаро инъикос мекунанд ва маҳз онҳо имкон фароҳам меоранд, ки амали азназаргузаронӣ аз дигар амалҳои тафтишӣ фарқ карда шавад.

Бо дарназардошти ин гуфтаҳо, тафсири мафҳуми азназаргузаронии ҷои ҳодиса бояд пеш аз ҳама унсурҳоеро дар бар гирад, ки амали тафтиширо ба таври мушаххас ифода намуда, имкони аз дигар амалҳои тафтишӣ фарқ кардани онро ба миён орад. Вобаста ба ин, мафҳуми азназаргузаронии ҷои ҳодиса бояд унсурҳои зеринро дар бар гирад:

а) таъхирнопазирӣ, ки дар саривақтӣ ва ҳолати татбиқи он аён мегардад (бо дарназардошти дар кадом марҳилаи тафтиш анҷом додани ин амали тафтишӣ);

б) бевосита ва дар баъзе мавридҳо бавосита дарк кардани ҷои ҳодиса;

в) хусусияти муташаккилии дарки ин раванд;

г) равонасозии тафтиш ба муайян кардани ҳолатҳои ҳодиса, ошкор намудани изи ҷиноят ва дарки дигар ҳолатҳое, ки барои парванда аҳаммияти калон доранд.

Дар илми криминалистика азназаргузаронии ҷои ҳодиса одатан ҳамчун амали фаврии тафтишӣ шарҳ дода мешавад. Ин тавсиф воқеан қобили қабул мебошад. Чунин тавсифро бо он метавон тавзеҳ дод, ки ҳолати ҳодиса бо мурури замон тамоюли тағйирёбандагӣ дошта, изи ҷиноят бо сабаҳои гуногун (аксар вақт берун аз назорати муфаттиш) нест карда мешавад. Бинобар ин, дар сурати сари вақт барои нигоҳдорӣ ва ба қайд гирифтани онҳо чораҷӯӣ нашавад, ин далелу изи ҷиноят бебозгашт метавонанд аз байн раванд ва албатта ин раванд ба самаранокии тамоми тафтиш таъсири манфӣ мерасонад.

Дар баробари ин, «тафсири таъхирнопазирии азназаргузаронии ҷои ҳодиса ҳамчун ифодагари афзалиятнокии он дар давоми гузаронидани амалҳои тафтишӣ нисбат ба дигар амалҳои тафтишӣ на ҳама ҳолатҳои татбиқи онро дар мурофиаи ҷиноятӣ дар бар мегирад» [124, с. 299-300].

Воқеан, бо дарназардошти он ки азназаргузаронии ҷои ҳодиса барои оғози тафтиш муҳим ба шумор меравад, таъхирнопазирии он омили асосӣ аст. Дар ин раванд азназаргузаронии ҷои ҳодиса амали тафтишие мебошад, ки дар асоси он тафтиши парвандаи ҷиноятӣ оғоз меёбад. Аммо инчунин азназаргузаронӣ метавонад дар марҳилаи минбаъдаи тафтишӣ низ гузаронида шавад (масалан, агар дар вақти оғози тафтиш ҷои воқеа маълум набошад). Дар ин маврид таъхирнопазирӣ хусусияти асосии азназаргузаронии ҷои ҳодиса маҳсуб намеёбад.

Дар таъхирнопазирӣ чунин қоидаи умумии усули тафтиш, ба монанди амалияи татбиқи саривақтии он акс меёбад. Моҳияти ин муқаррарот аз он иборат аст, ки азназаргузаронии ҷои ҳодиса бояд баробари ба вуҷуд омадани зарурат ба амал бароварда шавад. Муқаррароти мазкур ба таъмини бехатарии ҳадди зарурии объектҳо

нигаронида шуда, он ба самаранокии санҷиш ва натиҷаҳои ҳангоми истеҳсоли он бадастомада таъсиргузор хоҳад буд.

Ба ғайр аз таъхирнопазирӣ ҳамчун хусусияти фарққунандаи азназаргузаронии ҷои ҳодиса хусусиятҳои ивазнашавандагӣ ва нотакрор будани онро метавон ном бурд.

Муҳим он аст, ки мафҳуми азназаргузаронии ҷои ҳодиса бо ягон амали дигари тафтишӣ набояд иваз карда шавад. Ҳатто агар шоҳидони ҳодиса мавҷуд бошанд ҳам (дар сурати ба нишондодҳои онҳо беасос шубҳа накардан), нишондоди онҳо дар бораи ҳолатҳои ҷиноят наметавонад дарки бевоситаи муфаттишро дар бораи ҷои ҳодиса иваз намояд ва он робитаи байни аломаҳои алоҳидаро пурра ифода наменамояд. Аммо танҳо ивазнашавандагӣ хусусияти фарққунандаи азназаргузаронии ҷои ҳодиса нест ва ин аломат дар ин ё он шакл метавонад мансубият ҳар як амали дигари тафтишӣ, ба монади пурсиш, кофтуков ё экспертизаи судӣ дошта бошад.

Дар хусуси нотакрории ин раванд ҳаминро метавон қайд намуд, ки тафтиши минбаъда то чӣ андоза бодиққат гузаронда шавад ҳам, самарабахшии он ба тафтиши зинаи аввали азназаргузаронии ҷойи ҳодиса алоқамандии бештар дошта, дар зинаҳои минбаъда хатоҳои бааммаломадаро ислоҳ кардан душвор аст.

Ин омилро бо он метавон асоснок намуд, ки азназаргузаронии иловагӣ ё такрорӣ ба гузашти вақти муайян алоқамандӣ дошта, дар ин давра дар ҳолати объектҳои тафтишшаванда тағйироти назаррас метавонанд ба амал оянд (вобаста ба вазъи обу ҳаво, дахолати шахсони сеюм). «Ҳамчунин, эҳтимолияти нигоҳ доштани изи ҷиноят ва дигар объектҳо, бахусус ҳолати воқеии ҳодиса дар вақти тафтиши минбаъда то андозае ғайриимкон ба назар мерасад» [124, с. 299-300].

Дар баробари ин, на ҳамеша амали азназаргузаронии иловагӣ ё такрории ҷои ҳодисаро як нуктаи манфӣ метавон ҳисоб кард. Дар баъзе мавридҳо (тафтиши шабона дар сурати набудани равшании кофӣ, дар

шароити номусоиди обу ҳаво, риоя накардани меъёрҳои Кодекси мурофиавӣ) гузарондани азназаргузаронии иловагӣ ё такрорӣ на танҳо мувофиқи матлаб аст, балки он амали зарурӣ ба шумор меравад.

Ин омил далолат аз он медиҳад, ки агар азназаргузаронии ҷои ҳодиса бо риоя накардани тартиби муқарраркардаи қонун гузаронида шуда бошад, маълумоти аз санҷиши аввал бадастомада метавонад нопурра бошад ва ё эътибори ҳуқуқӣ надошта бошад.

Азназаргузаронии бевоситаи ҷои ҳодиса шахсан аз ҷониби муфаттиш муҳимтарин унсури азназаргузаронии ҷои ҳодиса буда, ин омил моҳияти амалии тафтишро муайян мекунад. Маҳз ҳамин унсурро ҳама муҳаққиқони соҳа дар муайян кардани азназаргузаронии ҷои ҳодиса асосӣ медонанд. «Моҳияти азназаргузаронии ҷои ҳодиса дар он аст, ки муфаттиш бо мақсади аниқ кардани ҳолати аслии ҳодиса ва ошкор намудани изҳо аз назар мегузаронад ва дар асоси баҳогузории саҳеҳ моҳияти воқеаи рухдодаро дарк менамояд» [124, с. 299-300].

Албатта, ҳангоми азназаргузаронии ҷои ҳодиса ҳисси аёнӣ аҳаммияти бештарро касб намуда, муфаттиш бештари маълумотро дар бораи ҳодисаи рухдода тавассути узвҳои биниш мегирад. Бевосита будани дарк маънои онро дорад, ки муфаттиш шахсан ҳолатҳои воқеа, изи ҷиноятро дарк мекунад, яъне ӯ бояд ҳама чизро бо чашмони худ бубинад.

Одатан мафҳуми дарк дар ин амали тафтишӣ ҳамчун маҷмуи ҳиссиётҳои гуногун (шунавоӣ, эҳсос, ламс кардан ва ғайра) фаҳмида мешавад, ки дар якҷоягӣ тасвири пурраи объект ё падидаи даркшудаи ҷаҳони моддиро таъмин месозанд [78, с. 21].

Дар ин маврид ба он омил бояд диққатро равона сохт, ки дарки бевосита ҳангоми тафтиш то андозае категорияи шартӣ мебошад. Ин гуфта дар он акс меёбад, дарки бевосита ба маънои аслӣ дар набудани алоқаҳои устувор дар низоми объекти дарк ва субъекти даркнамоӣ тавсиф мешавад.

Дар амал ин ҳолат на ҳамеша имконпазир аст, зеро имкониятҳои ҳисси инсон барои ошкор ва ё омӯхтани объектҳои муайян нокифоя мебошанд, масалан изи норавшани ангуштон, микрообъектҳо ва ғ.

Илова бар ин, бо дарназардошти гуногунии минтақаҳо ва ҷойҳое, ки дар онҳо ҳодиса рух додааст, муфаттиш на ҳамеша имкон дорад, ки ҷои ҳодисаро шахсан бозомӯзад, ба таври мисол дар сурати зери об ё дар дигар ҷойҳои душворгузар, дар макони зеризаминӣ, минтақаҳои баландкӯҳ ва ғ.

Албатта, дар ин маврид бевосита аз назар гузаронидани ҷои ҳодиса мушкилӣ ба миён оварда, муфаттиш ба таври бавосита ин маконро бо истифода аз воситаҳои гуногуни техникӣ, масалан, камераҳои ба наворгирии зериобӣ ва наворбардории видео ва ғ. назорат мекунад. Воситаҳои техникии мазкурро мутахассисони бахшҳои ғаввосӣ, кӯҳнавардон, ғоршиносон ва ғ., бо роҳнамоии муфаттиш истифода мебаранд [100, с. 241]. Дар баробари ин, мо чунин мешуморем, ки дар ҳамаи мавридҳо муфаттиш бояд барои дарки бевоситаи ҳолати воқеа дар ҷои ҳодиса талош варзад.

Ҳамин тариқ, азназаргузаронии ҷои ҳодиса ба омӯзиши мустақим ва ғайримустақим хос аст. «Ҳангоми омӯзиши бевоситаи ин макон омилҳо ва ҷузъиёти хурдтарин бояд ба инобат гирифта шаванд, то дар рафти тафтиш барои ошкор намудани вазъи воқеӣ аз онҳо муфаттишон истифода намоянд» [100, с. 241]. Ба таври мисол, муфаттиш ҳангоми азназаргузаронӣ предметҳои алоҳидаро ҷасад, изи ангуштҳо ва ғайра, на танҳо ба суханони мутахассис гӯш диҳад, балки бо дарку фаҳмиши худ ва дараҷаи касбияти хеш бояд ҳолати воқеиро омӯзад. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки дар ин маврид миёнаравӣ нақши ёрирасонро иҷро карда, барои дарки бевосита усули ёрирасон аст ва ба таври бевосита онро иваз карда наметавонад.

Ба андешаи мо, қонунгузор дар қисми 2, моддаи 187 Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ ба таври саҳеҳ ва дуруст қайд кардааст, «Дар

протокол ҳамаи амалҳои муфаттиш, дар баробари он тамоми объектҳо ҳангоми азназаргузаронӣ ва шаҳодаткунонӣ ошкоргардида бо ҳамон пайдарҳамие, ки азназаргузаронӣ ва шаҳодаткунонӣ сурат гирифта буд ва дар ҳамон шакле, ки объекти ошкоргардида дар лаҳзаи азназаргузаронӣ ва шаҳодаткунонӣ мушоҳида шудааст, дарҷ мегардад. Дар протокол ҳамаи объектҳои ҳангоми азназаргузаронӣ ва шаҳодаткунонӣ гирифташуда номбар ва дарҷ карда мешаванд» [2].

Аммо дар амал чунин ҳолате метавонад содир шавад, ки ҳатто дар сурати дарки бевоситаи ҷои ҳодиса, на ҳамаи маълумоти дар рафти тафтиш бадастовардашуда дар протоколи амали тафтишӣ ба таври бояду шояд сабт карда мешаванд. Баъзан дар протокол ҳамаи осор ва предметҳоеро, ки дар рафти тафтиш ошкор карда шудаанд ва барои парванда аҳаммияти калон доранд, сабт карда намешаванд. Дар ин маврид сухан на дар бораи давомнокии чунин раванд, балки оид ба хусусиятҳои дарки бевоситаи ҳолати баамаломада аз ҷониби муфаттиш меравад, ки ифодаи онҳо ба таври воқеӣ то андозае ғайриимкон ба назар мерасад.

Албатта, дар ин мавридҳо усулҳои иловагии қайди рафти тафтиши ҷои ҳодисаро (аксбардорӣ, сабти видеоӣ, тартиб додани нақшаҳо, гирифтани намуна ва ғайра) истифода бурдан лозим аст.

Дарки ҳолати воқеии ҷои ҳодиса аз ҷониби муфаттиш хусусияти тафтишӣ дошта, ба равшан кардани ҳолатҳои ҳодиса, ошкор намудани изи ҷиноят ва равшан кардани дигар ҳолатҳои барои парванда аҳаммиятнок нигаронида шудааст. Муфаттиш на танҳо вазъиятро дар ҷои ҷиноят дарк мекунад, балки дар як вақт муайян мекунад, ки ҳар як изи ошкоркардааш чӣ хусусият дорад ва ё он дар натиҷаи чӣ ҳодиса рух додааст, инчунин он барои тафтишот чӣ аҳаммият дорад. Муфаттиш тавассути бодиққат омӯхтани ҷои ҳодиса, ба ҳар як ҷузъиёт таваҷҷуҳ намуда ба ҳолати баамаломада ба таври объективона баҳо медиҳад, ҳар як ҷузъиётро ба назар гирифта, дар асоси мушоҳидаи худ барои рафъи

зиддиятҳо ва муқаррар кардани робитаи байни ашё ва падидаҳо аз онҳо истифода менамояд. Маҳз дар ҳамин замина муфаттиш ба моҳияти ҳодисаи рухдода ошно гардида, роҳҳои ошкор кардани ҷиноятро пайдо менамояд. Дар охири азназаргузаронӣ натиҷаҳои онро таҳлил бояд карда, то маълум карда шавад, ки чӣ ҳодиса рӯй дод, амалҳои пайдарпайи ҷинояткор чӣ гуна буд, маълумоти ҳангоми азназаргузаронии ҷои ҳодиса бадастовардашуда барои ҷамъоварии далелҳо чӣ аҳаммият доранд ва ғ.

Бо дарназардошти ҳамаи ин гуфтаҳо, азназаргузаронии ҷои ҳодисаро метавон ҳамчун амали тафтишие муайян кард, ки дар рафти он муфаттиш бевосита ва ё бавосита ҳолати воқеии ҷои ҳодисаро дарк мекунад, то вазъиятро равшанӣ бахшад, онро тафтиш, арзёбӣ ва сабт намояд, ба ҳолати воқеӣ баҳогузорӣ намояд, изи ҷинояткорро ба қайд гирад, дигар ҳолатҳои барои парванда муҳимро аниқ тафтиш намояд ва ғ.

Азназаргузаронии ҷои ҳодиса яке аз маъмултарин амалҳои тафтишӣ буда, аҳаммияти барҷастаи онро мутахассисони соҳа ба таври воқеӣ баҳогузорӣ менамоянд. Натиҷаҳое, ки ҳангоми азназаргузаронии ҷои ҳодиса ба даст оварда шудаанд, дар аксар мавридҳо нуктаи ибтидоие мебошанд, ки тамоми рафти тафтиш аз он вобаста аст. Аҳаммияти тафтиш махсусан дар ҳамон мавридҳое муҳим ба шумор меравад, ки муфаттиш ба тафтиш аз он маълумоте шуруъ мекунад, ки оғози ҷиноят ба он алоқамандӣ дорад. Дар ин гуна мавридҳо азназаргузаронии ҷои ҳодиса роҳи асосии муқаррар намудани моҳияти воқеаи рӯйдода мебошад.

Азназаргузаронии ҷои ҳодиса як амали мураккабнизоми тафтишӣ мебошад. Моҳияти ин амали тафтишӣ аввало дар он ифода мешавад, ки муфаттиш таҳти таъсири омилҳои гуногун, махсусан ҳолати ногаҳонии тафтиш, набудани маълумот; номуайянии вазъияти тафтиш; шумораи зиёди иштирокчиён ва ғайра, фаъолият мекунад ва ҳамзамон бояд

тамоми имкониятҳои худро барои ҳамаҷониба ва пурра омӯхтани ҳодисаҳо сафарбар намояд.

Дуюм дар вақти тафтиш аксар вақт воситаҳои илмиву техникиро ба кор бурдан, ба амали тафтиш ҷалб намудани мутахассисон барои ёрӣ расондан ба ошкорсозӣ ва тафтиши изи ҷиноят, равшан кардани ҳолатҳои барои парванда аҳаммиятнок аз амалҳои муҳим ба шумор меравад.

Сеюм, дар баробари тафтиш чорабиниҳои гуногуни оперативӣ-ҷустуҷӯӣ гузаронида мешаванд. Ин низом барои муайян кардани моҳияти ҳодиса, ошкор намудани шоҳидон ва шахсони дар ҳодиса иштирокдошта, тафтиш ва аниқ кардани маълумоти дар рафти тафтиш бадастомада равона карда мешавад. Бояд қайд намуд, ки ин амалҳо вобаста ба ҳолати парванда баъди анҷом ёфтани амали тафтишӣ низ идома хоҳанд ёфт.

Дар асоси таҳлилу баррасии андешаҳои олимони соҳа мафҳуми азназаргузаронии тафтишотиро ба таври зерин метавон тавсиф намуд:

**Азназаргузаронии тафтишӣ** – амали мурофиавӣ, ки аз ҷониби муфаттиш бо мақсади азназаргузаронии ҷои ҳодиса, ашё ё изи бо ҷиноят алоқаманд, барои бақайдгирӣ, омӯзиш ва бадастории далелҳои шайъӣ гузаронида мешавад. Ҳангоми азназаргузаронӣ далелҳои шайъӣ ҷамъоварӣ гардида, ҳолатҳое ба қайд гирифта мешаванд, ки дар асоси онҳо ҳодиса рух додааст. Азназаргузаронии тафтишӣ барои муайян кардани ҳолатҳои ҷиноят, муайян кардани из ва ашёи он, пурратар фаҳмидани ҳодисаҳои марбут ба парванда муҳим аст. Ин амали ҳуқуқӣ дар доираи қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ тибқи меъёрҳои Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ амалӣ мегардад.

«Азназаргузаронии тафтиширо дар ҷойҳои гуногун: дар ҷои ҳодиса, бино, объектҳо, инчунин дар объектҳои мушаххасе, ки метавонанд барои парванда аҳаммият дошта бошанд, метавон гузаронид» [2].

**Моддаи 183$^{1}$. Азназаргузаронии ҷои ҳодиса**

1. Азназаргузаронии ҷои ҳодиса бо мақсади ошкор, мустаҳкамсозӣ ва гирифтани изҳо ва дигар далелҳои моддии марбут ба ҳодисаи рухдода гузаронида мешавад.

2. Азназаргузаронии ҷои ҳодиса аз ҷониби муфаттиш ё таҳқиқбаранда бо иштироки шахсони холис анҷом дода мешавад, ба истиснои ҳолатҳои таъхирнопазир ё хавфнок, ки дар онҳо истифодаи воситаҳои техникии сабти раванди амали тафтишӣ ҳатмӣ мебошад.

3. Барои иштирок дар азназаргузаронии ҷои ҳодиса метавонанд гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҷабрдида, шоҳид ва мутахассис ҷалб карда шаванд.

4. Ҳангоми азназаргузаронии ҷои ҳодиса истифодаи воситаҳои техникии сабт, аз ҷумла аксбардорӣ, сабти видео, андозагирӣ, нақшакашӣ ва гирифтани қолаби изҳо иҷозат дода мешавад.

5. Изҳо, ашё ва дигар объектҳои дар ҷои ҳодиса ошкоршуда, ки барои парвандаи ҷиноятӣ аҳаммият доранд, гирифта, бастабандӣ ва муҳр карда мешаванд.

6. Дар бораи раванди азназаргузаронии ҷои ҳодиса протоколи ҳолати мазкур дар асоси моддаи 187 Кодекси мазкур тартиб дода мешавад.

## 1.2. Мақсад, вазифа ва принсипҳои азназаргузаронии ҷои ҳодиса

Яке аз амалҳои тафтишӣ, ки барои ҷамъоварии далелҳо дар парвандаҳои ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст, азназаргузаронии ҷои ҳодиса мебошад. Аҳаммияти он ба даст овардани имконоти васеи иттилооти дорои хусусиятҳои далели шайъӣ буда, мавҷудияти онҳо муҳлати тафтиши ҳодисаро хеле кам мекунад ва барои таснифоти саҳеҳи ин раванди ҳуқуқӣ замина фароҳам меорад. Дар аксари мавридҳо ҷои ҷиноят пас аз содир шудани ҷиноят пайдо мешавад. Аз ин рӯ, ба ҷои ҳодиса ҷои омода гаштани нақшаи ҷиноят ва ҳам он ҷойи ошкор шудани

оқибатҳои ҷиноят дохил мешаванд. Ҳангоми тафтиши як парвандаи ҷиноятӣ метавонад як, ду ва ё зиёда ҷои ҳодиса мавҷуд бошанд.

Мақсади асосии азназаргузаронӣ ифодасозии ҳолати аслии ҷинояти содиршуда мебошад, ки бо ёрии сабти ҳолати ҳодиса, ба даст овардани ашё ва дигар осор имконпазир аст, ки тавассути онҳо акси умумии антропогенӣ ва биологии ҷинояткор барқарор карда мешавад.

Азназаргузаронии ҷои ҳодиса дар раванди тафтиши ҷиноят нақши муҳим дошта, он имкон медиҳад, ки далелҳои муътамад ва муҳим ҷамъоварӣ шуда, дар ин асос ҷиноят ошкор карда шавад. «Дар вақти азназаргузаронӣ муфаттиш ҳолати ҷои ҳодисаро ба қайд мегирад, ки он на танҳо тавсифи шароити берунӣ, балки таҳлили муфассали объектҳо ва изи дар он ҷой воқеъбударо фарогир мебошад» [49, с. 48].

Ҷамъоварии далелҳои шайъӣ, аз қабили аслиҳа, изи хун, мӯй, изи ангушт ва дигар предметҳо имкон медиҳад, ки тавассути ин акси умумии антропогенӣ ва биологии ҷинояткор барқарор карда шавад. Ин тасаввуроти антропогенӣ маълумоти умумиро дар бораи намуди зоҳирӣ ва амали ҷинояткор барқарор намуда, тасаввуроти биологӣ метавонад маълумоти дақиқро дар бораи моводи эҳтимолии биологӣ, ки дар ҷои ҳодиса боқӣ монда буд, ба монанди нишонаҳои ДНК-ро, дар бар гирад.

Ҳамин тавр, азназаргузаронии ҷои ҳодиса на танҳо ба барқарорсозии ҳолати аслии ҷиноят мусоидат мекунад, балки он барои тафтиши минбаъда, аз ҷумла ошкор намудани ҷинояткор ва ангезаҳои ҷиноятконаи ӯ замина фароҳам меорад.

Ҳангоми гузаронидани амали азназаргузаронӣ бар зиммаи муфаттиш ду вазифа вогузор карда мешавад:

1) вазифаи умумӣ – гирифтани маълумот дар бораи ҳолатҳои умумии ҷиноят, инчунин дар бораи шахсони дар ин ҷиноят иштирокдошта;

2) вазифаи инфиродӣ – муайян намудани шоҳидони ҳодиса.

Вазифаи умумӣ ин гирифтани маълумот дар бораи ҳолатҳои умумии ҷиноят, инчунин дар бораи шахсони дар он иштирокдошта мебошад. Ин раванд омилҳои зеринро дар бар мегирад:

– муайян кардани вақт ва ҷои ҷиноят;

– муайян кардани усулҳои содир кардани ҷиноят (масалан, бо истифода аз зӯроварӣ, фиреб ва ё дигар усулҳои ҷинояткорӣ);

– муқаррар намудани оқибатҳои ҷиноят (чӣ гуна талафот, зиён ё зарар расонида шудааст);

– маълумот дар бораи шахсоне, ки метавонанд дар ин ҷиноят даст дошта бошанд, инчунин дар бораи ҳолат ва сабабҳои эҳтимолии содир кардани ҷиноят.

Вазифаи инфиродӣ – муайян кардани шоҳидони ҳодисаи рухдода. Ин вазифа ба иҷрои ҳадафҳои зерин нигаронида мешавад:

– ҷустуҷӯи одамоне, ки метавонанд дар бораи ҳодисаҳои қаблан, дар давом ва ё баъди ҷинояти рухдода маълумот пешниҳод кунанд;

– ҷамъоварии баёноти шоҳидон, ки метавонанд барои тасдиқи эҳтимолияти ҳодисаҳои тафтишот ва эҷоди тасаввуроти пурратари ҳодиса истифода шаванд.

Муҳиммияти ин вазифа дар он ифодаи худро меёбад, ки дар нишондодҳои шоҳид маълумотҳое мавҷуданд, ки бо дигар воситаҳо (масалан, аз воситаҳои техникӣ ё дигар далелҳои шайъй) онҳоро наметавон гирифт.

Ин вазифаҳои умумӣ ва мушаххас бо ҳам алоқамандӣ дошта, бояд дар як вақт иҷро карда шаванд. Ин омил ба муфаттиш имкон медиҳад, ки барои тафтиши минбаъдаи ҷиноят маълумоти пурра ва саҳеҳро ҷамъоварӣ кунанд.

Истифодаи истилоҳоти мафҳумҳои мансуб ба азназаргузаронии ҷои ҳодиса дар байни мутахассисони соҳаи криминалистӣ баъзан ихтилофро ба миён меорад. Баъзе муаллифон танҳо вазифаҳои умумӣ ва инфиродии азназаргузаронии ҷои ҳодисаро муҳимтар мешуморанд [49, с. 48]. Дар ин

раванди ҳуқуқӣ мақсад ва вазифаҳо ба ҳам зич алоқаманд буда, ҳалли яке имкон медиҳад, ки мазмуни дигареро ошкор кунем ва маҳз дар ҳамин замина низоми тафтишӣ мукаммал мегардад.

Дарки дурусти мақсад ва вазифаҳои азназаргузаронии ҷои ҳодиса аҳаммияти аввалиндараҷа дорад, зеро ин ҳолат ҷанбаҳои амалӣ ва илмии чунин равандро пурра менамояд.

Ба таври мисол, В.И.Попов дар ин раванд ба ғайр аз вазифаҳои асосии тафтиш (ошкор кардан ва бақайдгирии изҳо; муайян намудани моҳияти ҳодисаи рухдода; ошкор намудани гунаҳкорон ва роҳандозии амали кофтуков ва боздошти онҳо) [74, с. 222], боз мансубияти масъалаи дигарро қайд кардан мумкин аст, ки дар рафъи мушкилоти дорои ҷанбаҳои илмиву амалии мафҳуми азназаргузаронии ҷои ҳодиса замина хоҳанд гашт.

Муаллифони дигар дар баробари вазифаҳо мақсади азназаргузаронии ҷои ҳодисаро низ баррасӣ мекунанд. Ин масъала диққати олимонро ба худ барвақт ҷалб намуда буд. Ба таври мисол, И.Х.Максутов фарқ намудани мақсади тафтиш ва вазифаҳои онро қайд менамояд. «Мақсади азназаргузаронии ҷои ҳодиса ин тафтиши маводи тафтишоти пешакӣ, ба даст овардани маълумоти нави зарурие мебошад, ки бо баъзе сабабҳо дар амали тафтиши пешакӣ муайян нашудаанд ва ё таҳқиқталаб буданд» [61, с. 38] Бо назардошти ин, мақсад ба вазифаҳои умумии азназаргузаронии ҷои ҳодиса дар тафтиши ҷиноят бояд бевосита фарогири омӯзиши ҳолати ҷои ҳодиса, ошкор ва муоинаи изҳо, тафтиши ҷанбаҳои асосии онҳо мебошад. Дар КМҶ ҶТ мақсадҳои азназаргузаронии ҷои ҳодиса ба таври васеъ баррасӣ шудааст. Дар моддаи 182-и КМҶ ҶТ азназаргузаронии ҷои ҳодиса бо мақсади ошкор кардани осори ҷиноят ва дигар объектҳои моддӣ, муайян кардани дигар ҳолатҳои барои парванда аҳаммиятнок сурат мегирад.

Барои ноил шудан ба ин мақсадҳо вазифаҳои зерин пешорӯйи муфаттиш қарор дорад – муайян кардан, омӯхтан ва ба қайд гирифтани

изи ҷиноят; муайян кардани тағйироти мавқеи ашёҳо ва объектҳои алоҳида; тафтиши эҳтимолияти ҳодиса; ошкор ва сабти ҳолатҳое, ки ба рафти тафтишот таъсири манфӣ мегузоранд.

Ҳолатҳои манфӣ – маълумоти ба парванда марбутбуда, ки ҳангоми ба назар нагирифтани эҳтимолияти аввалияи рух додани ҳодиса он мукаммал ба ҳисоб намеравад (вобаста ба фаразияе, ки дар аввал муътамад ба назар намерасад). Масалан, муфаттиш ҳангоми аз назар гузарондани ҷои ҳодиса дар парвандаи мансуб ба дуздӣ аз фарши манзили шахсӣ қулф ва занҷири аррашударо пайдо мекунад. Албатта, муфаттиш дар аввал гумон мекунад, ки ҷинояткор ба манзил занҷирро арра карда ворид шудааст. Аммо баъди тафтиши минбаъда маълум мешавад, ки дар фарши манзил дигар ягон изи маводи аррашуда ва пораҳои металлӣ нест (ин ҳолат бо ёрии оҳанрабо муқаррар карда мешавад). Мантиқан ҳангоми буридани занҷир аррамайдаҳо мерезанд ва бо дарназардошти ин муфаттиш эҳтимолияти содир шудани ҷиноятро ба миён мегузорад: ҷинояткор имкони ба хона озодона даромаданро дошт ва занҷири қулфро ӯ дар ҷои дигар арра кардааст, то гумони тафтишгаронро ба он равона намояд, ки ҷинояткор бо дар ба хона даромадааст.

«Ҳолатҳои манфӣ махсусан барои муайян кардани вазъи аслии ҳодиса, яъне далелҳои ба таври сунъӣ эҷодкардаи шахсе, ки ба натиҷаи муайяни тафтиши вазъият манфиатдор аст ва он ҳолатҳое, ки ба воқеият мувофиқат надоранд, мавқеи муҳимро касб менамоянд» [192].

Баррасиву таҳлили ҳамаҷонибаи андешаҳои мутахассисони соҳа оид ба раванди тафтишоти азназаргузаронии ҷои ҳодиса нақши арзанда дорад. Ба ақидаи К.С.Скоромникова, азназаргузаронии ҷои ҳодиса бо мақсади ошкор намудани изи ҷиноят ва дигар далелҳо, муайян намудани кардани воқеият, инчунин дигар ҳолатҳои барои парванда аҳаммиятнок гузаронида мешавад [73, с. 668]. Бо назардошти ин гуфтаҳо, «вазифаҳои тафтиш фарогири ин омилҳост: 1) омӯхтан ва ба қайд гирифтани ҳолат

дар ҷои ҳодиса бо мақсади муайян намудани моҳият ва механизми рух додани ҳодиса» [73, с. 668]; 2) ошкор ва ҷамъоварии изи ҷиноят, ки баъдан дар парванда ҳамчун далели шайъӣ истифода мешаванд. Дар ин раванд ҳамаи ҷузъиёт бояд ба инобат гирифта шаванд, ки таснифоти ҳамаҷонибаи онҳо ба манфиати кор аст.

**Омӯзиш ва ба қайд гирифтани ҷои ҳодиса.** Дар ин раванд мақсади асосӣ дарки чӣ гуна рух додани ҳодиса, муайян кардани моҳият ва механизми он мебошад. Ин раванд азназаргузаронии биноҳо, далелу изҳо, инчунин таҳлили ҳама ҳолатҳоеро, ки барои парванда аҳаммият доранд, фаро мегирад. Ошкор ва ҷамъоварӣ кардани изи ҷиноят метавонад бо роҳи моддӣ (масалан, изи ангуштҳо, силоҳ, хун ва дигар далелҳои шайъӣ) ва бо роҳи бевосита (масалан, нишондоди шоҳидон) сурат гирад. Ин нишондодҳоро ҳамчун далели шайъӣ метавон дар давоми мурофиаи судӣ истифода кард.

«Ҳамин тавр, азназаргузаронии ҷои ҳодиса барои муайян кардани далелҳое, ки эҳтимолияти рух додан ва ё надодани ҳодисаро тасдиқ ё рад карда метавонанд, инчунин барои ҷамъоварии далелҳои муҳимми ҳуқуқӣ хизмат мекунад» [48, с. 48].

Дар ин ҷода андешаҳои П.Колмаков низ ҷолиби диққатанд. Ӯ аввал мақсадҳои азназаргузаронии ҷои ҳодисаро дар намуди санҷиши ҷои ҳодиса ва ҷамъоварӣ кардани далелҳо барои ташкили чорабиниҳои оперативӣ-тафтишӣ ва ҳамкорӣ бо аҳли ҷомеа бо мақсади ҷустуҷӯи ҷинояткорро муайян мекунад. Ҳамзамон, ин муҳаққиқ номгӯи вазифаҳои азназаргузаронии ҷои ҳодисаро ба таври худ таҳия намудааст.

Албатта, чунин ихтилофот дар муайян кардани мақсад ва вазифаҳои азназаргузаронии ҷои ҳодиса мушкилот ба миён оварда, он барои дарки ин категорияҳои ҳуқуқӣ мусоидат намекунад.

Олимони соҳа барои равшанӣ андохтан ба ин паҳлуи масъала пайваста кӯшиш ба харҷ додаанд. Таҳлили андешаи мутахассисони соҳа барои муайян кардани вазифа ва мақсади азназаргузаронии ҷои ҳодиса

мусоидат хоҳад кард. Ба таври мисол, С.А.Шейфер «мақсади амали тафтиширо ҳамчун унсури зарурии иттилоот (мазмун ва мундариҷаи он) баррасӣ менамояд, ки дар ин раванд муфаттиш бояд бо истифода аз меъёрҳои муайяни усулҳои маърифатии ҳуқуқӣ комёб мешавад» [106, с. 138].

Мақсади тафтишро ҳамчун маълумот дар бораи ҳолатҳои ҳодисае, ки муфаттиш дар рафти омодасозии он дар асоси ҷанбаҳои амалӣ ба даст оварда метавонад, муайян кардан баҳсталаб ба назар мерасад.

Мафҳумҳои «мақсад» ва «вазифа» бо ифодаи маъноии худ низ тафовут доранд. Маънои луғавии калимаи «мақсад»-ро ҳамчун истилоҳи ҳуқуқӣ ба таври зайл метавон маънидод кард: «нияте, ки барои расидан ба он саъй мекунанд ва бояд иҷро шавад». Тавсифи калимаи вазифа: «ҳадафе, ки иҷро ва ҳалли худро талаб мекунад». Аз ин рӯ, дар ин раванди ҳуқуқӣ мақсад бояд ҳамчун самти умумии фаъолият, натиҷаи ниҳоӣ барои ноил шудан ба он баррасӣ карда шавад, ки дар заминаи он амали тафтишӣ анҷом дода мешавад. Вазифаро ҳамчун зуҳуроти мушаххаси мақсади умумӣ, ҳалли ҷузъиёти алоҳидаи ҳодиса: муайян намудани иштирокчиёни ҳодисаи тафтишшаванда; ошкор кардани олоти ҷиноят, изи ҷинояткор ва ғайра метавон арзёбӣ кард.

Бояд қайд кард, ки С.А.Шейфер вобаста ба назарияи таҳқиқи худ дарки фаҳмиши амали тафтиширо ҳамчун воситаи муайян кардан ва таъмин намудани маълумоти воқеӣ дар раванди ҳуқуқӣ бозгӯӣ менамояд. Дар ин замина метавон хулосагирӣ намуд, ки ҳадафи амали тафтишӣ раванди анҷомёфта ба шумор рафта, он фарогири иттилоотӣ барои парванда муҳим аст.

Е.Е.Сентров дар ин хусус андешаи дигар дорад. Ба ақидаи ин олим «мақсади умумии азназаргузаронӣ гирифтани маълумот бо тартиби муқарраршуда дар бораи ҳолатҳои ҳодисаи рухдода, объектҳо ва шахсони ба он алоқаманд ва робитаву таъсири мутақобилаи онҳо мебошад» [101, с. 576]. Бо дарназардошти омилҳои мавҷуда мо ба

андешаҳои Е.Е.Сентров оид ба мавриди истифодаи мафҳуми «мақсади умумии азназаргузаронӣ» пурра розӣ нашуда чунин мешуморем, ки чанд нуктаи дорои аҳаммияти илмиву амалӣ дар гуфтаҳои ӯ қобили қабул мебошанд.

Дар асоси ин гуфтаҳо метавон хулосагирӣ намуд, ки мақсади азназаргузаронии ҷои ҳодиса (ба монанди амалҳои дигари тафтишӣ) аз он иборат аст, ки муфаттиш дар рафти гузаронидани он маълумотро оид ба ҳолатҳои ҳодиса, «аз ҷумла дар бораи роҳҳои содир шудани он, инчунин доир ба объектҳо ва шахсони ба он алоқаманд, дигар далелҳое, ки ба предмети исбот дохил мешаванд ва барои тафтишот аҳаммияти калон доранд, ҷамъоварӣ намояд» [101, с. 576].

Мақсади азназаргузаронии ҷои ҳодиса (ба даст овардани маълумот ҳамчун далели шайъӣ) ва асосҳои татбиқи он (зарурат ва имконияти гирифтани маълумот ҳамчун далели шайъӣ) категорияҳои ҳуқуқии ба ҳам алоқаманд мебошанд. Дар ин раванд мақсад ҳамчун натиҷаи ниҳоии амали тафтишӣ, яъне ба сифати асос, нуқтаи оғози амалисозии он амал менамояд. Муқарраროти мазкурро дар шакли зерин метавон ифода сохт: зарурати ба даст овардани маълумот дар бораи ҳолатҳои ҳодиса; имконияти ба даст овардани маълумот дар ҷараёни ин амали тафтишӣ; ҳадафи ба даст овардани маълумот.

Бо дарназардошти ин гуфтаҳо зарур мешуморем, ки ба моддаи 182-и КМҶ ҶТ қисми 3 бо мазмуни зерин тағйирот дароварда шавад:

Қ. 3 м. 182 ҶМҶ ҶТ:

3. Азназаргузаронии ҷои ҳодиса, маҳал, бино, дигар иншоотҳо, ҷасад (қисмҳои ҷасад), ҳайвонот ва ҷасади онҳо (қисмҳои он), «ашё ва санадҳо бо мақсади ошкор намудани изи ҷиноят, дигар ҳолатҳои барои парванда аҳаммиятнок дар ҷои ҳодиса ва дигар сабабҳое, барои парванда муҳим мебошанд, гузаронида мешаванд».

Ба ғайр аз мақсади азназаргузаронии ҷои ҳодиса, инчунин вазифаҳои амали тафтишотии баррасишавандаро ҳамчун зуҳуроти

мақсади умумӣ бояд нишон дод, зеро ки муфаттиш барои ба даст овардани маълумот дар бораи ҳодиса (барои расидан ба мақсади азназаргузаронии ҷои ҳодиса) бояд тамоми чораҳои имконпазирро андешад, то изи ҷиноятро ошкор созад ва дигар ҳолатҳои барои парванда аҳаммиятнокро баррасӣ намояд.

Ҳамзамон, ба сифати вазифаи муҳим дар самти азназаргузаронии ҷои ҳодиса метавон хусусиятҳои моддии объекти тафтишшавандаро номбар кард. Ҳалли ин масъала ба муфаттиш имкон медиҳад, «ки далелҳои нав, масалан, оид ба тавсифи ҷои ҳодиса, ба даст орад ва далелҳои мавҷударо (маълумот дар бораи тарзи ворид шудан ба ҷои ҳодиса) тафтиш намояд» [143, с. 133-137]. Аломатҳои моддии зикрёфта тасаввуроти муфаттишро оид ба воқеият мукаммал гардонида, дар заминаи ин маълумот имкони дар баробари натиҷаҳои дигар амалҳои тафтишӣ пешниҳод намудан ва ё тафтиш кардани ҳолати криминалистии ҳодисаи мазкур фароҳам меояд. Масалан: «Муайян гардид, ки объекти азназаргузаронӣ воситаҳои нақлиёт мебошанд, ки дар роҳи мошингарди кӯчаи А.Қаҳҳорови шаҳри Душанбе, дар муқобили маҳаллаи Шапкина ҷойгир шудаанд. Роҳи мазкур ҳамвор ва мумфарш буда, паҳноиаш 9,80 метрро ташкил медиҳад ва барои ҳаракат дар ду самт пешбинӣ шудааст (самт аз кӯчаи А.Ҷомӣ ба ноҳияи Рӯдакӣ). Аз ду тарафи роҳ пайраҳаи пиёдагард мавҷуд аст. Дар ҷои ҳодиса автомашинаи тамғаи «GaC Aion», рақами қайди давлатӣ 0105 TT 10, дар самти муқобили ҳаракат, дар канори рости роҳ беҳаракат қарор дошт. Ҳамчунин автомашинаи тамғаи «Hyundai Starex», рақами қайди давлатӣ 7075 MP 10, аз самти ноҳияи Рӯдакӣ ба самти кӯчаи А.Ҷомӣ ҳаракат намуда, қисми қафояш дар чуқурии канори рост ҷойгир шудааст. Дар ҷои ҳодиса шишапораҳо ва изи чархҳои воситаҳои нақлиёт ошкор гардиданд. Дар натиҷаи бархӯрди байни воситаҳои нақлиёт, онҳо осебҳои техникии гуногун гирифтаанд» [190].

Барои ҳалли ҳар як вазифаҳои номбаршуда муфаттиш бояд ба як қатор саволҳо ҷавоб диҳад. Ба таври мисол, ҳангоми омӯзиши ҷои ҳодиса муфаттиш муайян мекунад, ки кадом роҳҳо ба ҷои ҳодиса равона гардидаанд ва имкони аз он берун шудан кадом аст; оё он маконро метавон ҷои ҷиноят ҳисобид, ки дар наздикии ҷои ҳодиса қарор дошта, аз ин ҷой ҳамаи ҳодисаи рухдодаро дидан ва шунидан мумкин буд; оё ҷинояткор аз ҷои ҳодиса ба таври ноаён гузашта метавонист ва дар ин маврид ӯ чӣ гуна амал кардааст ва ғ.

Дар баробари ин, аксари коршиносони соҳа иҷрои ин вазифаро муҳимтарин ҷузъиёти кори муфаттиш дар ҷои азназаргузаронии ҳодиса медонанд. Барои равшанӣ андохтан ба ин нуктаи баҳсталаб ба андешарониҳои олимони соҳа такя намудан ба манфиати кор мебошад. А.Н.Василев объектҳоеро, ки бояд дар ҷои ҳодиса тафтиш карда шаванд ба таври худ тавсиф менамояд [17, с. 377]. Ҳолати умумии ҷои ҳодиса, ки тавассути онҳо дар хусуси ба амал омадани воқеа тасаввурот метавон пайдо кард; тағйироти ҳолат дар ҷои ҳодиса, ивазшавии мавқеи ашёҳои мавҷуда дар ҷои ҳодиса, ки аз ҷараёни ҳодиса далолат медиҳанд; изи аз ҷониби иштирокчиёни ҳодиса боқимонда, инчунин изи дар натиҷаи амали иштирокчиёни ин ҳодиса гузоштагшуда; ашёҳое, ки дар парванда ҳамчун далели шайъӣ хизмат менамоянд; ҳолатҳои таъсири манфидошта дар ин амали тафтишӣ.

Ҳамзамон, муҳаққиқони дигар омӯзиши ҷои ҳодисаро барои муайян кардани хусусият ва ҳолати ҳодисаи таҳқиқшаванда вазифаи аввалиндараҷаи муфаттиш ҳангоми азназаргузаронии ҷои ҳодиса медонанд.

Дар ҷараёни содир кардан ва пинҳон намудани ҷиноят ҷинояткор ноилоҷ дар ҳолати моддии ҷои рухдодаи ҷиноят тағйирот ворид мекунад, дар ин раванд ашё ва изи гуногун боқӣ мегузорад. «Аз ин рӯ, ҳолати моддии ҷои ҳодиса, ки амали ҷинояткорро инъикос менамояд, яке аз манбаъҳои маълумот оид ба ҳодисаи таҳқиқшаванда ва

иштирокчиёни он мебошад» [31, с. 32]. Ба ақидаи мо ба мафҳуми «муайян кардани ҳолатҳои дигари барои парванда аҳаммиятнок» диққати махсус равона намуда сабабҳои гуногуни ҳодиса, аз ҷумла ҳолати ҳодисаро бояд муайян кард. Аз ин гуфта бармеояд, ки ба ҳолати ашёҳои ҷои ҳодиса бояд диққати хосса дод, зеро ки ин омил ба бисёр паҳлуҳои илмӣ ва амалии ин амали тафтишӣ равшанӣ андозад. Дар ин раванди ҳуқуқӣ зарурати таҳлил ва тавсифи омилҳои зерин пеш меояд:

**Тағйирот дар ҷои ҳодиса:** Ҷинояткор дар ин маврид кӯшиш мекунад, ки изи худро нопадид созад ва барои ноил шудани ба ин амал дар предметҳои мавҷудаи ҷои ҳодиса тағйирот ба амал орад. Ин тағйиротҳо метавонанд ба таври бевосита, масалан, несту нобуд кардани амвол, ҷойивазкунии ашёҳо ва ё бавосита изҳои аз ҷониби ҷинояткор боқимонда, ба мисли изи ангушт, хун, нишонаҳои осеббинӣ ва ғайраро тоза кунад. Албатта, мадди назар гирифтани ҳамаи ин тағйирот барои аз нав барқарор намудани ҳолати аслии ҳодисаи рухдода нақши муҳим бозида, ба рафти тафтиш ёрӣ мерасонанд.

**Изҳои ҷиноят:** Дар рафти ҳодиса изи ҷиноят боқӣ мемонад, ки онро метавон далели муҳим шумурд. Ин аломатҳо метавонанд дар шакли моддӣ (масалан, силоҳ, ашёи хусусӣ) ва биологӣ (хун, мӯй ва дигар маводи биологӣ) боқӣ монанд. Ҳар яке аз ин изҳо метавонанд барои муайян кардани шахсияти ҷинояткор, ангеза ва ҳолати ҷиноят мусоидат намоянд.

**Ҳолати моддӣ ҳамчун манбаи иттилоот:** Ҳолати аслии ҷои ҳодиса амали ҷинояткорро инъикос намуда, барои тасаввуроти умумӣ пайдо кардан замина ба миён меорад. «Ин омил на танҳо барои фахмидани механизми ҷиноят, балки барои муқаррар намудани алоқаи байни иштирокчиёни ҳодиса, мақсади онҳо ва рафти тафтиш ҳам муҳим аст» [70, с. 149].

**Нақши Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ:** Дар матни КМҶ ҶТ зикри ибораи «дигар ҳолатҳои барои парванда аҳаммиятнок» метавонад барои

амалӣ сохтани нақшаи қонунгузор дар бораи ба ин раванд ворид намудани таҳлили ҳолати моддии ҷои ҳодиса мусоидат намояд. Зери мафҳуми «дигар ҳолатҳои барои парванда аҳаммиятнок» омилҳои мансуб ба худи ҷои ҳодиса, инчунин омилҳои беруниеро, ки ба рафти ҷиноят таъсир расонидаанд, метавон дохил кард.

Аз таҳлили ин нукта бармеояд, ки баррасии ҳамаҷонибаи ҳолат дар ҷои ҳодиса барои барқарор кардани тарзи аслии содир шудани ҷиноят замина ба миён оварда, ҳамзамон қонунгузор ҳангоми таҳияи меъёрҳои мурофиаи ҷиноятӣ барои такмили онҳо ин ҷанбаҳоро ба инобат мегирад.

Ҳолати ҷои ҳодиса – фарогири унсурҳои мураккаб буда, ҷузъиёти онро ашё ва дигар объектҳои олами моддӣ ташкил медиҳанд, ки дар ҷои ҳодиса ба қайд гирифта шудаанд. Дар баробари ин, наметавон ҳамаи ашёҳои ин минтақаро ба ин комплекси мураккаб ворид намуд. Омӯзиши ҳамаҷонибаи ҷои ҳодиса имкон медиҳад, ки далелҳои шайъӣ ва муҳим дар ин раванд ошкор карда шаванд ва дар ин замина алоқамандии ҳодисаҳо дуруст баҳогузорӣ шуда, тасаввуроти дақиқ оид ба ҳолати аслии ҳодиса шакл мегирад.

Албатта, самаранокии тафтиш бештар аз қобилияти ошкор, ҷамъоварӣ ва тафтиш кардани изҳо дар ҷои ҷиноят вобастагӣ дошта, бо вуҷуди ин барои ошкор, ҷамъоварӣ ва омӯзиши онҳо бояд тасаввуроти мукаммал оид ба ашёҳои асосии ба ҳодиса тааллуқдошта мавҷуд бошад. Маҳз дар ҳамин замина метавон тафтиш ва ошкорсозии онҳо амалӣ гардад. Муайян кардани ҳолати аслӣ дар ҷои ҳодиса, яъне ошкорсозии изи ҷиноят, алоқамандии онҳо бо рафти ҳодиса, бо объектҳои ин минтақа барои ошкорсозии ҷиноят муҳим мебошанд.

Вазифаҳои азназаргузаронии ҷои ҳодисаро метавон ба чанд гурӯҳ тасниф кард: «вазифаҳои умумӣ, ки онҳо новобаста аз навъи ҷиноят баррасӣ карда мешаванд (муайян кардани ҳолат дар ҷои ҳодиса; вазифаҳои инфиродӣ, ки ҳангоми азназаргузаронии ҷои ҳодиса дар

мавриди тафтиши категорияҳои муайяни ҷиноятҳо баррасӣ карда мешаванд; вазифаҳои мушаххас, ки ҳангоми азназаргузаронии ҷои ҳодисаи тафтишшаванда баррасӣ карда мешаванд» [103, с. 320].

Дар баробари ин, вазифаҳои азназаргузаронии ҷои ҳодисаро вобаста ба табиати илмӣ ба вазифаҳои ҳуқуқӣ (дар меъёрҳои Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ асоснок гардидаанд) ва методологӣ (дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти тафтишӣ, инчунин адабиёти соҳавӣ оид ба усули ҷиноятҳо инъикос ёфтааст) тақсим метавон кард. Тавре ки аён аст, вазифаҳои умумӣ (муайян кардани ҳолат дар ҷои ҳодиса, ошкор кардани изи ҷиноят, муайян кардани сабабҳои дигари барои ошкорсозии ҷиноят муҳим) ба вазифаҳои ҳуқуқии азназаргузаронии ҷои ҳодиса тааллуқ дошта, навъҳои хусусӣ ва инфиродии онҳо ба вазифаҳои методологӣ дохил мешавнд.

Таснифоти барзиёди вазифаҳои азназаргузаронии ҷои ҳодиса дар адабиёти ҳуқуқӣ ба манфиати кор набуда, на ҳамаи онҳоро метавон дар КМҶ ҷой дод («дар ин маврид қонунгузор дуруст амал карда, бо мафҳуми муайян кардани сабабҳои дигари барои ошкорсозии ҷиноят муҳим дигар вазифаҳои ба ин масъала дахлдорро сарфи назар накардааст» [84, с. 269]. Дар баробари ин, ҳангоми пешниҳоди тавсияҳои методӣ оид ба тафтиши категорияи муайяни ҷиноятҳо (масалан, куштор, дуздӣ) тавсифи вазифаҳои мушаххаси азназаргузаронии ҷои ҳодиса асоснок мебошад.

Дар ин маврид ба андешаи он олимоне, ки ба сифати вазифаи азназаргузаронии ҷои ҳодиса танҳо омӯзиши бевоситаи ҳолат дар ҷои ҳодисаро қайд менамоянд, наметавон розӣ шуд.

Дарки ҳолат дар ҷои ҳодиса моҳияти азназаргузаронии ҷои ҳодиса, унсури асосӣ дар фаъолияти муфаттиш мебошад ва бе он ин амали тафтишӣ аҳаммияти худро аз даст медиҳад. Маҳз дарки бевоситаи ҳолат дар ҷои ҳодиса имкони тафриқаи чунин амалҳои тафтиширо, ба монанди кофтуков ва ё озмоиши (эксперименти) тафтишӣ ба миён меорад.

Мавқеи он олимонеро низ наметавон тарафдорӣ кард [95, с. 1102], ки ба андешаи онҳо ба сифати вазифаи азназаргузаронӣ ҳамаи амалҳои иштирокчиёни тафтишро, ки онҳо дар рафти амали тафтишӣ иҷро намудаанд, инчунин ҳамаи он чизе, ки ошкор карда шудаанд; воридсозӣ ва тавсифи муфассали ҳамаи объектҳои моддии ҳангоми тафтиш бадастовардашуда; чораҷӯӣ барои таъмини бехатарии ҳамаи ашёҳои моддие, ки ҳангоми азназаргузаронӣ гирифта шудаанд, қайд намоянд.

Барои равшанӣ андохтан ба ҷузъиёти ин раванди ҳуқуқӣ таҳлилу баррасии андешаронихҳои олимони соҳа ба манфиати кор мебошад. Ба таври мисол, В.А.Марков чунин мешуморад, ки ҳангоми азназаргузаронии ҷои ҳодиса муфаттиш бояд принсипҳои асосии азназаргузарониро ба таври қатъӣ риоя намояд [63, с. 120].

Принсипҳои асосии азназаргузарониро ба таври зайл метавон овард 1) қонуният – танҳо дар асос ва талаботи меъёрҳои қонуни мурофиавии ҷинояти гузаронидани амали тафтишӣ; 2) саривақтӣ (таъхирнопазирӣ) – баъди гирифтани маълумот дар бораи ҳодиса ба таври фаврӣ ба ҷои ҳодиса рафтан ва сарфи назар аз шароити обу ҳаво ва замон амали азназаргузарониро оғоз кардан; 3) мукаммалии азназаргузаронӣ – кофтуков, ошкорсозӣ, омӯзиш (чен кардан, муоина, тавсиф) ва ба қайд гирифтани шумораи ниҳоии изҳо ва объектҳои ба ин ҳодиса мансуб; 4) муназзамии азназаргузаронӣ, ки вобаста ба вазъият муайян кардани пайдарпайии амалҳоро дар назар дорад; 5) тарзи объективии азназаргузаронии изҳо, ки онҳо фарзияи тафтиширо тасдиқ ва ё рад мекунанд.

Принсипҳои мазкур талаб мекунад, ки дар протокол танҳо он маълумотҳои воқеие, ки аз ҷониби муфаттиш ва дигар иштирокчиёни амали мазкур бевосита дарк карда шудаанд, сабт карда шаванд. Дар ин ҷода низ ихтилофи назарро миёни олимони соҳа мушоҳида менамоем. Як қатор принсипҳои асосиро дар азназаргузаронии ҷои ҳодиса ба таври зерин овардан мумкин аст: 1. Қонуният; 2. Эҳтироми шаъну шарафи

шахс (ҳангоми тафтиш анҷом додани амалҳо ва қабули қарорҳое, ки шаъну шарафи иштирокчии мурофиаи ҷиноятиро паст мезананд, инчунин муносибате, ки шаъну эътибори инсонии ӯро паст мезанад ва ё барои ҳаёт ва саломатии ӯ хатар эҷод мекунад, манъ аст); 3. Ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; 4. Амали сарвақтӣ, ки дар вақти азназаргузаронӣ то ҳадди ниҳоӣ бехатарии объектҳоро дар ҷои ҳодиса таъмин менамояд. 5. Мукаммал ва ҳамаҷониба будани он. Ин раванд имкон медиҳад, ки изи ҷиноят ба андозаи зарурӣ муайян, қайд ва тафтиш карда шуда, дар протокол ва замимаҳо (нақша, ҷадвалҳои суратдор) дақиқ сабт гардад. 6. Объективӣ. Принсипи мазкур дар протоколи азназаргузаронии ҷои ҳодиса инъикоси дақиқи изҳо, ашёҳоро дар шакли аслӣ (ҷойгиршавӣ, ҳаҷм, андоза, мавқеи онҳо нисбат ба дигар объектҳо ва ғ.) дар назар дорад. 7. Муназзамӣ, мақсаднокӣ ва пайдарпайӣ, ки истифодаи усулҳои муносибро дар амали азназаргузаронӣ ба инобат гирифта, риояи пайдарпайии амалҳо, истифодаи оқилонаи воситаҳои техникӣ ва усулҳои тактикиро мадди назар дорад.

«Муфаттиш ва шахсони масъул вазифадоранд ба ҳамаи иштирокчиёни тафтиш ҳуқуқу уҳдадории онҳоро фаҳмонанд ва имконияти татбиқи ин ҳуқуқҳоро таъмин намоянд» [90, с. 302]. Зараре, ки ба шахс дар натиҷаи вайрон кардани ҳуқуқу озодиҳои ӯ аз ҷониби шахсони дахлдор расидааст, бояд тибқи асосҳо ва тартиби пешбининамудаи Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷуброн карда шаванд.

Ҳамзамон, принсипҳои асосии ин навъи тафтишро дар таъхирнопазирӣ, холисона (объективӣ) будан, мукаммалӣ, мунтазамӣ, мақсаднокӣ, истифодаи зарурии воситаҳои техникию криминалистӣ ва ёрии мутахассисон, таъмини ҳифзи ҳолат, ягонагӣ дар амали азназаргузаронии ҷои ҳодиса мебошанд.

Принсипи беғаразӣ (объективӣ) ин зарурати муайян кардани хусусиятҳои объектҳои санҷиш бо дарназардошти ҳама хулосаҳои

эҳтимолии ҳодисаи рухдода ва хусусиятҳои он бе арзёбии шаклҳои дигари он мебошад.

Принсипи мукаммалӣ фарогирии ҳамаҷонибаи объектҳо, роҳ надодан ба камбудиҳо, дақиқ будани тафтиш нигаронида шудааст.

Низоми азназаргузаронӣ маънои тартиботи қатъӣ, мунтазам ва пайдарпайии мантиқии ин амалҳоро дорад.

Принсипи мақсаднокӣ ба гузаронидани ин амали тафтишӣ аз нуқтаи назари муайян иборат буда, он ба ошкор сохтани аломатҳои муайян ва ҳолатҳои эҳтимолӣ нигаронида шудааст. Мақсаднокӣ ба хусусиятҳои кофтуковии азназаргузаронӣ алоқамандӣ дорад.

Дар сатҳи зарурӣ истифода намудани воситаҳои техникиву криминалистӣ ва ёрии мутахассисон барои ба қайд гирифтани аломатҳои моддии ҳодисаи тафтишшаванда ва гирифтани маълумоти муҳим мебошад.

Таъмини ҳифзи ҳолат дар ҷои ҳодиса ин маънои андешидани тамоми чораҳои эҳтиётиро дар вақти азназаргузаронӣ барои пешгирӣ кардани тағйироти тасодуфӣ, номатлуб ва идоранашаванда дар ҷои ҳодиса, несту нобуд кардан ва таъсири манфӣ ба изи ҷиноят, аз худ гузоштани осор, ки он метавонад шубҳаро ба миён орад. Дар ин маврид ба изҳои ба осонӣ нобудшаванда ва тағйирёбанда, ба монанди изи ангуштони арақолуд ва ё равғанолуд ба таври махсусан эҳтиёткорона бояд муносибат намуд.

Мафҳуми роҳбарии ягона фаъолияти ҳамҷояи шахсони масъулро ифода месозад. Ба сифати ин шахсони масъул муфаттиш, корманди мақомоти тафтишӣ, ки бо фармон ва назорати ӯ дигар иштирокчиён амал мекунанд (мутахассис, корманди оперативӣ ва ғайра) метавонанд амал намоянд.

Сардори бахши тафтишӣ миёни зертобеони худ вазифаҳоро тақсим карда, ба онҳо дастурҳои зарурӣ медиҳад ва ба сифати кори онҳо баҳо медиҳад [56, с. 301].

Бо дарназардошти таҳлили ин нуктаҳо метавон хулосагирӣ кард, ки ба принсипҳои асосии азназаргузаронии ҷойи ҳодиса амалҳои дорои хусусиятҳои таъхирнопазирӣ, мукаммалӣ, бонизом, объективӣ ва ғайра дохил мешаванд.

Амали саривақтӣ бо он тавсиф мешавад, ки муфаттиш ва дигар иштирокчиён фавран ба ҷои ҳодиса рафта, ҳангоми расидан ба он ҷой тафтишро шуруъ менамоянд. Танҳо дар ин ҳолат метавон ҳолати аслии воқеа ва асноди ба он алоқамандро ошкор сохт.

Азназаргузаронии пурраи ҷои ҳодиса талаб мекунад, ки ин амали тафтишӣ тавре гузаронида шавад, ки тамоми осор ва ашёҳои дар ҷои ҷиноят пайдошуда дар протоколи азназаргузаронӣ дуруст сабт карда шаванд.

Санҷиши мунтазам маънои дуруст муайян кардани пайдарпайии амалҳои муфаттишро дар ҷои ҳодиса дорад. Дар ин ҳолат муфаттиш диққати худро ба ашёҳои асосӣ ва ҳолати аслии воқеа диҳад, дарки пайдарпайии амалҳо боиси комёбии муфаттиш дар ошкорсозиии ҷиноят мегардад.

Хусусияти объективии азназаргузаронии ҷои ҳодиса аз омӯзиш ва баррасии осор ва ашёҳои мавҷуда иборат аст. Принсипи мазкур талаб мекунад, ки дар протокол ва дигар воситаҳои бақайдгирӣ танҳо он маълумоти воқеии аз ҷониби муфаттиш ба таври бевосита даркгардида бояд инъикос ёбанд [57, с. 279].

«Мутобиқи муқаррароти КМҶ ҶТ, қайд кардан мумкин аст, ки принсипҳои азназаргузаронии ҷои ҳодиса бар асоси меъёрҳои конститутсионӣ ва мурофиавӣ низ таҳия шудаанд» [2]. Мувофиқи моддаи 9 КМҶ ҶТ, принсипи қонуният заминаи асосии азназаргузаронии ҷои ҳодисаро ташкил медиҳад. Дар асоси моддаҳои 10, 11 ва 12 КМҶ ҶТ, ҳангоми азназаргузаронӣ эҳтироми шаъну шарафи шахс, дахлнопазирии шахсият ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо ҳатмӣ мебошад. Принсипи дахлнопазирии манзил, ки дар моддаи 13 КМҶ ҶТ пешбинӣ шудааст

аҳаммияти махсус дорад, зеро дар амалияи тафтишотӣ азназаргузаронӣ аксаран ба манзили шаҳрвандон вобаста мебошад. Мувофиқи моддаи 14 КМҶ ҶТ, ҳангоми азназаргузаронӣ бояд сирри шахсӣ ва оилавӣ, маҳрамияти мукотиба ва дигар маълумоти хусусӣ ҳифз карда шавад. Принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ ба азназаргузаронӣ мазмуни беғаразона мебахшанд. Мувофиқи моддаи 21 КМҶ ҶТ, принсипи тафтиши ҳамаҷониба, пурра ва холисона заминаи методологии азназаргузаронии ҷои ҳодиса мебошад. Дар охир, моддаи 23 КМҶ ҶТ ҳуқуқи иштирокчиёни мурофиа барои шикоят аз амал ё беамалии шахсони мансабдорро муайян мекунад. Бо дарназардошти ҳамаи меъёрҳои зикршуда, метавон хулоса кард, ки принсипҳои азназаргузаронии ҷои ҳодиса дар КМҶ ҶТ хусусияти комплексӣ доранд [2].

Риояи ин принсипҳо омили асосии самаранокии тафтиши ҷои ҳодиса ба шумор меравад.

Ҳамин тавр, ҷамъбасти назарияҳои пешниҳодшуда имкон медиҳад, ки принсипҳои асосии азназаргузаронии ҷои ҳодиса ҳамчун як низоми мукаммали меъёрӣ-методӣ арзёбӣ гарданд, ки дорои хусусиятҳои қонуният, таъхирнопазирӣ, мукаммалият, низомнокӣ, объективият ва ҳифзи ҳолат мебошанд. Риояи пайваста ва ҳамгироёнаи ин принсипҳо шарти ҳатмии баланд бардоштани самаранокии фаъолияти тафтишотӣ, таъмини эътимоднокии далелҳо ва татбиқи адолати судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад.

Бо дарназардошти ин таҳлилу баррасиҳо метавон чанд хулосаи дорои хусусиятҳои илмиву амалидоштаро пешниҳод намуд, ки ҳангоми роҳандозии ин навъи амали тафтишӣ муфид хоҳанд буд:

Мақсади криминалистии азназаргузаронии ҷои ҳодиса омилҳои зеринро дар бар мегиранд:

1. Муайян кардани изи ҷиноят – ошкор намудани далелҳои шайъӣ, ки барои муайян кардани факти содир шудани ҷиноят истифода мешаванд

(изҳо дар ҷои ҳодиса, олоти ҷиноят, изи ангуштон, изи хун, моддаҳо ва ғ.).

2. Азнавбарқарорсозии ҳодисаҳо – муқаррар намудани рафти ҳодиса, аниқ кардани ҳолатҳои ҷиноят, инчунин муайян намудани тартиби амали иштирокчиён.

3. Ҷамъоварии далелҳо – сабт ва мусодираи маводҳое, ки метавонанд дар мурофиаи ҷиноятӣ ҳамчун далел хизмат кунанд (масалан, санадҳо, далелҳои шайъӣ, нишондоди шоҳидҳо).

4. Муайян кардани шоҳидони эҳтимолӣ – тавассути таҳлили осор ва далелҳо муайян кардани шахсоне, ки метавонанд дар ҷиноят даст дошта бошанд.

5. Муайян кардани алоқамандиҳои сабаб ва оқибати ҷиноят – таҳлили омилҳои гуногуне, ки боиси содир шудани ҷиноят шуда метавонистанд, инчунин омили муайян намудани механизмҳои содир намудани он мебошанд.

6. Асоснок намудани иттилоот – ҷамъоварии маълумот дар бораи ҳодиса пеш аз тағйир додан ва ё нобуд кардани онҳо бо мақсади тафтишоти минбаъда.

7. Арзёбии ҳолати ҷои ҳодиса – муайян кардани тағйироти эҳтимолӣ дар ҷои ҷиноят ва таъсири онҳо ба тафтишоти минбаъда.

8. Муқаррар намудани вақт ва ҷои содир намудани ҷиноят – ҷамъоварии маълумоте, ки барои аниқ муқаррар намудани ҷой ва лаҳзаи содир намудани ҷиноят мусоидат намуда, дар заминаи он шахсияти ҷиноятkор ва амалҳои ӯро метавон бозгӯӣ кард.

Ин ҳадафҳо ба ҷамъоварӣ намудани маълумоти мукаммал ва саҳеҳ дар тафтиши ҷиноят заруранд.

Вазифаҳои криминалистии азназаргузаронии ҷои ҳодиса фарогири ин омилҳои муҳим мебошад:

1. Ошкор ва бақайдгирии изи ҷиноят – шиносоӣ ва бақайдгирии ҳамаи осор ва ашёҳое, ки онҳо ба сифати далел (изҳо, олоти ҷиноят,

қисмҳои бадан, либос, ҳуҷҷатҳо ва дигар далелҳо) дар тафтишот хизмат мекунанд.

2. Бақайдгирии ҳолати ҷои ҳодиса – бақайдгирии дақиқи ҳолат дар ҷои ҷиноят бо истифода аз аксҳо, наворҳои видеоӣ, нақшаву расмҳо ва қайдҳои хаттӣ барои дарки ҳолати аслии ҷои ҳодиса.

3. Муайян намудани сабабҳои рух додани ҷиноят – ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумоте, ки барои аз нав барқарор намудани тасаввурот дар бораи ҳодиса, муайян кардани маҳал ва вақти ҷиноят, инчунин усулҳои содир намудани он кумак мерасонад.

4. Муайян ва сабт кардани осоре, ки метавонанд барои тафтишоти минбаъда муфид бошанд – бақайдгирии изи ангуштҳо, изи пойафзол, маводи биологӣ (хун, мӯй, моеъҳо ва ғайра), инчунин изи кимиёвӣ ва дигар далелҳо, ки метавонанд дар муайян кардани ҷинояткорон кумак расонанд.

5. Таъмини ҳифзи изи ҷиноят – андешидани чораҳо барои пешгирӣ аз нобудшавӣ ё гум шудани далелҳо, ки ин раванд бо девор муҳофизат кардани ҷои ҳодиса, роҳандозии бехатарӣ ва истифодаи усулҳои махсуси ҳифзи далелҳоро фарогир мебошад.

6. Гирифтани далелҳои шайъӣ – ҷамъоварӣ намудани ашё ва объектҳои барои тафтиш муҳим (масалан, олоти ҷиноят, маблағ, ашёи шахсӣ, ҳуҷҷатҳо ва ғ.), барасмиятдарории ин раванди ҳуқуқӣ.

7. Муқаррар намудани алоқамандии ҷои ҳодиса бо иштирокчиёни ҷиноят – муқаррар намудани робитаи байни изи ошкоршуда ва гумонбаршудагон, ҷойгиршавии изҳо, инчунин иштироки эҳтимолии онҳо дар ҷиноят.

Албатта, чунин вазифаҳо барои ҷамъоварии маълумоти зарурӣ замина фароҳам меоранд, маҳз дар ҳамин асос босамарии раванди минбаъдаи тафтишот ва муайян кардани ҷинояткорон роҳандозӣ карда мешаванд.

Таҳлили муқоисавии андешаҳои олимони соҳа оид ба принсипҳои азназаргузаронии ҷои ҳодиса нишон медиҳад, ки новобаста аз гуногунандешии назариявӣ, онҳо дар моҳияти худ ба ташаккули як низоми ягона ва мукаммали методологӣ нигаронида шудаанд.

Пеш аз ҳама, принсипи қонуният ҳамчун заминаи меъёрӣ ва кафолати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон баромад мекунад. Он талаб менамояд, ки азназаргузаронӣ танҳо дар доираи талаботи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ анҷом дода шавад. Ин принсип бо эҳтироми шаъну шарафи шахс ва таъмини ҳуқуқҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ робитаи мустақим дошта, характери ҳуқуқбунёд ва инсондӯстонаи фаъолияти тафтишотиро таъмин менамояд.

Принсипи саривақтӣ (таъхирнопазирӣ) омили калидӣ дар нигоҳдории ҳолати аслии ҷои ҳодиса ба шумор меравад. Таъхир дар оғози азназаргузаронӣ метавонад боиси аз байн рафтани изҳо, тағйир ёфтани муҳит ва коҳиш ёфтани арзиши исботии далелҳо гардад. Аз ин рӯ, амали фаврии муфаттиш ва гурӯҳи тафтишотӣ шарти муҳимми муайян намудани ҳолатҳои воқеии ҳодиса мебошад.

Мукаммалият ва ҳамаҷониба будан ҳамчун принсипи муҳимми криминалистӣ фарогирии пурраи ҳамаи изҳо ва ашёҳои марбут ба ҳодисаро дар назар дорад. Ин талабот аз муфаттиш масъулияти баланд, диққати махсус ва истифодаи воситаҳои техникию криминалистиро тақозо мекунад. Танҳо дар сурати омӯзиш, ченкунӣ, тасвир ва сабти дақиқи ҳамаи унсурҳои моддӣ метавон тасвири воқеии механизми ҷиноятро барқарор намуд.

Принсипи муназзамӣ ва пайдарпайӣ ба ташкили мантиқии ҷараёни азназаргузаронӣ дахл дорад. Муайян намудани тартиби дурусти амалҳо, ҷудо кардани объектҳои асосӣ ва иловагӣ, истифодаи оқилонаи усулҳои тактикӣ ва техникӣ ба самаранокии тафтиш мусоидат менамояд. Низомнокӣ инчунин пешгирии хатоҳои методӣ ва аз даст рафтани маълумоти муҳимро таъмин мекунад.

«Объективият (беғаразӣ) яке аз сутунҳои асосии фаъолияти тафтишотӣ буда, талаб менамояд, ки изҳо ва далелҳо новобаста аз мувофиқат ё мухолифати онҳо ба фарзияҳои пешакӣ, дар шакли аслии худ ба қайд гирифта шаванд» [5, с. 791]. Дар протокол бояд танҳо маълумоти воқеан даркшуда инъикос гардад, на хулосаҳо ё тахминҳои субъективӣ. Ин принсип кафолати эътимоднокии натиҷаҳои тафтиш ва адолати мурофиавиро таъмин менамояд.

Илова бар ин, таъмини ҳифзи ҳолати ҷои ҳодиса, истифодаи саривақтии воситаҳои техникию криминалистӣ ва ҷалби мутахассисон, инчунин роҳбарии ягона дар фаъолияти гурӯҳӣ, унсурҳои муҳимми ташкилии азназаргузаронӣ мебошанд. Ин омилҳо ба нигоҳдории изҳои зудтағйирёбанда, пешгирии таъсири омилҳои беруна ва ҳамоҳангии фаъолияти иштирокчиён мусоидат мекунанд.

# БОБИ 2. ХУСУСИЯТҲОИ ИСТИФОДАИ ТЕХНИКАИ КРИМИНАЛИСТӢ ВА ИННОВАТСИОНӢ ҲАНГОМИ АЗНАЗАРГУЗАРОНИИ ҶОИ ҲОДИСА

## 2.1. Таъминоти техникӣ-криминалистии раванди азназаргузаронии ҷои ҳодиса

Таъминоти техникӣ-криминалистӣ дар ошкор намудан ва тафтишоти ҷиноятҳо яке аз вазифаҳои асосии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ буда, қисми бештари ин намуди фаъолият ба воҳидҳои тафтишӣ мансуб аст. Дастовардҳои илмию техникӣ ҳамеша манбаи муҳим барои такмил додани усулҳо ва воситаҳои техникӣ-криминалистӣ дар равандҳои ба даст овардан, омӯзиш ва истифодаи маълумоти муҳим бо мақсадҳои гуногун мебошанд. Дараҷаи самарбахшии санҷиши ҷои ҳодисаро метавон бо рафъи фосилаи байни сатҳи баланди таҳқиқоти илмӣ ва сатҳи донишҳое, ки бевосита ҳангоми азназаргузаронии ҷои ҳодиса истифода шуда, такмил наёфтаанд, беҳтар намуд.

Дар мавриди тафтишоти ҷиноятҳо вобаста ба самту мазмун ва мундариҷа таъминоти техникӣ-криминалистӣ ба усулҳои ташкиливу ҳуқуқӣ, илмию техникӣ ва методӣ алоқамандӣ дошта, онҳо дар якҷоягӣ шартан ташаккул меёбанд.

Масъалаҳои марбут ба таъминоти амалҳои тафтишӣ бо воситаҳои техникӣ ва роҳандозии усулҳои муосири кримиалистӣ дар корҳои олимони соҳа, аз ҷумла Т.В.Аверянова ва дигарон мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтаанд [5, с. 791].

Аз таҳлили мафҳуми таъминоти техникӣ-криминалистӣ бармеояд, ки дар ин таркиби ҳуқуқӣ пешниҳодҳои амалӣ ва назариявӣ мавҷуд буда, он аз ҷиҳати методологӣ муҳим аст ва татбиқи онҳо имкони роҳандозии фаъолияти пурсамари тафтишӣ ва илмиро ҳангоми омӯзиши ҷои ҳодиса фароҳам меорад. Дар мавриди роҳандозии чунин раванди мураккаб аз тамоми воситаю усулҳои мавҷудаи илмиву техникӣ-криминалистӣ ба

таври комплексӣ метавон истифода бурд. Азбаски макони содир намудани ҷиноят макони ибтидоӣ ба шумор рафта, он дар тафтишот ва такмили пояи маълумотҳо аҳаммияти аввалиндараҷа дорад, кормандони бахши оперативӣ-тафтишӣ бояд ба таври муташаккилона ва фаврӣ амал кунанд. Ин танҳо дар сурате имконпазир аст, ки онҳо барои ба амал баровардани тадбирҳои зарурӣ дар ҳолати омодабош қарор доранд.

Ин масъалаи муҳим, ки дар ошкорсозии ҷиноят ва ба таври мукаммал азназаргузаронии ҷои ҳодиса мусоидат менамояд, диққати муҳаққиқони соҳаро ба худ ҷалб намудааст.

Масалан Е.У.Бобоева бар он андеша аст, ки дараҷаи самарабахшии омӯзиши вазъият ва ҳолати баамаломада дар ҷои ҳодиса ба он вобаста аст, ки андозагирӣ, мушоҳида, тавсиф ва моделсозӣ то чӣ андоза дуруст роҳандозӣ карда шудаанд ва қонуниятҳои мантиқӣ то кадом сатҳ риоя гаштаанд [8, с. 335].

Омӯзиши ҷои ҳодиса хусусияти тафтишӣ дошта, бояд ба таври комплексӣ гузаронида шавад, аз ин рӯ мутахассисоне, ки ин равандро амалӣ месозанд, бояд дониши амиқи касбӣ дошта, дар самти техникӣ-криминалистӣ комёб бошанд. Дар даврони муосир ҳаллу фасли вазифаҳои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар мубориза алайҳи ҷинояткорӣ бе истифодаи дурусти таҷҳизоти муосири техникӣ ва усулҳои муосири илми криминалистӣ ғайриимкон аст. Бо вуҷуди ин, татбиқи чунин раванд баъзан ба таври зарурӣ сурат нагирифта, ин раванд ҳамеша ба такмилёбӣ ниёз дорад.

Дастгоҳҳои ҷустуҷӯ, воситаҳои сабти изҳо ва коргузорӣ бо онҳо, дастгоҳҳои равшанӣ, техникаи аксбардорӣ ва таҳлилӣ, инҳо рӯйхати нопурраи анвои таҷҳизоте мебошад, ки метавонанд ҳангоми азназаргузаронии ҷои ҳодиса истифода шаванд. Ин амали тафтишӣ дорои хусусияти пешгӯишаванда буда, ҳангоми татбиқи онҳо кормандон ба мушкилиҳои зиёд дучор мешаванд ва албатта бо гузашти вақт такмил

меёбанд. Аз ин рӯ, яке аз вазифаҳои асосӣ дар марҳилаи омодагӣ тартиб додани маҷмуи воситаҳои техникии зарурӣ мебошад.

Дар заминаи маълумот ва таҳлилҳо таваҷҷуҳи асосиро метавон ба омӯзиши масъалаи истифодаи воситаҳои техникӣ-криминалистӣ равона кард, ки муфаттиш ҳангоми кор бо изҳое, ки дар ҷои ҳодиса боқӣ мондаанд, истифода мебаранд. Ин масъала яке аз ҷанбаҳои муҳим ва мураккаби бахши тафтишӣ ба ҳисоб рафта, усули истифодаи техникии муосир дар тафтиши ҷиноят метавонад таъсири бевосита ва муассире дар сифати муайянкунии далелҳо, зуд ва дақиқ ҷамъоварии маълумот дар ҳалли масъалаҳои ҳуқуқӣ дошта бошад.

Ҳамчунин, бо дарназардошти он ки ҷои ҳодиса дар тафтиши ҷиноят ҳамчун манбаи асосии маълумоти муҳим хизмат мекунад, истифодаи воситаҳои техникӣ ва усулҳои муосири криминалистӣ дар ин марҳила бояд бо дарназардошти талаботи методологии муосир ва принсипҳои дақиқи илмӣ ба роҳ монда шавад. Таваҷҷуҳ ба ин масъала имконият медиҳад, ки тарзу усулҳои нав ва самаранок барои муайян кардани омилҳои асосӣ дар содиршавии ҷиноят роҳандозӣ карда шаванд.

Мувофиқи таҳқиқоти муаллифон ва таҷрибаи ҷаҳонӣ, техника ва технологияҳои муосир дар илми криминалистика на танҳо ба ҷамъоварии маълумоти дақиқ ва исботкунанда, балки ба пешгирии ҷинояткорӣ ва баланд бардоштани сатҳи амнияти ҷомеа низ мусоидат мекунанд [179].

Номгӯи васеи воситаҳои техникӣ, ки дар раванди ошкорсозӣ, сабт ва анҷом додани дигар амалҳои тафтишӣ нисбат ба изи ошкоргардида мавриди истифода қарор мегиранд, бо гуногунии вазифаҳо, хусусиятҳои объектҳои таҳқиқ ва маҷмуи масъалаҳои методологию амалие муайян мегардад, ки дар ҷараёни омӯзиш, таҳлил ва арзёбии изҳо ҳалли илман асосноки онҳоро тақозо менамояд. Воситаҳои техникии махсуси криминалистикӣ барои иҷрои вазифаҳои асосие, ки бо мақсади пайдо кардани изҳои боқимонда дар ҷои ҳодиса заруранд, истифода мешаванд.

Вазифаҳои асосии ошкор кардани изҳои дар ҷои ҷиноят боқимонда, ки барои онҳо технологияи криминалистӣ зарур аст, инҳоянд:

– кофтукови из ва дигар далелҳои дорои хусусияти моддӣ;

– азназаргузаронии пешакии далелҳои шайъӣ барои муайян кардани ҳолате, ки он ба ҳодисаи тафтишшаванда дахл дорад ва оё онҳо дар бораи ҳодиса ягон маълумоти пурарзиш медода бошад;

Барои истифодаи воситаҳои техникӣ-криминалистӣ ҳангоми кор бо изҳои бевосита дар маҳалли содир шудани ҷиноят, тайёрии ҳаматарафаро бояд роҳандозӣ намуд [11, с. 408]. Қабули қарор дар бораи интихоби техникаи зарурӣ, санҷиши мувофиқат доштани таҷҳизоти интихобшуда барои ҳалли мушкилот ҳангоми азназаргузаронии ҷои ҳодиса ва гузоштани вазифаи мушаххас дар назди мутахассис оид ба кор бо техникаи криминалистӣ, кофтукови из ва дигар далелҳои дорои хусусияти моддӣ ва ғ.

Ҳангоми қабули қарор дар бораи истифодаи воситаҳои муайяни техникӣ-криминалистӣ муфаттиш бояд дарк намояд, оё технологияи интихобшудаи криминалистӣ метавонад вазифаҳо ва ҳадафҳои гузошташударо ҳал намояд, инчунин муайян кунад, ки оё кор дар ҷои ҷиноят ҳангоми истифодаи маҷмуи воситаҳои техникии интихобгашта самаранок хоҳад буд. Дар сурати пайдо шудани шубҳа беҳтар аст, ки воситаҳои техникӣ-криминалистиро истифода набаред, онҳо танҳо ба ҳалли мушкилот халал мерасонанд. Аз ин бармеояд, ки вазифаҳои мушаххаси муфаттиш бояд мутобиқ ба моҳият ва хусусиятҳои марҳилаи дахлдори тафтишот муайян ва амалӣ гарданд, дар ҳоле ки номгӯи интихобшудаи воситаҳои техникӣ, ҳамчун унсури таъминоти техникии тафтишот, сатҳи ноилшавӣ ба ҳадафҳо ва натиҷаҳои дарпешгузошташуда таъсири бевосита мерасонад. Ба чунин вазифаҳо муайян кардани изҳо, муқаррар намудани ҳолати ҳодиса, муайян кардани намуди эҳтимолияти содиршавии ҷиноят дохил мешаванд.

Ба ғайр аз ин омилҳо муфаттишон ҳангоми интихоби маҷмуи воситаҳои истифодашаванда он омилҳоро ба назар мегиранд, ки метавонанд доираи истифодаи воситаҳои техникӣ (ва ё фаъолияти муътадили онҳоро) маҳдуд созанд [17, с. 377]. Маҳдудиятҳои эҳтимолӣ: мушкилоти техникӣ, масалан, мавҷуд набудани манбаъҳои барқ барои дастгоҳ дар ҷойе, ки бояд тафтиш гузаронида мешавад, мушкилоти ташкилӣ (масалан, ҳангоми азназаргузаронии ҷои ҳодиса, мутахассисе, ки тарзи истифода бурдани дастгоҳи мушаххасро медонад, мавҷуд нест), мушкилоти ҳуқуқӣ (воситаҳое, ки метавонанд ба саломатӣ ва ҳаёти инсон зарар расонанд, истифода намешаванд). Бо дарназардошти ин, ҳангоми ба мақсад мувофиқ будани истифодаи ин ё он намуди таҷҳизот муфаттиш бояд донад, ки барои коҳиш додани эҳтимолияти таҳдид ба ҳаёт ва саломатии одамон, ки аз истифодаи дастгоҳ бармеоянд, чӣ гуна чораҷӯӣ бояд кард.

Дар истифодаи воситаҳои техникӣ боз як омили муҳимро бояд ба инобат гирифт, ки ҳангоми корҳои омодагӣ сурат мегирад ва он шакли аз ҳама муносиби корбурди лабораторияи сайёр мебошад, ки дорои тамоми таҷҳизоти зарурии техникӣ (аз ҷумла асбобҳои мураккаби калонҳам) буда, бо сабабҳои объективӣ истифода бурдани он на ҳамеша имконпазир аст. Дар баробари ин, муфаттишон ҳангоми раҳсипор шудан ба ҷои ҳодиса ба мушкилоти таъминоти техникӣ дучор мешаванд, ки онро бояд сари вақт рафъ намуд.

Воситаҳои таъиноти техникӣ-криминалистӣ бевосита дар ҷои гузаронидани таҳқиқот аз ҷониби муфаттиш ва ё мутахассиси соҳаи криминалистӣ омода ва мавриди истифода қарор дода шавад. Воқеан, маҷмуи таҷҳизоти техникӣ, ки имрӯз ба таври васеъ дар ҷараёни омӯзиши ҷои ҳодиса корбаст мешаванд, бо дарназардошти хусусияти универсалии онҳо роҳандозӣ шудаанд [20, с. 134]. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки ҳангоми коркарди ин воситаҳои техникӣ тамоми хусусиятҳои истифодаи онҳо дар ин раванди ҳуқуқӣ то ҳадди имкон ба

инобат гирифта мешавад ва ҳолати техникии онҳо дар вазъиятҳои гуногуни баамаломада зуд тағйир намеёбад.Ҷомадонҳои криминалистӣ аксаран предметҳое доранд, ки дар бисёре аз кофтуковҳои криминалистӣ шояд истифода нагарданд. Ҳамзамон, бисёре аз воситаҳои воқеан зарурӣ дар онҳо ҷой дода нашудаанд. Аз ин рӯ, муҳим аст, ки ҳангоми интихоби васоити зарурӣ ва маводе, ки бояд дар чунин ҷомадон ҷойгир карда шаванд, ба як қатор меъёрҳо таваҷҷуҳ карда шавад: навъи ҷинояте, ки содир шудааст; шароити гузаронидани таҳқиқот (масалан, муҳити табиӣ, торикӣ, дастнорасии ҷойи ҳодиса); хусусиятҳои ашёҳо вобаста ба навъи ҷиноят (мисол, изҳо ва нишонаҳое, ки дар ҷои ҳодиса пайдо мешаванд ва ғ).

Аз таҳлил ва андешарониҳои мутахассисони соҳаи криминалистика бармеояд, ки яке аз мушкилоти асосии ҷойдошта дар ин самт набудани лабораторияҳои сайёри махсусгардонидашудаи криминалистӣ ба ҳисоб меравад.

Ба андешаи мо, зимни омӯзиши проблемаҳои таъминоти техникӣ-криминалистии азназаргузаронии ҷои ҳодиса мавҷудияти се марҳиларо (марҳилаи якум – марҳилаи омодагӣ, марҳилаи дуюм – марҳилаи асосӣ, марҳилаи сеюм – марҳилаи ниҳоӣ) дар татбиқи ҷараёни омӯзиши ҷои ҳодиса бояд қайд кард.

Ҳар яке аз ин марҳилаҳо дорои вазифаҳо, тадбирҳо ва талаботи муайяни ташкилӣ ва методӣ мебошад, ки самаранокии кори тафтишотиро таъмин мекунанд. Марҳилаи омодагӣ, пеш аз ҳама, ба интихоби дурусти воситаҳои техникӣ-криминалистӣ, ки бо дарназардошти хусусиятҳои ҳодисаи тафтишшаванда интихоб мешаванд, нигаронида шудааст. Ин марҳила инчунин омодасозии мутахассисонро дар бар мегирад, ки бояд дар ин раванд иштирок кунанд. Дар марҳилаи асосӣ, ки мустақиман ба гузаронидани азназаргузаронии ҷои ҳодиса рост меояд, татбиқи амалии усулҳои техникӣ ва методҳои криминалистӣ сурат мегирад. Ин раванд бояд

мувофиқи тартиботи муқаррарнамудаи қонунгузорӣ бо истифодаи таҷҳизоти зарурӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон анҷом дода шавад. Дар марҳилаи ниҳоӣ бошад, натиҷаҳои бадастомада таҳлил ва ҷамъбаст гардида, барои қабули қарорҳои минбаъдаи тафтишӣ истифода бурда мешаванд. Баррасии хусусиятҳои илмиву амалии ин се марҳила боиси самаранокии истифодаи воситаҳои техникӣ ва таъмин намудани пуррагии тафтиши ҳодиса мегардад. Аз ин рӯ, таснифи вазифаҳои ҳар яки онҳо ба манфиати кор мебошад.

Дар марҳилаҳои омодагии азназаргузаронии ҷои ҳодиса барои таъмини самаранокии ҷараёни омӯзиш, зарур аст, ки як қатор вазифаҳои махсус амалӣ карда шаванд:

а) ифодаи пурраи манзараи умумии ҷинояти рухдода;

б) муайянсозии ҳудуди минтақае, ки бояд мавриди омӯзиш қарор гирад;

в) тартиб додани пайдарпайии амалҳо ҳангоми азназаргузаронӣ ва муайян кардани макони муносиб барои оғози омӯзиши ҷои ҳодиса;

г) аксбардории умумии минтақа ва сабти ҳолати аввалаи ҷои ҳодиса бо истифодаи воситаҳои дастрас.

Вазифаҳо дар марҳилаи асосӣ аз инҳо иборатанд:

а) ҷустуҷӯ ва ошкорсозии из ва далелҳои моддии ҷиноят, ки ба ҳодисаи тафтишшаванда мансуб мебошанд;

б) сабту ҳуҷҷатгузории изи ёфташуда ва далелҳои моддӣ, бо дарназардошти хусусиятҳои онҳо ва ҷойгиршавиашон дар муҳити воқеӣ.

Вазифаҳо дар марҳилаи ниҳоӣ:

а) таҳқиқ ва таҳлили пешакии из ва далелҳои моддии ошкоршуда;

б) бастабандии дурусти онҳо барои таъмини нигаҳдорӣ ва пешгирӣ аз талаф ё осеб дидан дар раванди минбаъдаи тафтиши парванда.

Ин марҳилаҳо ва вазифаҳо метавонанд заминаи боэътимод барои таҳқиқи самараноки ҷиноят ва истифодаи дурусти воситаҳои техникӣ-криминалистӣ бошанд.

Ба таври васеъ интихоб намудани ҳудуди ҷои ҳодиса то андозае амали асоснок ба шумор нарафта, ин омил метавонад мушкилиҳоро ба миён орад. «Ҳамаи изҳо ва унсурҳои ҳудуди ҷои ҳодиса дар шакли аслии худ мавриди омӯзиш қарор гиранд ва баъдан дар ҳолати динамикӣ, яъне бо дарназардошти эҳтимолияти тағйирёбии онҳо, санҷиш гардад» [105, с. 176]. Ҳангоми омӯзиши изҳо ва тасвири хусусиятҳои хоси онҳо, зарур аст аввал аломатҳои умумӣ ва сипас хусусиятҳои махсусу ҷузъӣ сабт шаванд.

Бо дарназардошти ин хусусиятҳо мутахассиси соҳа Т.Н.Шамонова методҳои истифодашавандаро дар омӯзиши ҷои ҳодиса ба ду қисм ҷудо мекунад:

1. Методи пайдарпайӣ (ё пурра), ки дар он тамоми минтақаи ҷои ҳодиса ва ҳамаи ашёву аломатҳо бидуни истисно мавриди таҳқиқ қарор мегиранд.

2. Методи интихобӣ, ки дар он танҳо қисматҳои муҳимтарини муҳити ҷои ҳодиса бо дарназардошти муайянсозии ҳолати воқеа таҳқиқ карда мешаванд.

Моҳияти усули якум фарогири омӯзиши ҳамаи он чизи дар минтақаи баррасишаванда қарордошта ба шумор меравад (муфаттиш ҳаққи сарфи назар кардани ин ашёҳоро надорад). Моҳияти усули дуюм аз омӯзиши танҳо он объектҳои муҳити зист дар ҷойи ҳодиса иборат аст, ки изи ҷойгиршавӣ, ҳаракати ҷинояткор ва дигар амалҳои содиркардаи ӯро инъикос мекунанд.

Вобаста ба навъи ҷиноят яке аз се усули азназаргузаронии ҷои ҳодиса ба мақсад мувофиқ аст: мутамарказӣ (самти харакат – ба марказ аз канор), ғайримутамарказӣ (аз марказ ба атроф) ё фронталӣ (ибтидои тафтиш – як канори минтақа, охири тафтиш – канори муқобили минтақа). Ҳангоми омӯзиши фронталӣ майдони баррасишаванда одатан ба бахшҳо тақсим карда мешавад.

Дар амалия, аксаран омӯзиши усули калидии ҷои ҳодиса истифода бурда мешавад. Дар ҳолате ки чунин усул ба кор бурда мешавад, таҳқиқи

омилҳои аввалиндараҷа бояд ба навбат бо тартиби омӯзиши статикӣ ва динамикӣ иваз карда шавад, яъне омӯзиши ҳолати бетағйир ва баъдан таҳлили эҳтимолияти тағйироти ҷойдошта.

Ҳангоми боварӣ ба омӯзиши изҳо муфаттиш бояд амалҳои зеринро анҷом диҳад: муайянсозии изҳои пой, даст, дандон, лаб, пойафзол, либос, изи воситаҳои нақлиёт, асбобҳои буранда, нишонаҳои хун ё силоҳи оташфишон.

Ғайр аз ин, муфаттиш бояд ҳатман ба нишонаҳои зоҳиран ғайритабиии муҳит таваҷҷуҳ кунад, аз ҷумла: бӯйҳои шубҳаовар, микрообъектҳо, дигар аломатҳо ва ҳолатҳое, ки дорои хусусияти манфӣ мебошанд.

Ҳангоми ошкор шудани ҷасад ташхиси ҳолати берунаи он гузаронида мешавад (иштирокчиёни мурофиа муфаттиш ва табиби судӣ мебошанд) [105, с. 176].

Усул ва воситаҳоеро, ки бо ёрии онҳо дар ҷои ҳодиса изи ҷиноятиро метавон пайдо кард, ба дараҷаҳои зерин тасниф менамоянд:

– сатҳи якуми таснифот: ин воситаҳои техникӣ-криминалистиест, ки бо истифода аз онҳо метавон изҳоеро ошкор кард, ки имкони муайян кардани хусусиятҳои субстансионалӣ (моддӣ) ва морфологии шахсияти ҷинояткорро фароҳам меоранд. Ин усулҳо имкон медиҳанд, ки изи пой, даст, хун, оби даҳон, мӯй, дандон ва дигар нишонаҳое, ки аз ҷониби ҷинояткор дар ҷои ҳодиса боқӣ мондаанд, ошкор карда шаванд;

– дараҷаи дуюм фарогири он гуна усулҳо ва воситаҳост, ки бо ёрии объектҳои ғайримустақим, барои фаҳмидани хусусиятҳои биологии ҷинояткор истифода бурда мешаванд;

– дараҷаи сеюми таснифотӣ ин усулҳо ва василаҳоест, ки имкон медиҳанд, то предметҳоеро, ки ба таври хеле ғайримустақим ба шахсияти ҷинояткор марбутанд, муайян ва ошкор созанд. Василаҳои ин гурӯҳ дар ҳолате ба кор бурда мешаванд, ки предметҳо ё изҳои ҷинояткор ҳангоми

омодагӣ ба ҷиноят, анҷомдиҳии он ё пинҳон кардани нишонаҳои ҷиноят муайян карда шаванд.

Ба сифати воситаҳои техникӣ-криминалистӣ, ки дар азназаргузаронии ҷои ҳодиса истифода мешаванд, ҷомадон ё комплекси лабораторӣ амал менамоянд.

Барои ошкор кардани изҳо бевосита дар ҷои содир шудани ҷиноят тафтишро бояд оғоз кард. Аз ин рӯ, риояи қоидаҳои мурофиавие, ки тартиби гузаронидани азназаргузаронии ҷойи ҳодисаро танзим мекунанд, талаботи асосии ин амали тафтишӣ мебошад. Ба таври пурра ва дуруст истифода бурдани асбобҳое, ки аз ҷониби илми криминалистӣ барои истифода дар омӯзиши объектҳои гуногун тавсия шудаанд, муҳим аст [98, с. 37].

Дар ин раванд баррасии талаботи тактикии кор вобаста ба ошкор намудани изи ҷиноят муҳим арзёбӣ мешавад, ки онро ба таври зайл метавон овард:

а) бодиққатӣ дар амал ва мукаммалии он;

б) ба таври қатъӣ риоя намудани пайдарпайии амалҳо ва дар ин замина истифодаи дурусти усулу воситаҳои ошкоркунандаи изи ҷиноят ё изи ҷинояткор дар ҷои ҳодиса.

Барои ошкор кардани изҳо махсусан он ҷойҳоеро, ки ҷинояткор метавонист қарор дошта бошад, инчунин он иншоотеро, ки ӯ дар он ҷой амал кардааст, бодиққат бояд тафтиш кард. Одатан, дар ҳамин иншоот ва ҷойҳо изи шахси содиркардаи ҷиноят мавҷуданд. Илова бар ин, он объектҳоеро бодиққат омӯхтан лозим аст, ки дар назари аввал тағйир наёфтаанд, аммо баъзе аломатҳои онҳо имкон медиҳанд, ки эҳтимолияти таъсири ҷинояткор ошкор карда шавад.

Вобаста ба хусусияти пайҳо ва сатҳе, ки дар он пайдо шудаанд, барои кор бо онҳо воситаҳо ва усулҳои гуногун истифода мешаванд. Дар баъзе мавридҳо муфаттиш метавонад бо азназаргузаронии саривақтии он, инчунин изи бевосита ошкоршуда қаноат намояд. Дар ҳолатҳои

дигар, истифодаи воситаҳои техникӣ-криминалистӣ барои гирифтани маълумоти зарурӣ талаб карда мешавад. Он воситаҳо ва усулҳое, ки объектро тағйир намедиҳанд (масалан, тағйир додани ҳолати акси рӯшноӣ ё ташхиси визуалӣ), аввал истифода мешаванд. Агар ин усулҳо маълумоти кофӣ надиҳанд, он гоҳ усулҳое истифода мешаванд, ки интиқолдиҳандаи пай ё худи пайро тағйир медиҳанд (масалан, воситаҳои ошкорсозандаи изи ангуштон). Агар муфаттиш якчанд усулҳои ошкор ва омӯхтани изҳоро дошта бошад ва ҳар кадоми онҳо ё худ ё интиқолдиҳандаи онро тағйир диҳанд, пас бояд пайдарпайии усулҳои таҳқиқот интихоб карда шавад, ки он таъсири манфиро дар ин раванд коҳиш медиҳад.

Изҳо пас аз ёфт шудан ва пеш аз он аз ҷониби муфаттиш бодиққат тафтиш карда мешаванд.

Интихоби он изҳое, ки бевосита ба ҳодисаи таҳқиқшаванда алоқаманд мебошанд, муҳим мебошад. Ҳалли ин масъала дар заминаи маълумоти амали тафтишӣ, натиҷаҳои омӯзиши ҳолати изҳо ва натиҷаҳои пурсишҳои иловагӣ имконпазир мегардад. Ҳангоми ҳалли масъала тарзи ҷойгиршавии изҳо дар ашёҳои ёфтшуда, робитаи ашё бо амали ҷиноятӣ, муддати ташаккули ин из ва механизми ба вуҷуд омадани он ҳатман ба назар гирифта мешаванд. Инчунин, дар рафти гузаронидани тафтиш метавон муқоисаи изҳои ошкоршударо бо объектҳои эҳтимоли бавуҷудоварандаи онҳо анҷом дод. Масалан, изи ангуштҳоро бо намунаи хатҳои папиллярии дастони шахсе, ки дар содир намудани кирдори ҷиноятӣ гумонбар мешавад, муқоиса мекунанд.

Чунин ҳаракатҳо танҳо дар сурате натиҷаҳои самарабахш дода метавонад, ки аз ҷониби мутахассиси дорои дараҷаи баланди касбият (масалан, мутахассиси соҳаи дактилоскопия) гузаронида шавад.

Муайян кардани шароите, ки дар он изҳо ба вуҷуд омадаанд, шарти муҳим дар ин раванд ба шумор меравад. Агар изи ангуштони ҷинояткор ёфт шавад, пас фаҳмидан лозим аст, ки онҳо чӣ гуна ба вуҷуд омадаанд,

масалан, ҳангоми доштан аз канори шишаи шикаста ё танҳо ламс кардани он. Ин омил хеле муҳим аст, чунки агар муайян карда шавад, ки изи ангуштон дар натиҷаи ламс кардан мондаанд, пас эҳтимолияти тасодуфӣ будани онҳо мавҷуд аст, вале агар ин изҳо дар натиҷаи доштани ашё бо қувва ба вуҷуд омада бошанд – чунин изҳо тасодуфӣ намешаванд. Ҳангоми омӯзиши изҳое, ки аз асбобҳо барои шикастан мондаанд, ҳатман муайян кардан лозим аст, ки ҷинояткор нисбат ба ин асбоб аз кадом тараф қарор дошт. Чунин омил барои муайянсозии роҳи сохтакоронаи шиканиш (аслан шиканиши воқеӣ аз берун сурат мегирад, вале баъзан ба таври сохта ҷинояткорон шикастанро аз дарун анҷом медиҳанд) роҳандозӣ мешавад.

Дар ин раванд муайян кардани аломатҳое, ки объекти ташаккули изро тавсиф мекунанд, муҳим ба ҳисоб меравад. Муфаттише, ки бо изҳо кор мекунад, кӯшиш мекунад маълумотеро пайдо намояд, ки ба воситаи он шахсияти ҷинояткор муайян шавад. Масалан, изи ангуштони ҷинояткор аксар вақт имкон медиҳад, ки хусусиятҳои анатомии дастҳои ӯ (андоза, мавҷудият ё набудани ангуштҳо) муайян карда шавад; изи пой метавонад дар бораи қад ва роҳравии шахс маълумот диҳад; изи пойафзол имкон медиҳанд то муайян карда шавад, ки пошнаи пойафзоли ҷинояткор чӣ гуна аст ва андозаи пойафзоли ӯ чӣ қадар аст. Бо санҷиши изи дандонҳо, муфаттиш метавонад муайян кунад, ки кадоме аз дандонҳои ҷинояткор вуҷуд надорад. Омӯзиши изи гузоштаи олотҳои содиркунии ҷиноят на танҳо имкони муайян кардани олотҳои истифодакардаи ҷинояткор муайян карда шавад, балки дар баъзе мавридҳо имкон медиҳад, ки дар бораи шахсияти ҷинояткор бевосита хулосабарорӣ кард.

Маводи парвандаҳои ҷиноятиии омӯхташуда имкон медиҳад, то муайян карда шавад, ки муфаттиш ва таҳқиқбаранда ҳангоми кор бо изҳо боз кадом омилҳои заруриро бояд ба назар гиранд. Ин омилҳоро ба таври зерин метавон овард: мавҷуд будан ё набудани моддаҳое, ки шахси

ҷинояткор бо худ овардааст. Аксар вақт, чунин таҳқиқот нисбат ба изҳои пойафзол гузаронида мешавад, чунки дар онҳо метавонад зарраҳои хок, аррамайда, ангишт ё метал вуҷуд дошта бошад (нишонаи фаъолияти муайяни ҷинояткор, хусусиятҳои хатсайрҳои ҳаракати ӯ).

Дар асоси вазъияте, ки дар ҷойи ҳодиса ба вуҷуд оварда шудааст ва изҳое, ки худи ҷинояткор боқӣ гузоштааст, хулоса баровардан мумкин аст. Масалан, агар дар ҷои ҳодиса шишаи шикаста хунолуд шуда бошад, пас эҳтимолияти баланд вуҷуд дорад, ки дасти ҷинояткор ба он бурида шудааст. «Агар муфаттиш изи пойафзоли ҷинояткорро бар болои моддае пайдо намояд, ки дорои хосиятҳои рангкунандагӣ ё пошхӯрандагӣ дошта бошад, пас барои пайдо намудани ҷинояткор метавон пойафзоли шахси гумонбарро барои мавҷудияти чунин моддаҳо муоина намуд» [43, с. 56]. Агар муфаттиш муайян кунад, ки рахнакунӣ бо роҳи шикастан ё арракунӣ сурат гирифтааст, пас ӯ метавонад ҷустуҷӯи ҷинояткори эҳтимолиро бар асосе ба роҳ монад, ки дар либоси ӯ зарраҳои метал ва ё чӯб дида мешавад.

Барои самарабахшии ошкор намудани ҷиноятҳо ба усулҳои ошкор намудани изи нақшҳои папиллярии пӯсти ангуштони дасти инсон дар ҷои ҳодиса диққати махсус бояд дод. Барои ин усулҳои кимиёвӣ, физикӣ ва визуалии ошкорсозӣ ба кор бурда мешавад. Хусусиятҳои физикии из, ранг ва тарзи рангубори ашёе, ки дар он из боқӣ мондааст, сохтори худи из ва миқдори вақте, ки аз замони пайдоиши из гузаштааст, бояд ба назар гирифт. Ҳамаи ин ба интихоби усули мушаххаси ошкор кардани из таъсир мерасонад.

Усулҳои визуалӣ-оптикии ошкор намудани изи дар ҷои ҳодиса мавҷуда низ бояд мавриди баррасӣ қарор дода шавад [43, с. 56]. Моҳияти онҳо дар он аст, ки азназаргузаронии объект бо истифодаи таҷҳизоти техникӣ, бо асбобҳои калонкунанда ва дар шароити рӯшноии гуногун сурат мегирад. Ин навъ усулҳо ба он асос ёфтаанд, ки изҳои гуногун ва

рӯшнои ҳархела байни ҳамдигар таъсири мутақобилаи мухталиф доранд. Масалан, вобаста ба дараҷаи рӯшноӣ ва шакли изҳо метавон чунин падидаҳоро мушоҳида намуд: фурӯбарии пурра ё спектрии нур, пайдоиши сояҳо, инъикоскунӣ, парокандашавии рӯшноӣ ё люминессенсия.

Асоси усулҳои физикии кор бо изҳо – хусусиятҳои часпандагӣ доштан ва ҷаббандагии моддаҳо ба шумор меравад.

Дар ин маврид бояд ба таври возеҳ изи моддаҳои намнок ва равғании ҷинояткорон мавриди таваҷҷуҳ қарор гиранд, ки дар ҳолатҳои муқаррарӣ камранг ва камзоҳир мебошанд. Барои пайдо кардани чунин изҳо рангкунӣ бо истифода аз хокаҳои махсус гузаронида мешавад. Имрӯз намудҳои зиёди рангҳои хокагӣ маълуманд, ки бо хосиятҳои кимиёвӣ ва физикӣ аз ҳам фарқ мекунанд ва барои ошкор намудани изи нақшҳои пӯсти ангуштони даст истифода мешаванд. Асоси аксари ин хокаҳоро оксиди металҳо ва намакҳои онҳо ташкил мекунанд. Ин пайвастагиҳо дар таҳқиқоти криминалистӣ барои ошкор намудани изи нақшҳои папилярии пӯст истифода мешаванд, зеро онҳо бо роҳи нигоҳ доштани беҳтари зарраҳои ин моддаҳо аз тарафи моддаҳои намнок ва равған ба рӯйи сатҳи пӯст фаъолият мекунанд. Ин омилро чунин метавон шарҳ дод: зарраҳои хеле хурди рангҳои хокагӣ хусусиятҳои хуби часпандагӣ доранд, ки онҳо имкони бо изҳои намноку равғанин ба осонӣ метавонанд пайваст шаванд ва ба таври механикӣ ба онҳо ворид гарданд. Аз ҳамин сабаб, ба даст овардани натиҷаҳои боэътимод танҳо дар ҳолате имконпазир аст, ки хокаи рангкунӣ хушк бошад ва моддаи асосии он ҳангоми таъсир бо маҳлулҳо ҳал нашуда, боқӣ бимонад (зеро дар акси ҳол, нақши ёфтшуда ба таври назаррас тағйир меёбад).

Агар сатҳе, ки тахминан изҳо дар он ҳастанд, торик бошад, барои кор бо он хокаи рангкунии равшан истифода мешавад (баръакс, барои сатҳҳои равшан бояд моддаҳои торикро истифода бурд) [136, с. 142-147]. Ҳамчунин, хокаҳои рангкунии нуқраранг (сабзи миёна) мавҷуданд, ки бо

рангҳои гуногун натиҷаҳои баробари хуб медиҳанд. Ин хокаҳо бо пардаи (плёнкаи) дактилоскопӣ хуб пайваст мешаванд. Агар нақша бошад, изи ёфташуда ба чунин плёнка интиқол дода шавад беҳтар аст хокаи рангкунӣ бо дарназардошти хосиятҳои бозгашти нур дар плёнка интихоб шавад.

Агар сатҳе, ки из дорад, ҳамвор бошад, хокаҳо бо зарраҳои хеле хурд бояд истифода шаванд, вале агар сатҳ ноҳамвор бошад, хокаҳо бо зарраҳои калонтар истифода мешаванд. Агар истифодаи як намуди хокаи рангкунӣ натавонист изҳои аҳаммиятнокро ошкор кунад, пас барои идомаи ҷустуҷӯ бояд хокаи мазкур бо хокаи дигар омехта шавад ва ё пурра аз таркиби дигар истифода бурда шавад.

Бо усули хокагӣ асосан таркиби равғании из, ки устувории баланд дорад, мавриди таҳқиқ қарор мегирад. Пас аз усули хокагӣ метавон аз дигар усулҳои таҳқиқи тиббию биологӣ истифода намуд, ки натиҷаи онҳо устувор хоҳад буд.

Усули хокагӣ камбудиҳои худро низ дорад. Хусусан, изҳое, ки се ҳафта ё бештар пеш аз он гузошта шудаанд, ба осонӣ ошкор карда намешаванд. Илова бар ин, маводи нигоҳдоштаи из бо хокаи рангкунӣ тоза мешавад, ки ин масъала таҳқиқи минбаъдаи онро душвор мекунад. Ниҳоят, истифодаи усули хокагӣ имконияти ошкор кардани изро дар ҳамон сатҳ бо истифода аз нингидрин, йод ё омехтаи йод ва ё нуқра маҳдуд мекунад.

Истифодаи нурҳои ултрабунафш барои ошкор кардани изҳое, ки аз қабати гуногуни моддаҳо ташкил ёфтаанд, татбиқ мешавад [170, с. 183]. Нурҳои ултрабунафш имкон медиҳанд изҳое, ки аз қабати равған, хун, моеъҳои часпак ва моддаҳои биологии гуногун ба вуҷуд омадаанд, ошкор гарданд.

Асоси усулҳои кимиёвии ошкор кардани изи нақшҳои пӯст реаксияҳоест, ки байни реактивҳо ва таркиби равған ё арақи бадан рух медиҳанд. Ин гуна таҳқиқот аксар вақт дар лабораторияҳо гузаронида

мешаванд. Афзалияти усулҳои кимиёвӣ дар он аст, ки онҳо имконият медиҳанд, то изҳои куҳнаро ошкор кунанд, инчунин таҳқиқи минбаъдаи изро бо усулҳои тиббию биологӣ имконпазир мегардонанд. Усули кимиёвӣ объектро тағйир медиҳад, бинобар ин онҳо танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ дар азаназргузаронии ҷои ҳодиса истифода мешаванд.

Механизми татбиқи ин раванд чунин аст, ки сатҳи лозима барои таҳқиқи мавҷудияти изҳо бо чароғи ултрабунафш равшан карда мешавад, изҳо ва моддаҳо ба таври визуалӣ ё бо ёрии филтрҳои гуногуни рӯшноӣ ошкор мегарданд [186].

Моддаҳое, ки имкони муайянсозии нишонаҳои ноаёни шакли папиллярии пӯстро медиҳанд, инҳоянд:

Нингидрин – хокаи кристаллии махсус аст, ки барои муайян кардани изҳои даст хосиятҳои беназир дорад. Онро метавон дар сатҳҳои сӯрохидор, сатҳҳои картонию коғазӣ, инчунин дар матоъ ва чӯб истифода кард. «Нингидрин бо пептидҳо, сафедаҳо ва аминокислотаҳое, ки дар моддаи арақолуд ва равғанӣ ҳастанд, дар реаксияи кимиёвӣ фаъоланд, ки натиҷаи он пайдоиши ранги изи ангуштон ба бунафш наздик мебошад» [183]. Ҳолати ниҳоии давраи нигоҳдории изҳое, ки бо ёрии нингидрин ошкор карда мешаванд, то 15 солро ташкил медиҳад.

Гидрофторэфир HFE-7100 – асоси ҳалкунандаҳо мебошад ва аз компонентҳои зиёде таркиб ёфтааст. Он моддаест, ки метавонад диазофлуорен ва нингидринро ҳал кунад. Хусусияти заҳролудии гидрофторэфири HFE-7100 хеле паст аст ва ин модда рангҳоро нағз намешӯяд. Имрӯз HFE-7100 дар амалияи пайдо кардани изҳо дар кишварҳои хориҷӣ васеъ истифода мешавад [183].

Ошкор намудани изи пойҳо. Ҷинояткор метавонад изҳои пойафзолро дар маҳалҳое гузорад, ки мустақиман бо ҷои содиршавии амали ҷиноятӣ алоқаманданд, масалан, дар роҳ ба анборҳо, кӯлҳо, худи ҳуҷраҳо, инчунин дар ҷойҳои дорои монеаҳои гуногун. Муфаттиш дар ҳолати пайдо кардани изи пойафзол бояд фаҳмад, ки оё воқеан изи

пайдошуда ба ҷинояткор тааллуқ дорад ва ё умуман бо ҳодисаи содиршуда алоқамандӣ надорад.

Муайян кардани робитаи изҳои пойафзоли ёфтшуда бо ҳодиса талаб мекунад, ки тафтиш бо диққати хос гузаронида шавад. Барои натиҷагирӣ дар бораи он ки оё из бо ҳодисаи содиршуда алоқаманд аст, муфаттиш бояд муайян кунад, ки из кай пайдо шудааст, нисбат ба ашёҳои муҳити атроф дар кадом ҳолат ҷойгир шудааст, инчунин мавҷудияти изро бо шароити бавуқуъоии ҳодиса муқоиса намояд. Масалан, агар изҳо дар наздикии ашёе пайдо шуда бошанд, ки дар натиҷаи содир шудани ҳодиса ҷои худро тағйир додаанд, ин метавонад шаҳодат аз он диҳад, ки робита байни ҳодиса ва изҳо мавҷуд аст. Ҳамзамон, яке аз нишонаҳои эҳтимолии тааллуқ доштани из ба шахсияти гумонбаршуда метавонад ҳолате бошад, ки из дар минтақаи наздик ба дарё ошкор гардидааст ва воридшавӣ ба он бо роҳи шикастан амалӣ шуда, аз ҷониби шахсони дахлдор истифода гардидааст.

Ҳангоми таҳлили тарзи ҷойгиршавии изҳо муфаттиш бояд муайян кунад, ки сатҳе, ки изҳоро дар бар мегирад, чӣ гуна аст, худи изҳо чӣ хеланд (сарпӯши рӯйи сатҳ ё чуқуршуда), чуқурии изҳои бо пойҳои гуногуни гумонбар ба ҷинояткор мондашударо чен кунад, андозаҳои хаттӣ ва масофаи изҳоро муайян намояд, ҳамчунин ҷойгиршавии изҳои иловагиро нисбат ба изҳои асосӣ фаҳмад (агар чунин изҳо вуҷуд дошта бошанд).

Ҷузъиёти изҳои пойафзол танҳо дар ҳолате чен карда мешаванд, ки дар маҳалли ҷои ҳодиса ақалан то дувоздаҳ из ёфт шавад (шаш изи пойи рост ва шаш изи пойи чап). Дарозии қадами пойи рост бо масофаи байни маркази қисмати пошнаи из муайян карда мешавад. Ченкунии доирае, ки ҳангоми буриш ё зуҳури хатти самте, ки ҷинояткор ҳаракат кардааст, бо хатти марказии гузаронидашуда аз миёни ҳамаи изҳоро ташкил намуда, он имкони муайян намудани изҳои дақиқи ҳар ду пойи ҷинояткорро фароҳам меорад.

Паҳноии пойҳои ҷинояткор аз рӯйи ду хат ҳисоб карда мешавад: яке хатти пайвасткунандаи пошнаи изҳои бо пойи рост мондашуда ва дуюм хатти пайвасткунандаи пошнаи изҳои бо пойи чап гузошташуда мебошад. Воситаҳои зарурӣ барои чен кардани ҷузъиёти изҳои пой танобҳои махсуси ченкунӣ, сиркул ва кунҷсанҷҳои ортопедӣ мебошанд.

Барои фаҳмидани он ки хатти пайвасткунандаи маркази каблукҳои ҳарду по чӣ гуна хоҳад буд, метавон аз сими борик истифода кард, ки байни чӯбчаҳои алоҳида дар нуқтаҳои муайяншуда кашида мешавад.

Пайдо кардани изи боқимондаҳои дандонҳо. Одатан, дар ҷои ҳодиса боқимондаҳои дандонҳо пайдо мешаванд. Аксар вақт боқимондаҳои дандонҳо дар маҳсулоти ғизоӣ боқӣ мемонанд. Ҳамчунин, онҳоро метавон дар ҷасад ё бадани инсон пайдо кард [150 с. 200-204]. Боқимондаҳои дандон бештар дар макони тафтишӣ, дар мавридҳои ҷиноятҳои бо истифодаи зӯроварӣ суратгирифта (ҳамла, ҳимояи шахсӣ, амалҳои садистӣ) ошкор мешаванд.

Ин талош боиси пайдоиши боқимондаҳои дандон дар ҳар ду ҷониб: ҳам ҷабрдида ва ҳам ҷинояткор мегардад. Аксар вақт боқимондаҳои дандонро метавон дар доғҳои хуни ҷисм пайдо кард, ки миқдор, шакл ва андозаи онҳоро нишон медиҳанд [158, с. 180-185]. Бештарини ҳолатҳои газидани бадан дар он қисматҳо ба назар мерасанд, ки ба таври пурра ошкор ҳастанд; пайдо кардани боқимондаҳои дандон дар қисматҳои бадан, ки дар зери либос ё дигар объектҳо ноаён мондаанд, душвортар аст.

Изи дандонҳое, ки дар ашё боқӣ мондаанд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҷинояткор ба ашё бо роҳи зӯрӣ мехост фишор орад ва барои ин таҷҳизоти мувофиқ надошт. Маҳз барои ҳамин дар онҳо аломатҳои дандон пайдо мешаванд. Аксаран сарпӯшҳои шишаи шароб ва пиво, инчунин тарафҳои собун аломатҳои дандон доранд. Онҳоро инчунин дар боқимондаҳои сигор метавон пайдо кард.

Аломатҳои дандонҳое, ки дар ҷои ҳодиса пайдо мешаванд, метавонанд ба аломатҳои газидан ва аломатҳои дандон тақсим карда шаванд.

Аломати газидан нишонаест, ки қисмҳои буриши дандонҳо як қисми ашёро пурра дигаргун месозад. Дар ҷои газидан метавон нишонаи дандонҳоро пайдо кард, ки бештар ба дандонҳои қисмати пеш мансубанд. Тарзи газидан чунин тавсиф мегардад: ҷоғи поён ба ашё фишор меорад, ки дар натиҷа он ба ҷоғи боло то ҳадди имкон пахш карда мешавад (он дар навбати худ беҳаракат мемонад). Пас аз ин, дандонҳои поёнӣ ба ашё фишор оварда, аломатҳои он дар ашёҳо ба тариқи аён боқӣ мемонанд ва сипас дар як қисми ашё аломатҳои газиданро метавон дарёфт. Изҳои боқимондаи дандонҳои ҷоғи боло низ ҳамин тавр ба вуҷуд меоянд.

Захми дандон ин аломатҳои дар натиҷаи фишурдан бавуҷудомада мебошанд, ки пас аз фишурдани объект бо дандонҳо боқӣ мемонанд. Коршиносон дар амалия ба тарзҳои гуногуни захмҳои дандон дар бадани ҷабрдидагон ва ҷинояткорон дучор мешаванд, таҳлилу баррасии онҳо тадқиқи ҳамаҷонибаро талаб менамояд. Муҳим аст, ки таҳлили захми дандонҳо ҳам дар бадани ҷасади дар ҷои ҳодиса дарёфтшуда ва ҳам дар бадани шахсияти гумонбар анҷом дода шавад, зеро аксар вақт боқимондаҳои дандон дар бадани ҳар ду тараф вуҷуд доранд. Ин омил метавонад нишондиҳандаи тамоси мустақим, мубориза ва ё муқобилият дар ҷараёни ҳодиса бошад. Ҳамчунин, таҳлили захмҳо метавонад ба муайян кардани давомнокии алоқа ва хатари истифодаи қувва дар ҳолатҳои муайян кумак расонад.

Гирифтани изҳои дандон тавсия дода мешавад, ки ҳамроҳ бо ашё-ҳомилҳое анҷом дода шавад, ки ин изҳо дар рӯйи онҳо ба вуҷуд омадаанд. Дар ҳолате ки ашё-ҳомилҳо маҳсулоти гуногуни ғизоӣ бошанд, бояд чораҳое андешида шаванд, ки аз вайроншавии зудтари онҳо пешгирӣ намоянд. Чунин ашёҳоро дар яхдонҳои сайёр,

термосумкаҳо, қуттиҳои дорои ях ё зарфҳои пур аз оби хунук ҷойгир мекунанд. Ин тадбирҳо равандҳои пӯсидашавӣ ва хушкшавиро суст намуда, аз нобуд шудани изҳо пешгирӣ мекунанд. Илова бар ин, меваҳоро метавон дар маҳлули формалин нигоҳ дошт.

Гирифтани изҳои дандон, ки дар ҷасад ошкор шудаанд, бо иштироки коршиноси судӣ-тиббӣ анҷом дода мешавад. Бофтаҳои нарми бадан, ки дар рӯйи онҳо изҳои дандон мавҷуданд, бо роҳи ҷойгир кардан дар маҳлули глитсерин бо спирт нигоҳдорӣ (консерватсия) карда мешаванд.

Мустаҳкамсозӣ ва гирифтани изҳои дандонро метавон тавассути омода намудани қолабҳо (слепокҳо) бо истифода аз маводҳои гуногун, аз қабили гипс, мум ва моддаҳои полимерӣ, анҷом дод [188].

Аксар вақт дар маҳали азназаргузаронии ҷои ҳодиса боқимондаҳои гуногуни воситаҳои нақлиёт пайдо мешаванд. Ҳангоми пайдоиши чунин боқимондаҳо муфаттиш ҳолати пайдоиши ин боқимондаҳоро бояд муайян намуда, нишонаҳои хоси онҳоро сабт намояд, ки ин ба муқаррар кардани тамғаи нақлиёт дар ҷои ҳодиса кӯмак мерасонад.

Аломатҳои боқимондаро бояд то ҳадди имкон дар давоми вақт бодиққат тафтиш кард – ин раванд имкон медиҳад, то изҳои чархи воситаҳои нақлиёт муайян гардида, қисмҳои асосии нақлиёти ҷустуҷӯшавандаро пайдо кунанд. Илова бар ин, ҷоеро, ки нақлиёт таваққуф дошт, ба таври муфассал бояд санҷид: он ҷо низ метавон боқимондаҳои дигар ашёҳоро пайдо кард ва ин яке аз усулҳои ошкорнамоии ҷинояти содиршуда мебошад.

Муайян намудани андозаи даврии чархҳои нақлиёт ва таҳлили изи ҳаракати воситаҳои нақлиёт дар ин раванд муҳим мебошад. Ҳангоми муайян кардани андозаи даврии чархҳои нақлиёт андозагирӣ бояд дақиқ анҷом дода шавад. Ҳар қадар андозаҳо дақиқ чен карда шаванд, ҳамон қадар муайян намудани тамғаи мушаххаси воситаи нақлиёт ва суръати ҳаракати он дурусттар муайян карда мешавад.

Агар асосе ҳамчун гумон ба миён ояд, ки чархҳои воситаи нақлиёт дорои изҳои гуногун мебошанд, пас изи онҳо бо дарназардошти масофаи ҳадди ақал чор метр барои воситаҳои нақлиёти сабукрав ва шаш метр барои нақлиёти боркаш санҷиш карда шаванд [121, с. 262-265].

Мақсад аз санҷиши ин раванд муайян кардани алоқамандии онҳо бо ҷои ҳодиса ва дар маҷмуъ бо ҷиноят мебошад. «Дар ин раванд муфаттиш бояд ба ҳолати умумӣ дар ҷои ҳодиса, вақти пайдоиши изҳои ҷиноятӣ, мавҷудияти шоҳидони рӯйдод ва дигар маълумоти дахлдор диққат диҳад» [121, с. 262-265]. Баъди таҳлили ҳамаҷониба муфаттиш самти ҳаракати нақлиётро муайян мекунад.

Барои муайян кардани самти ҳаракат нишонаҳои зиёде мавҷуданд, ки метавонанд ин вазифаро ба дақиқӣ иҷро кунанд. Масалан, агар изи чархҳо дар барф ё хок боқӣ монда бошанд, дар роҳ нишонаи лағжиш мушоҳида мешаванд. Ин лағжишҳо вобаста ба самти ҳаракат пайдо мешаванд. Агар дар наздикии изи боқимонда хоктӯда ва ё барфи ҷамъшуда ҷойгир шуда бошанд, нишонаҳои ҳаракати воситаҳои нақлиёт дар онҳо ба таври аён ошкор карда мешаванд. Илова бар ин, дар вақти ҳаракати нақлиёт моеи муайяне метавонад дар роҳ рехта бошад, инчунин доғҳо пайдо шаванд, ки ба ҳар як аломати бамушоҳидарасида бояд диққат намуд.

Изҳои нақлиётҳои дорои тасмачарх ва муайян намудани изи аз онҳо боқимонда муҳим аст [11, с. 408]. Агар нақлиёт дорои тасмачарх бошад, хок ба самти муқобили ҳаракати нақлиёт лағжиш дорад. Лағжиши тасмачархҳои трактор ба самти гардиши трактор мувофиқ аст. Агар трактор дар як ҷой чарх занад, ҳаракати тасмачархҳо боиси лағжиши хок ба ҳамон сӯи гардиш хоҳад шуд.

Муфаттиш дар ин маврид бояд муайян намояд, ки пеш аз амалиёти ҷиноятkор ҳолат чӣ гуна буд ва пас аз анҷоми он чӣ тағйирот дар ҷои ҳодиса ба амал омад. Ҳамчунин, зарур аст, ки боқимондаи истифодаи асбобҳои шикастани ашёҳо на танҳо дар ҷойҳое, ки вайронсозӣ анҷом

шудааст, балки дар он ҷойҳое, ки танҳо кӯшиши вайрон кардан сурат гирифтааст, ҷустуҷӯ шаванд. Масалан, дар қуттӣ, ҷевон, сандуқ ва дигар ашёе, ки барои нигоҳдории ашёи қиммат истифода мешаванд. Пас аз пайдо кардани боқимондаи асбобҳо барои шикастани ашёҳо бояд сабаби пайдоиши онҳо муайян гардад. Барои ин, андоза ва шакли боқимондаҳо омӯхта шуда, пас изи онҳо муқоиса мешавад. Қисмҳои осебдида метавонанд барои таҳлили дақиқтар истифода шаванд.

Дар ин маврид муфаттиш дақиқкор бошад, зеро аз беэҳтиётӣ изи боқимонда метавонанд осеб бинанд. Дар ин изҳо метавон маълумоти иловагӣ оид ба изи пой ва даст, хун ё нахи либоси ҷинояткорро пайдо кард.

Муайян намудани тарзи амалиёт ҳангоми шикастани ашёҳо ва ёфтани микрообъектҳо низ муҳим ба шумор меравад. Бо дарки тарзи истифодаи асбоби шикастани ашё метавон муайян кард, ки ҷинояткор бо кадом роҳ амал кардааст. Дар ин раванд бояд хусусиятҳои хос, ки сабаби пайдоиши шакли муайяни изҳо мешавад, ба назар гирифта шаванд. Агар дар ин маврид изи ягона пайдо гардад ва муайян сохтани ибтидо ва интиҳои он душворӣ пеш орад (масалан, изҳои буридани ҳалқаи қулф), муқаррар намудани аз куҷо бурида шудани қулф аз ҷониби ҷинояткор хеле мушкил аст.

Изҳои хурдҳаҷм ва ба чашм ноаён бо сабаби андозаи хеле хурд доштан танҳо тавассути истифодаи усулҳои муосири криминалистӣ аз тарафи мутахассисон муайян карда мешаванд.

Аз сабаби мушкилоти иқтисодӣ мутахассони соҳа на ҳамеша метавонанд аз таҷҳизоти муосир: масалан, микроскопҳои портативӣ, лупаҳои махсус ва ғ. истифода кунанд. Дар ин ҳолат онҳо маҷбур мешаванд, ки бо асбобҳои муқаррарии мавҷуда кор кунанд. Барои ошкорсозии микрообъектҳо, одатан аз равшанкунандаҳо, ки нури ултрабунафш низ медиҳанд, инчунин лупаҳои гуногун истифода мебаранд. Дар ин маврид муфаттиш бояд аз равшании хуб (ҳам нури

мустақим ва ҳам нури кунҷӣ) истифода барад. Агар пурра дидани он имконнопазир бошад, объект бояд ба варақаи сафеди тоза гузошта шавад (бо риояи чораҳои эҳтиётӣ, ки мавқеи микрообъектҳо дар объект тағйир наёбад). Микрообъектҳо бояд аз ғализшавӣ муҳофизат шуда, аз якдигар ҷудо ва дар коғаз ё матои босифат бастабандӣ шаванд. Равшанкунандаҳое, ки нури ултрабунафш медиҳанд, имкони кашфи микрообъектҳои дорои хусусиятҳои биологӣ, инчунин моддаҳо ва маводи равғаниву сӯзанда ва дигар моддаҳои гуногунрангро фароҳам меоранд. Ба ғайр аз равшаникунандаи ултрабунафшӣ метавон аз лазери портативӣ истифода намуд, ки барои ошкор кардани изҳои ноаён муносиб ба шумор мераванд.

Албатта, риояи пайдарпайии амалҳо ва ба инобат гирифтани хусусиятҳои хос омили самарабахш дар тафтишот ба ҳисоб рафта, диққати олимони соҳаро ин раванди мураккаби ҳуқуқӣ ҳамеша ба худ ҷалб намудааст. Олими рус Е.П.Ишенко дуруст қайд мекунад, ки «дар ин раванд зарур аст, ки ҳар чи зудтар масъалаи барқарорсозӣ, истеҳсол ва истифодаи воситаҳо ва усулҳои спектроскопии ҳассосро дар амалияи мубориза бо ҷинояткорӣ ҳал намоем [128, с. 60-61]. Он дар асоси пояҳои мустаҳками илмӣ ташаккул меёбад, ки бо ёрии онҳо ҳатто изҳои то ғафсии як қабати атомӣ метавонанд муайян карда шаванд, усулҳо ба ҳамаи элементҳои системаи даврии Д.И.Менделеев мансубият дошта, натиҷаҳои ҳайратовар дар ошкорсозии як қатор парвандаҳои мураккаби ҷиноятӣ алайҳи гурӯҳҳои ҷиноятӣ роҳандозӣ шудаанд.

Аз ин рӯ, бо дарназардошти он ки имконияти истифодаи воситаҳои техникӣ-криминалистӣ ҳангоми тафтиш ва азназаргузаронии ҷои ҳодиса аксар вақт нақши калидиро дар ошкорсозии ҷиноят мебозад, зарур аст, ки субъектҳои бахши таъминоти техникӣ-криминалистиии азназаргузаронии ҷои ҳодиса дараҷаи баланди касбият дошта бошанд. Ҳамчунин, бояд асосҳои дурусти интихоби усулҳои муносиб дар ҳар як ҳолати мушаххаси тафтиши ҷои ҳодиса барои онҳо маълум бошад. «Ин

раванд ба татбиқ ва истифодаи муносиби роҳу воситаҳо ҳангоми азназаргузаронии ҷои ҳодиса мусоидат мекунад, ки натиҷаҳои он амалияи тафтишотиро самаранок ва таъмини криминалистии онро босамар мегардонад» [128, с. 60-61].

Таҳлили маҷмуии масъалаҳои марбут ба таъминоти техникӣ-криминалистии азназаргузаронии ҷои ҳодиса нишон медиҳад, ки самаранокии ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо пеш аз ҳама ба сатҳи омодагии касбӣ, интихоби дурусти усул ва воситаҳои техникӣ, инчунин риояи қатъии талаботи мурофиавӣ ва методологӣ вобаста мебошад. ҷои ҳодиса ҳамчун манбаи ибтидоии иттилооти далелнок дорои аҳаммияти калидӣ буда, ҳар як из ва микрообъект метавонад дар муайянсозии механизми содиршавии ҷиноят ва шахсияти ҷинояткор нақши ҳалкунанда бозад.

Аз таҳлил бармеояд, ки истифодаи воситаҳои техникӣ-криминалистӣ бояд дар асоси принсипҳои зерин ба роҳ монда шавад:

- принсипи комплексият – татбиқи ҳамзамони усулҳои визуалӣ, физикӣ ва кимиёвӣ бо дарназардошти хусусияти из, муҳит ва шароити ташаккули он;
- принсипи пайдарпайӣ ва эҳтиёткорӣ – аввал истифодаи усулҳои беосеб (визуалӣ-оптикӣ), баъдан, дар ҳолати зарурат, усулҳои тағйирдиҳандаи объект;
- принсипи асоснокии илмӣ – интихоби усулҳо бояд бо назардошти таркиби моддӣ, сохтор ва давомнокии нигоҳдории из сурат гирад;
- принсипи тахассусият – ҷалби мутахассисони дорои сатҳи баланди омодагии касбӣ (дактилоскопист, трасолог, судӣ-тиббӣ ва ғ.);
- принсипи ҳифзи далелҳо – пешгирии ифлосшавӣ, талаф ё тағйирёбии изҳо ҳангоми сабт, гирифтани намуна ва бастабандӣ.

Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии азназаргузаронии ҷои ҳодиса ва таҳлили ҳамаҷонибаи далелҳои ҷиноятӣ пешниҳод мегардад,

ки усулҳои анъанавии муайянкунии изҳои ангушт, дандон, пой ва нақлиёт бо технологияҳои рақамӣ ва моделсозии фарогир муттаҳид карда шаванд. Ин муттаҳидсозӣ бояд бо истифодаи сабтҳои 3D, аксбардории баландсуръат, системаҳои визуализатсия ва алгоритмҳои сунъии интеллект татбиқ гардад.

Ҷараёни пешниҳодшуда имконият медиҳад, ки ҷойгиршавии ҳама гуна изҳои ҷиноятӣ таҳлил шуда, эҳтимолияти тасодуфӣ ва алоқамандии онҳо бо ҳодиса бо дақиқии баланд арзёбӣ гардад. Моделсозии динамикӣ ва визуализатсияи ҳаракати гумонбарон имкон медиҳад, ки раванди содиршавии ҷиноят бо назардошти ҳамаи ҷанбаҳои механикӣ ва физикӣ барқарор карда шавад. Истифодаи ин усул хатоҳои инсонӣ ва талафоти далелҳоро кам намуда, таҳлили интегралӣ ва омехтаи изҳои гуногуни ҷиноятиро таъмин менамояд.

Ҳамзамон, татбиқи технологияҳои рақамӣ барои таҳлили изҳои ҷиноятӣ таҳияи алгоритмҳои пешгӯии ҷойгиршавӣ, арзёбии имконияти робита байни изҳо ва ҳодиса, барқарорсозии моделҳои мураккаби ҳаракати ҷинояткоронро фароҳам меорад. Ин амалия на танҳо сатҳи илмӣ ва амалии тафтишотро баланд мебардорад, балки барои омӯзиши касбии муфаттишон ва рушди илмҳои криминалистикаи рақамӣ мусоидат менамояд.

Пешниҳоди мазкур ба ҳифзи дақиқ ва самараноки далелҳои ҷиноятӣ, барқарорсозии фарогири ҳолатҳои содиршавии ҷиноят ва тақвияти заминаи илмии таҳқиқоти криминалистӣ дар шароити муосир равона шудааст.

## 2.2. Истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ҳангоми азназаргузаронии ҷои ҳодиса

Криминалистикаи муосир дар марҳилаи фаъолонаи рақамигардонӣ ва ҷорӣ намудани усулҳои баланди технологии таҳқиқ қарор дорад, ки ин

имконият медиҳад самаранокии тафтиш ва дақиқии сабти далелҳо ба таври назаррас баланд бардошта шавад. Рушди илм ва техника имкониятҳои навро барои истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ҳангоми азназаргузаронии ҷои ҳодиса, айнияткунонии изҳои ҷиноят ва таҳлили далелҳои шайъӣ фароҳам меорад.

Азназаргузаронии ҷои ҳодиса ба шумораи амалҳои тафтишии таъхирнопазир дохил мешавад ва самаранокии тамоми раванди тафтиш аз дурустӣ ва бодиққат гузаронидани он бевосита вобаста мебошад. «Масъалаҳои методикаи гузаронидани азназаргузаронӣ дар адабиёти илмӣ ба таври муфассал омӯхта шуда, дар асоси онҳо тавсияҳо оид ба усулҳои оқилона ва самараноки гузаронидани он таҳия гардидаанд» [173]. Азназаргузаронии ҷои ҳодиса, ки ба ошкор намудан, сабт ва гирифтани изҳои ҷиноят равона шудааст, бе истифодаи воситаҳои муосири илмӣ-техникӣ наметавонад дар сатҳи зарурӣ анҷом дода шавад. Рушди илм ва технология барои ҷорӣ намудани усулҳои муосири таҳқиқ имкониятҳои навро фароҳам меорад, ки имкон медиҳанд дар бораи изҳои ҷиноят маълумоти иловагии дорои аҳаммияти криминалистӣ ба даст оварда шавад. Ин, дар навбати худ, зарурати таҳияи воситаҳо ва методикаҳои муосири ошкор кардан, сабт ва гирифтани объектҳоро дар ҷои ҳодиса ба вуҷуд меорад. Масалан, дастовардҳои назарраси соҳаи биологияи молекулавӣ ва генетика боиси ташаккули самти нави таҳқиқи изҳои дорои пайдоиши биологӣ бо истифодаи таҳлили ДНК дар доираи экспертизаи молекулавӣ-генетикӣ гардиданд [178].

Ин тарз имкон медиҳад шахс аз рӯйи изҳои бофтаҳо ва ҷудошавиҳо, аз ҷумла микрообъектҳо, айният кунонида шавад, ки пештар ҳамчун маводи номувофиқ арзёбӣ гардида, ҳангоми азназаргузаронии ҷои ҳодиса ба назар гирифта намешуданд. Дар натиҷа зарурати коркард ва ҷорӣ намудани воситаҳои нави ошкорсозии онҳо, ҳам воситаҳои техникӣ (инструменталӣ) ва ҳам воситаҳои биологӣ, масалан, сагҳои махсусомӯзишёфта ба вуҷуд меояд. Дар фарқият аз сагҳои ҷустуҷӯии

маъмулӣ, чунин сагҳо барои муайян кардани бӯйи намудии инсон, ки дар хун ва арақ мавҷуд аст, омӯзонида мешаванд. Ин имкониятҳои таҳқиқоти криминалистиро ба таври назаррас васеъ мегардонад.

Дар соҳаи криминалистика ҷорӣ намудани усулҳо ва технологияҳои инноватсионӣ ба таври фаъол мушоҳида мешавад, ки самаранокии ошкор намудани ҷиноятҳоро ба таври назаррас баланд мебардорад. Ҳамзамон дар соҳаи техникаи криминалистӣ мукаммалсозии мунтазам ба амал меоянд, «ки барои такмил ва мувофиқгардонии равандҳои таҳлил ва таҳқиқ мусоидат менамоянд. Дар қатори дастовардҳои муҳимтарин бояд инҳоро ҷудо намуд:

Истифодаи хокаи дактилоскопӣ бо нигоҳдории ДНК (PHA-Rgee), ки имкон медиҳад изҳои ангуштон, бе нобуд гардонидани маводи генетикии объект ошкор карда шаванд» [146, с. 18-25].

«Барқарорсозии сеандозаи судӣ-тиббӣ. Ин технологияи махсус имконият медиҳад тасвири андозавии чеҳраи инсон дар асоси таҳлили боқимондаҳои устухон сохта шавад, ки дар натиҷа имкон пайдо мегардад намуди эҳтимолии зоҳирии шахс барқарор ва пешгӯӣ карда шавад» [152, с. 165-175].

Муайянкунии фенотипӣ дар асоси ДНК. Ошкор ва таҳлили ДНК дар айнияткунонии гумонбарон, инчунин дар барқарорсозии намуди зоҳирии онҳо нақши асосӣ мебозад. Маводи генетикӣ, ки аз 23 ҷуфт хромосома иборат аст, иттилоот дар бораи хусусиятҳои ҷисмонии инсонро дар бар мегирад [132, с. 440-444]. Мутахассисони судӣ-тиббӣ метавонанд ин маводро таҳлил намуда, ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар бораи нишонаҳои зоҳирӣ, аз ҷумла ранги пӯст, мӯй ва ранги гавҳараки чашм маълумот пешниҳод намоянд. Дар солҳои охир усулҳои мураккабтари таҳлил таҳия шудаанд, ки на танҳо барои муайян намудани мансубияти этникии шахс, балки барои пешгӯӣ намудани давомнокии эҳтимолии ҳаёт дар асоси маълумоти генетикӣ низ имкон медиҳанд.

Таҳлили изҳои ангуштон бо истифода аз биосенсорҳо. Изҳои даст, ки дар ҷои ҳодиса ошкор мешаванд, имкон медиҳанд шахсияти гумонбар тавассути муқоисаи онҳо, ба монанди таҳлили ДНК муайян карда шавад [149, с. 72-79]. Аммо ба даст овардани изҳои ангуштони намоён ва босифат баъзан бо душвориҳои муайян рӯ ба рӯ мегардад. Дар айни замон мутахассисони судӣ-тиббӣ барои таҳқиқи изҳои микроскопии моеъҳои биологӣ, ки дар изҳои ангуштон мавҷуданд, биосенсорҳо истифода мебаранд ва ин ба таври назаррас дақиқии айнияткунонии шахсиятро баланд мебардорад. Ин дастгоҳҳо қобилияти муайян намудани доираи васеи хусусиятҳо, аз ҷумла ҷинс, синну сол, истифодаи баъзе доруворӣ ва хусусиятҳои тарзи ҳаёти шахсро доро мебошанд. Илова бар ин, биосенсорҳо имкон медиҳанд дигар моеъҳои биологие, ки дар ҷои ҷиноят ошкор шудаанд, низ таҳлил карда шаванд ва ин имкониятҳои таҳқиқоти криминалистиро ба таври назаррас васеъ менамояд.

Иммунохроматография. Ин усул дар ташхиси бемориҳои гуногун васеъ истифода мешавад. Моҳияти он дар таҳлили намунаи микроскопӣ бо истифода аз низоми махсуси тестӣ ифода меёбад.

Яке аз бартариҳои асосии иммунохроматография суръати баландтари гирифтани натиҷаҳо мебошад, ки самаранокии онро ҳангоми санҷиш барои бемориҳои сироятӣ, аз қабили COVID-19 ва ВИЧ, инчунин дар муайян намудани ҳолати ҳомиладорӣ таъмин мекунад [139, с. 28-29]. Дар экспертизаи судӣ ин усул барои ошкор намудани моддаҳои нашъадор ва доруҳо дар моеъҳои биологии шахси таҳқиқшаванда истифода мешавад, ки онро ба воситаи арзишманди таҳқиқоти криминалистӣ табдил медиҳад. Илова бар ин, дастгоҳҳое низ таҳия гардидаанд, ки бо истифода аз технологияҳои мобилӣ таҳлили иммунохроматографии моеъҳои биологиро анҷом медиҳанд.

Ин имконият медиҳад, ки аз истифодаи лабораторияҳои статсионарӣ пурра даст кашида шуда, натиҷаҳо бевосита дар ҷои таҳқиқ ба таври фаврӣ ба даст оварда шаванд [139, с. 28-29].

Усулҳои геолокатсионӣ барои муайян намудани маҳалли ҷойгиршавӣ. Дар амалия тарзҳои самаранок истифода мешаванд, ки ба таҳлили изотопҳои устувори об асос ёфтаанд ва имкон медиҳанд маҳалли ҷойгиршавии ҷабрдида ё гумонбар, аз ҷумла дар ҳолатҳои ҳодисаҳои нохуш муайян карда шавад. Тафовути сохтории атомҳо дар изотопҳо метавонад нишонаҳои нодири муайянкунанда дошта бошад, ки барои муайян намудани ҷойгиршавии ҷуғрофӣ бо дараҷаи баланди дақиқӣ имконият фароҳам меорад. «Дастовардҳои муосири экспертизаи судӣ-тиббӣ имкон медиҳанд мутахассисон дар асоси таҳлили изотопии моеъҳои биологие, ки аз ҷабрдида ё гумонбар гирифта шудаанд, маълумот дар бораи пайдоиши ҷуғрофии намунаи таҳқиқшавандаро ба даст оранд» [130, с. 26-29].

Дар маҷмуъ, ду самти асосии такмили инноватсионии азназаргузаронии ҷои ҳодисаро метавон ҷудо намуд: таҳияи технологияҳои нави ташкили азназаргузаронӣ ва ба вуҷуд овардани воситаҳои такмилёфта барои ошкор намудан, сабт ва гирифтани изҳои ҷиноят.

Хусусияти ҷои ҳодиса махсусияти азназаргузаронии онро муайян мекунад. Ҳангоми таҳқиқи қаламравҳои васеъ ҷорӣ намудани таҷҳизоти парвозкунандаи бесарнишин (дронҳо), ки бо камераҳои аксбардорӣ ва наворбардорӣ муҷаҳҳаз мебошанд, дар амалияи криминалистӣ аҳаммияти махсус пайдо мекунад. «Онҳо имкон медиҳанд ҳолатҳои муҳимми ҳодисаи таҳқиқшаванда сабт карда шаванд ва гузаронидани амали тафтишӣ ба таври назаррас осон гардад, ки ин дар айни замон пурра ба талаботи қонунгузорӣ мутобиқ мебошад» [130, с. 26-29].

Истифодаи дронҳо ва системаҳои роботӣ марҳилаи муҳимми навсозии ташкили азназаргузаронӣ ба ҳисоб меравад. Таҷҳизоти

парвозкунандаи бесарнишин таҳқиқи фаврии қаламравҳои васеъ, аксбардорӣ ва наворбардорӣ аз кунҷҳои гуногунро таъмин намуда, инчунин ба омӯзиши минтақаҳои душвордастрас ё хавфнок, аз ҷумла ҷойҳои сӯхтор, минтақаҳои олудашудаи радиатсионӣ ё биноҳои фурӯрехта имконият медиҳанд. Платформаҳои роботӣ, ки бо камераҳо ва сенсорҳо муҷаҳҳаз мебошанд, имкон медиҳанд маълумот бидуни иштироки бевоситаи инсон ҷамъоварӣ карда шавад, ки ин амнияти гузаронидани амалҳои тафтиширо ба таври назаррас баланд мебардорад.

Бартарии асосии истифодаи дронҳо ҳангоми азназаргузаронии ҷои ҳодиса дар он аст, ки онҳо имкон медиҳанд аксбардорӣ ва наворбардорӣ дар минтақаҳои душвордастрас ва барои инсон эҳтимолан хавфнок анҷом дода шавад. Илова бар ин, имконияти гирифтани тасвирҳои баландсифат ва интиқоли мустақими онҳо шароит фароҳам меорад, ки мутахассисони дар масофаи дур қарор дошта ба таҳлил ҷалб гардида, барои машварати фаврӣ ва қабули қарорҳо иштирок намоянд.

Бартарии дигари муҳимми истифодаи таҷҳизоти парвозкунандаи бесарнишин барои сабти акс ва видео дар он аст, ки онҳо қобилияти анҷом додани ҳам аксбардории аз баландии паст ва ҳам аз баландии зиёдро бо дақиқии баланд доранд. Ин имконият медиҳад, ки ҷузъиёти муҳимми амали тафтишӣ бо дараҷаи баланди дақиқӣ сабт карда шаванд.

Мавқеъҳои муосир ба азназаргузаронии ҷои ҳодиса дигаргунии амиқи фаъолияти криминалистиро инъикос менамоянд, ки он бо пешрафти илмӣ-техникӣ ва рақамигардонии равандҳои тафтишӣ алоқаманд буда, ба баланд гардидани самаранокӣ ва дақиқии амалҳои тафтишӣ мусоидат мекунад. Агар пештар таваҷҷуҳи асосӣ ба сабти визуалӣ ва усулҳои анъанавии ошкор ва таҳлили изҳо равона мешуд, имрӯз бошад ба ҷои аввал автоматизатсияи равандҳо, дақиқии баланди ченкуниҳо ва имконияти бозсозии такрории ҷои ҳодиса дар муҳити рақамӣ мебарояд. Ин тағйирот на танҳо методикаи гузаронидани

азназаргузарониро дигаргун месозад, балки худи тарзи тафтиши ҷиноятҳоро низ тағйир медиҳад, ки он бештар ба истифодаи далелҳои объективии рақамӣ равона гардидааст.

Истифодаи воситаҳои муосири техникӣ, аз ҷумла 3D-сканерҳои дақиқ, таҷҳизоти парвозкунандаи бесарнишин ва системаҳои зеҳнии таҳлили маълумот имконият медиҳад ҷамъоварии иттилоот ба таври амиқтар, муфассалтар ва боэътимодтар анҷом дода шавад [117, с. 45-52]. Технологияҳои муосир имкон медиҳанд хурдтарин ҷузъиёти вазъияти ҷои ҳодиса сабт гардида, барқарорсозии виртуалӣ ва моделсозии рушди рӯйдодҳо анҷом дода шавад, ки ин махсусан ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои мураккаб, ки таҳлили такрорӣ ё баррасии экспертизавии далелҳоро талаб мекунанд, аҳаммияти муҳим дорад. «Истифодаи зеҳни сунъӣ ва маҷмуаҳои барномавии таҳлилӣ имкониятҳои навро барои ба таври автоматӣ ошкор намудани робитаҳои байни далелҳо, тасниф ва муқоисаи онҳо бо базаҳои мавҷудаи маълумот фароҳам оварда, раванди тафтишро ба таври назаррас суръат мебахшад» [117, с. 45-52].

Бо вуҷуди пешрафтҳои бадастомада, рушди техникаи криминалистӣ бо як қатор мушкилот ҳамроҳ мебошад. Аз ҷумла, метавон нобаробарии сатҳи таҷҳизонидани техникии воҳидҳои ҳудудӣ, омодагии нокифояи муфаттишон барои кор бо воситаҳои рақамӣ, инчунин набудани тавсияҳои ягонаи методӣ оид ба сабти рақамии далелҳоро зикр намуд. Илова бар ин, зарурати танзими ҳуқуқии масъалаҳои марбут ба қобили қабул будани далелҳои рақамӣ ва ҳифзи иттилооте, ки бо истифода аз воситаҳои техникӣ ба даст оварда мешавад, ба миён меояд.

Дар оянда такмили азназаргузаронии ҷои ҳодиса бо ташкили платформаи ягонаи миллии рақамии маълумоти криминалистӣ алоқаманд хоҳад буд, ки дар он иттилооти аксӣ, видеоӣ, аудиоӣ ва сеандоза муттаҳид гардида, дастрасӣ ба пойгоҳҳои махсуси экспертизавӣ таъмин карда мешавад. Татбиқи чунин низом имкон медиҳад шаффофияти амалҳои тафтишӣ баланд бардошта шавад, ҳамкории

байни мақомоти ҳифзи ҳуқуқ такмил ёбад ва заминаи боэътимоди исботкунӣ ташаккул ёбад, ки хатоҳои субъективиро ба ҳадди ақал мерасонад.

Дар шароити табдили рақамӣ воҳидҳои экспертиза, ки ба азназаргузаронии ҷои ҳодиса машғуланд, беш аз пеш аз технологияҳои 3D-сканеркунӣ истифода мебаранд. «Ин технологияҳо на танҳо ба баланд гардидани самаранокии тафтиш мусоидат мекунанд, балки ба мутахассисони криминалистика имкон медиҳанд вазъияти ҷои ҳодисаро дар муҳити кории бароҳат ба таври муфассал таҳлил намоянд» [117, с. 45-52]. Технологияи 3D-сканеркунӣ имкон медиҳад моделҳои сеандозаи хеле дақиқи ҷои ҳодиса дар муддати кӯтоҳ ба даст оварда шаванд, ки ин кори минбаъдаи таҳлилиро ба таври назаррас осон менамояд.

Усулҳои 3D-сканеркунӣ ва барқарорсозии виртуалӣ дар криминалистикаи муосир ҷойгоҳи махсус доранд. Сканерҳои лазерӣ ва фотограмметрӣ моделҳои андозагирии дақикро ба вуҷуд меоранд, ки имкон медиҳанд таҳлили муфассал ва моделсозии рушди ҳодисаҳо анҷом дода шавад. Визуализатсияи сеандозаи марҳилаҳои гуногуни тафтиши ҷиноятҳо дар кишварҳои хориҷӣ торафт бештар истифода гардида, таваҷҷуҳи мутахассисони ватаниро низ ҷалб мекунад. Моделҳои сохташуда метавонанд дар мурофиаи судӣ барои намоиши равшани ҳолатҳои парванда истифода шаванд, ки ин ба таври назаррас эътимоднокии заминаи исботкуниро баланд мебардорад.

Инчунин ҷорӣ намудани лабораторияҳои мобилии криминалистӣ, ки бо таҷҳизоти муосири таҳлилӣ муҷаҳҳаз мебошанд, аҳаммияти махсус доранд. Онҳо имконият медиҳанд таҳлили фаврии изҳои биологӣ, моддаҳои кимиёвӣ, микрозарраҳо ва бӯйҳо бевосита дар ҷои ҳодиса гузаронида шавад. Ин раванд вақти интизории натиҷаҳои экспертизаро кӯтоҳ намуда, ба қабули зудтари қарорҳои мурофиавӣ мусоидат мекунад.

Бо истифода аз моделсозии сеандоза имкон пайдо мешавад ҷараёни ҷиноят аз нав барқарор ё тақлид карда шавад, то ки ҳолатҳои манфӣ

ошкор гарданд, ки метавонанд ба сохтакорӣ шудани ҳодиса ишора намоянд. Ин ҳолат дар ҷараёни таҷрибаи тафтишӣ, ки барои муайян намудани ҳолатҳои содиршавии ҷиноят, «санҷиши маълумоти мавҷуда ва гирифтани иттилооти нав бо истифода аз барномаҳои махсус барои сохтани моделҳои интерактивии сеандоза гузаронида шуд, нишон дода шудааст» [142, с. 149-155]. Дар доираи азназаргузаронии ҷои дуздӣ бо истифода аз ин барнома ҳолатҳои манфӣ, аз ҷумла тақлиди шикастани тиреза, барқарор карда шуданд, ки ин имкон дод ҷараёни воқеаҳо ба таври муфассал таҳлил гардида, дақиқии таҳқиқи изҳои ҷиноят баланд бардошта шавад.

Дар айни замон технологияи 3D-сканеркунӣ бештар ҳангоми азназаргузаронии ҷои ҳодиса дар парвандаҳои марбут ба тафтиши куштор, ҳодисаҳои нақлиётӣ, таркишҳо, сӯхтор ва дигар ҳолатҳои фавқулода истифода мешавад. Маълумоти бадастомада дар чунин ҳолатҳо одатан барои гузаронидани экспертизаҳои судӣ аҳаммияти калидӣ дорад.

Технологияи 3D-сканеркунӣ, инчунин метавонад барои сабти ҳолати ҷасад ҳангоми азназаргузаронии он самаранок истифода гардад [172]. Дар ин маврид на танҳо ҳолат ва ҷойгиршавии ҷасад муҳим аст, балки имконияти сабти рангҳои пӯсти бадан низ аҳаммияти калон дорад, ки барои экспертизаи судӣ-тиббӣ арзиши муҳим дорад. Масалан, дараҷаи шиддатнокии ранги осебҳои ҷисмонӣ, аз ҷумла хунбандӣ ва захмҳо, метавонад дар бораи вазнинии ҷароҳатҳо ва оқибатҳои онҳо маълумот диҳад. Тағйирёбии ранги пӯст, инчунин, метавонад ба марҳилаи пӯсиши ҷасад ишора намояд. Бо дарназардошти таъсири омилҳои беруна, аз қабили ҷои пайдо шудани ҷасад ва шароити обу ҳаво, ранги пӯст метавонад нишондиҳандаи иловагии вақти эҳтимолии содир гардидани ҷиноят бошад.

3D-сканеркунии лазерии заминӣ технологияест, ки сабти хеле дақиқ ва фаврии параметрҳои геометрии объекти таҳқиқшавандаро таъмин

менамояд. Аз рӯйи принсипи амал ин усул ба тахеометр монанд аст: дастгоҳ масофа то объект, инчунин кунҷҳои уфуқӣ ва амудиро чен мекунад. Дар асоси ин маълумот дастгоҳ координатаҳои сеандозаи ҳар як нуқтаро (X; Y; Z) ҳисоб менамояд. Ба туфайли дақиқӣ ва маҳсулнокии баланд, сканерҳои лазерии заминии 3D, аз ҷумла моделҳои ширкати Leica, дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла дар криминалистика, васеъ истифода мешаванд.

Имкониятҳои техникии системаҳои 3D-сканеркунии лазерӣ имкон медиҳанд тасвири пурра ва муфассали ҷои ҳодиса дар шакли модели сеандоза ба даст оварда шавад, ки ин ба таври назаррас сифати сабти вазъият ва таҳлили минбаъдаи рӯйдодҳоро баланд мебардорад. Сканери лазерии Leica BLK360 як сканери муосири сеандоза бо камераҳои аксбардории ҳамгирошуда мебошад, ки дар амалияи криминалистӣ бомуваффақият истифода мешавад. Бо ёрии он сабт, таҳқиқ ва барқарорсозии криминалистии ҷои ҳодиса анҷом дода мешавад. Бар хилофи аксбардории анъанавӣ, 3D-сканеркунӣ имкон медиҳад координатаҳои ҳар як нуқтаи фазо муайян карда шаванд, ки ин имконияти анҷом додани ченкуниҳои дақиқи масофа, майдон, ҳаҷм ва кунҷҳоро фароҳам меорад.

Яке аз бартариҳои муҳимми истифодаи сканери Leica BLK360 ворид шудани он ба Феҳристи давлатии воситаҳои ченкунӣ мебошад, ки боэътимодии метрологии маълумоти бадастомадаро тасдиқ мекунад.

Зарурати истифодаи барқарорсозии сеандоза ҳангоми азназаргузаронии ҷои ҳодиса бо тағйироте вобаста аст, ки дар вазъият дар ҷараёни гузаронидани амалҳои тафтишӣ ба вуҷуд меоянд. Барои ҳалли чунин вазифаҳо сканери лазерӣ дар якҷоягӣ бо барномаҳои махсуси компютерӣ имкон медиҳад экспертизаҳои вазъиятӣ бо дақиқии баланд гузаронида шаванд ва вазъияти ҷои ҳодиса ба таври ҳар чи муфассал ва холисона инъикос гардад.

Дар айни замон технологияҳои 3D-сканеркунӣ на танҳо дар экспертизаи сохтмонӣ, балки ҳангоми азназаргузаронии ҷои ҳодиса дар парвандаҳои марбут ба тафтиши куштор ва ҳодисаҳои нақлиётӣ низ васеъ истифода мешаванд. Илова бар ин, 3D-сканеркунӣ аз ҷониби мутахассисон ҳангоми гузаронидани намудҳои гуногуни таҳқиқоти судӣ фаъолона истифода мегардад, аз ҷумла дар: экспертизаи судӣ-тиббӣ, экспертизаи муҳандисӣ-техникӣ, экспертизаи автотехникӣ, экспертизаи маводҳои тарканда, экспертизаи сӯхтор, экспертизаи трасологӣ, экспертизаи баллистикӣ ва дигар самтҳо.

Вобаста ба принсипи физикии кори сканерҳои 3D технологияҳои гуногуни сканеркунӣ ҷудо карда мешаванд, ки ҳар яке имкониятҳо ва соҳаи татбиқи хоси худро доранд ва бозсозии дақиқу муфассали объектҳои таҳқиқшавандаро таъмин менамоянд.

1. Технологияи 3D-сканеркунӣ бо усули триангулятсияи лазерӣ

«Сканерҳои 3D, ки дар асоси триангулятсияи лазерӣ кор мекунанд, барои таҳқиқи сатҳи объект ё хатти лазерӣ, ё нуқтаи алоҳидаи лазерӣ истифода мебаранд» [176]. Нури лазер аз ҷониби сканер фиристода шуда, аз сатҳи объекти сканершаванда инъикос мегардад. Тағйирёбии самти нури инъикосёфта аз ҷониби сенсорҳои дастгоҳ сабт карда мешавад.

Бо таҳлили каҷшавии нури лазер ва истифодаи ҳисобҳои тригонометрӣ (триангулятсия), системаи кунҷи ин каҷшавиро муайян менамояд, ки он мустақиман бо масофаи байни объект ва сканер вобаста мебошад. Пас аз ҷамъоварии ҳаҷми кофии маълумот, дастгоҳ харитаи сатҳи объектро месозад, ки дар натиҷа тасвири дақиқи сеандозаи объекти таҳқиқшаванда ба вуҷуд меояд [30, с. 79].

Бартариҳои асосии технологияи триангулятсияи лазерӣ ҳангоми 3D-сканеркунӣ қобилияти баланди тафриқасозӣ ва дақиқии маълумоти бадастомада мебошанд. Аз ҷумлаи камбудиҳои ин технология ҳассосияти он ба хусусиятҳои сатҳи объект ба ҳисоб меравад. Мушкилоти бештар ҳангоми сканеркунии сатҳҳои хеле ҷилодор ё

шаффоф ба миён меоянд, ки метавонанд дақиқии ченкуниҳоро коҳиш диҳанд.

2. Технологияи 3D-сканеркунӣ бо нури сохторёфта

Сканерҳои 3D бо нури сохторёфта низ ба принсипи триангулятсия асос ёфтаанд, аммо дар ин ҳолат лазер истифода намешавад. Дар доираи ин технология ба рӯйи объект силсилаи нақшҳои нурӣ проексия карда мешавад, «баъд аз он система канорҳои ҳар як хатро таҳлил намуда, масофаро аз сканер то сатҳи объект ҳисоб мекунад. Манбаи нур метавонад сафед ё кабуд бошад, ва тавлиди нақш бо истифода аз проекторҳои гуногун, аз ҷумла технологияҳои коркарди рақамии нур (DLP), амалӣ мегардад» [30, с. 79]. Нақши проексияшаванда бештар дар шакли силсилаи хатҳои нурӣ пешниҳод мешавад, аммо дар баъзе ҳолатҳо инчунин матритсаи нуқтаҳои тасодуфӣ низ истифода мешавад.

«Бартариҳои асосии технологияи 3D-сканеркунӣ бо нури сохторёфта суръати баланди коркарди маълумот, қобилияти баланди тафриқасозӣ ва имконияти сканеркунии объектҳои инсонӣ мебошанд.

3. Технологияи 3D-сканеркунӣ бо усули фотограмметрия

Фотограмметрия илмест, ки ба анҷом додани ченкуниҳо аз рӯйи аксҳо, махсусан барои барқарор намудани ҷойгиршавии дақиқи нуқтаҳо дар сатҳи объектҳо равона гардидааст. Вазифаи асосии 3D-сканеркунии фотограмметрӣ коркарди шумораи зиёди тасвирҳо ва ҳазорҳо нуқтаҳо бо дақиқии баланд мебошад» [182].

4. Технологияи тамосии 3D-сканеркунӣ (рақамисозӣ)

Технологияи тамосии 3D-сканеркунӣ, ки онро инчунин рақамисозӣ меноманд, ҷамъоварии маълумоти сеандозаро тавассути тамоси мустақими физикӣ бо объекти сканершаванда пешбинӣ менамояд. Дар ҷараёни ин раванд объект бояд беҳаракат нигоҳ дошта шавад, дар ҳоле ки сенсори ламсӣ пайдарпай дар рӯйи сатҳи он ҳаракат карда, маълумоти сеандозаро сабт мекунад.

Барои баланд бардоштани дақиқӣ зонд одатан дар дасти буғумдор насб карда мешавад, ки имкон медиҳад маълумот аз кунҷҳо ва ҳолатҳои гуногун ҷамъоварӣ гардад. Дар баъзе навъҳои махсуси сканерҳои тамосии 3D мошинҳои координатавӣ-ченкунанда (КИМ) истифода мешаванд, ки дақиқӣ ва муфассалияти баланди ченкуниҳоро таъмин мекунанд.

Технологияи тамосии 3D-сканеркунӣ бештар барои назорати сифати ҷузъҳо пас аз истеҳсол ё дар ҷараёни хизматрасонии техникӣ истифода мегардад. Аз бартариҳои асосии ин усул дақиқии баланд ва имконияти сканеркунии объектҳои дорои сатҳҳои шаффоф ё инъикоскунанда мебошанд. Ба камбудиҳои ин технология суръати нисбатан пасти ҷамъоварии маълумот мансуб аст, ки самаранокии онро ҳангоми кор бо объектҳои калонҳаҷм ё дар ҳолатҳое, ки таҳлили фаврӣ зарур аст, маҳдуд месозад.

5. Технологияи 3D-сканеркунӣ дар асоси импулсҳои лазерӣ

«Сканерҳои 3D, ки бар принсипи импулсҳои лазерӣ кор мекунанд ва онҳоро инчунин сканерҳои лидарӣ ё сканерҳои вақти парвоз (time-of-flight) меноманд, масофаро то объект тавассути чен кардани вақти расидани нури лазер ба сатҳи объект ва баргаштани он муайян мекунанд. Азбаски суръати нур бо дақиқии баланд маълум аст, вақти ҳаракати шуоъ имкон медиҳад масофа байни сканер ва объект ҳисоб карда шавад. Барои баланд бардоштани дақиқии ченкунӣ дастгоҳ миллионҳо импулси лазериро бо дақиқии то пикосония (0,000000001 сония) коркард мекунад, ки дар натиҷа моделҳои хеле дақиқи сеандозаи объектҳо ба даст меоянд» [123, с. 791-796].

Самаранокии онҳо аз шароити муҳити атроф камтар вобаста буда, раванди технологӣ бо дараҷаи баланди автоматизатсия фарқ мекунад.

Раванди сканеркунии ҷои ҳодиса аз ҷойгир кардани сканери 3D дар штативи устувор дар маркази минтақаи таҳқиқшаванда оғоз меёбад. Сканер нури лазериро, ки ба таври амудӣ давр мезанад, ба муҳити атроф

равона намуда, нуқтаҳои инъикосёфтаро аз ҳар як объекти намоён сабт мекунад. Дар ҷараёни кор сканер дар меҳвари уфуқӣ 360 дараҷа давр мезанад; ин ҳаракат тавассути дастгоҳи гардонандаи моторӣ, ки дар худи таҷҳизот насб шудааст, таъмин мегардад [174].

Ҳангоме ки нури лазерӣ ба сканер боз бармегардад, вақти барои рафтан ва баргаштани он сарфшуда сабт карда мешавад, ки ин имкон медиҳад масофа то объект бо истифода аз суръати нур ҳамчун бузургии доимӣ ҳисоб карда шавад. Ҳамзамон сканер кунҷи самти нури фиристодашуда ва кунҷи инъикоси онро сабт намуда, инчунин координатаҳои X, Y ва Z-ро барои ҳар як нуқтаи маълумот бо истифода аз усули триангулятсия ҳисоб мекунад. «Ин раванд имкон медиҳад мавқеи дақиқи фазоии ҳар як нуқта нисбат ба сканер муайян карда шавад. Аксари сканерҳои муосири лазерӣ қобилияти сабт намудани ҳамаи объектҳоро, ки дар хатти мустақими дид қарор доранд, дар масофаи аз 0,6 метр то 335 метр ва бештар доранд. Дар айни замон сканерҳо метавонанд маълумотро бо суръати баланд – аз 10 ҳазор то 100 ҳазор нуқта дар як сония коркард намоянд» [127, с. 90-95]. Ин имкон медиҳад моделҳои муфассали сеандозаи ҷои ҳодиса ба таври фаврӣ сохта шаванд.

Яке аз ҳалли муосир дар соҳаи аксбардории криминалистӣ низоми мобилии мултиспектралии аксбардорӣ ва наворбардорӣ Crime-lite AUTO-и ширкати Foster + Freeman мебошад. Ин маҷмуи техникӣ вазифаҳои ҷустуҷӯ, ошкор ва сабти изҳои ҷиноятро дар як дастгоҳ муттаҳид менамояд, ки ин ба таври назаррас ҳаракатнокӣ ва самаранокии кори мутахассисонро баланд мебардорад. «Истифодаи ин технология имкон медиҳад изҳои биологӣ, аз ҷумла хун, оби даҳон, нутфа, изҳои даст ва пойафзол, инчунин объектҳои микроскопӣ, ба монанди мӯй, ошкор карда шаванд. Таҳлили спектроскопӣ ба муайян намудани боқимондаҳои ДНК, изҳои моддаҳои нашъадор, доруворӣ ва

дигар мавод мусоидат намуда, барои арзёбии криминалистӣ ва шиносоии далелҳо аҳаммияти муҳим дорад» [147, с. 161-164].

«Истифодаи Crime-lite AUTO вақти кори мутахассисонро кӯтоҳ намуда, самаранокии ҷамъоварии далелҳоро баланд мебардорад ва имконият медиҳад маълумоти аксӣ ва видеоӣ дар дохили система нигоҳ дошта шуда, баъдан ба дастгоҳҳои беруна интиқол дода шаванд. Ин раванд интиқоли фаврии рақамии иттилоотро ба воҳидҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, масалан барои шиносоии фаврии изҳои ангуштон тавассути низомҳое ба монанди СИАДИС таъмин менамояд» [147, с. 161-164].

Ҷорӣ намудани технологияҳои муосир дар криминалистика ба ташкили азназаргузаронии ҷои ҳодиса ва таҳлили далелҳои шайъӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад. Технологияҳои 3D-сканеркунӣ, аз ҷумла триангулятсияи лазерӣ, нури сохторёфта, фотограмметрия ва системаҳои лидарӣ, имкон медиҳанд хурдтарин ҷузъиёти вазъияти ҷои ҳодиса сабт гардида, барқарорсозии виртуалӣ ва моделсозии рушди рӯйдодҳо анҷом дода шавад. Истифодаи сканерҳои фаъол сатҳи баланди автоматизатсия ва дақиқии ченкуниҳоро таъмин намуда, таъсири омили инсониро коҳиш медиҳад.

Усулҳои муосири аксбардории криминалистӣ ва таҳлили «мултиспектралӣ, аз ҷумла Crime-lite AUTO, биосенсорҳо ва дастгоҳҳои иммунохроматографӣ, имкон медиҳанд изҳои биологӣ, моддаҳои нашъадор, доруворӣ ва дигар объектҳои микроскопӣ ошкор ва сабт карда шаванд» [147, с. 161-164]. Ин раванд ҷамъоварии далелҳоро тезтар ва босифаттар гардонида, инчунин имкон медиҳад шиносоии объектҳо дар режими вақти воқеӣ анҷом дода шавад.

Рақамигардонии азназаргузаронии ҷои ҳодиса ва ҳамгироии технологияҳои инноватсионӣ заминаҳоро барои ташаккули платформаи ягонаи миллии маълумоти криминалистӣ фароҳам меорад, ки дар он моделҳои 3D, сабтҳои аксӣ, видеоӣ ва аудиоӣ, инчунин пойгоҳҳои маълумотии мутахассисон муттаҳид карда мешаванд. Ин раванд ба

баланд гардидани шаффофияти амалҳои тафтишӣ, беҳтар шудани ҳамкории байни мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ташаккули заминаи боэътимоди исботӣ мусоидат намуда, хатоҳои субъективиро ба ҳадди ақал мерасонад.

«Таҳлил ва низомнокии усулҳои муосири криминалистика, аз ҷумла 3D-сканеркунии лазерӣ ва фотограмметрӣ, фотограмметрияи мултиспектралӣ, таҳлили биосенсорӣ ва иммунохроматографӣ, имкон медиҳад самаранокии равиши маҷмуӣ ба азназаргузаронии ҷои ҳодиса асоснок карда шавад. Чунин муносибат дақиқии баланди сабти изҳоро таъмин намуда, имконияти барқарорсозии такрории рӯйдодҳо ва ташаккули заминаи боэътимоди исботкуниро барои арзёбии судӣ-экспертӣ фароҳам меорад».

Ҳамин тавр, дастовардҳои муосири технологӣ дар соҳаи криминалистика имконият медиҳанд тафтиши ҷиноятҳо бо сифати баландтар, бехатар ва фаврияти бештар анҷом дода шавад ва мутахассисон воситаҳои илмӣ-техникиро барои муайян намудани ҳақиқати воқеӣ самаранок истифода баранд.

# БОБИ 3. ТАКТИКАИ КРИМИНАЛИСТИИ АЗНАЗАРГУЗАРОНИИ ҶОИ ҲОДИСА ВА ДАВРАҲОИ ОН

## 3.1. Хусусиятҳои тактикӣ-криминалистии марҳилаи омодагии азназаргузаронии ҷои ҳодиса

Аз нигоҳи тактикӣ азназаргузаронии ҷои ҳодиса шартан ба се марҳила ҷудо карда мешавад: омодагӣ, асосӣ ва хотимавӣ. Ҳар яке аз ин марҳилаҳо мақсадҳо, хусусиятҳои ташкилӣ ва методии худро дорад, ки самаранокии гузаронидани амали тафтиширо муайян менамоянд. «Марҳилаи омодагӣ ҷамъоварии иттилооти ибтидоӣ, ташаккули гурӯҳи тафтишотию оперативӣ, интихоби воситаҳои техникӣ, таҳияи тактика ва банақшагирии пайдарпайии амалҳоро дар бар мегирад» [131, с. 83-85]. Марҳилаи асосӣ бевосита бо азназаргузаронии визуалӣ, сабт, нишонагузорӣ ва гирифтани изҳо ва далелҳои шайъӣ алоқаманд мебошад. Марҳилаи хотимавӣ санҷиши пуррагии азназаргузаронии анҷомёфта, таъмини ҳифзи маводи гирифташуда, ба расмият даровардани натиҷаҳо ва таҳлили иттилооти бадастомадаро барои банақшагирии амалҳои минбаъдаи тафтишӣ дар бар мегирад.

«Дар марҳилаи омодагӣ муфаттиш маҷмуи масъалаҳои ташкилӣ-тактикиро ҳал менамояд, ки онҳо ба самаранокӣ ва пуррагии азназаргузаронии минбаъда таъсири бевосита мерасонанд» [32, с. 235]. Самтҳои асосии омодагӣ пеш аз ҳама ташкили гурӯҳи тафтишотию оперативӣ мебошанд

Омодагӣ ба азназаргузаронии ҷои ҳодиса маҷмуи чорабиниҳои ташкилӣ ва тактикӣ мебошад, ки ба фароҳам овардани шароити мусоид барои гузаронидани ҳаракатҳои таҳқиқотии минбаъда равона шудаанд. Дар ин марҳила ҳайати гурӯҳи тафтишотию оперативӣ мукаммал гардонда шуда, омодагии воситаҳои техникӣ, нақлиётӣ ва дигар воситаҳои махсус таъмин мегардад, машварати пешакӣ бо мутахассисон

анҷом дода мешавад, инчунин вақти мувофиқ ва усули самараноки гузаронидани азназаргузаронӣ муайян карда мешавад.

Мутобиқи ақидаи А.А.Корчагин сатҳи баланди омодагии пешакӣ самаранокии амалҳои минбаъдаи муфаттишро бо кам кардани сарфи вақт барои ошкор кардан, сабт намудан ва гирифтани изҳои ҷиноят, омӯзиши муфассали вазъ ва барқарорсозии механизмҳои ҳодиса ба таври назаррас баланд мебардорад [50, с. 185]. Чорабиниҳои омодагии дуруст ташкилшуда то ҳадди зиёд муваффақияти азназаргузаронии ҷои ҳодисаро пешакӣ муайян менамоянд, ки ин зарурати банақшагирии дақиқ ва саривақтии онҳоро асоснок месозад.

Банақшагирии азназаргузаронӣ бояд ҳалли маҷмуи масъалаҳои зеринро дар бар гирад: муайян намудани ҳайати мувофиқи иштирокчиён; муқаррар кардани номгӯйи воситаҳои зарурии илмӣ-техникӣ; таҳияи пайдарпайии гузаронидани ҳаракатҳои алоҳида; интихоби усулҳои тактикӣ, ки пуррагӣ ва холис гузаронидани таҳқиқотро таъмин менамоянд. Илова бар ин, бо дарназардошти вазъи воқеии тафтишӣ мумкин аст зарурати мушаххас намудани баъзе вазифаҳои азназаргузаронӣ, дақиқ кардани вақти оғози он ва хусусиятҳои ҷои гузаронидан ба миён ояд.

Дар марҳилаи омодагӣ таҳлили иттилооти пешакӣ оид ба ҳодиса аҳаммияти махсус дорад. Муфаттиш бояд хусусият ва дараҷаи эҳтимолии тағйирёбии вазъиятро то лаҳзаи расидан ба ҷои ҳодиса, имконияти гум шудани изҳо, инчунин хавфҳои эҳтимолии марбут ба дахолати шахсони бегона ё таъсири шароити номусоиди табиӣ-иқлимӣ арзёбӣ намояд. Дар асоси ин маълумот модели тактикии азназаргузаронӣ муайян карда мешавад, ки имконият медиҳад талафоти далелҳоро кам намояд, пуррагии ҳар чи бештари ошкорсозии онро таъмин намояд.

Ҳайати гурӯҳ бо дарназардошти хусусияти ҳодиса, табиати объектҳои таҳқиқшаванда ва талаботи таъмини амният муайян карда

мешавад. «Одатан, ба ҳайати гурӯҳ шахсони зерин шомил мегарданд: корманди оперативӣ; мутахассиси корҳои тарканда; мутахассиси криминалистӣ, ки барои истифодаи дигар воситаҳои илмӣ-техникии сабт ва таҳлил масъул мебошад» [114, с. 227-230].

Чунин тақсимоти уҳдадориҳо имкон медиҳад, ки ба азназаргузаронӣ равиши маҷмуӣ таъмин гардида, хатари осеб дидани изҳо ё халалдор шудани ягонагии онҳо ба ҳадди ақал расонда шавад ва барои ҳуҷҷатгузории ҳамаҷонибаи ҷараёни ҳодиса дар ҷои он шароити мусоид фароҳам гардад.

Дар ҳолати зарурат ба ҳайати гурӯҳи тафтишию оперативӣ, «инчунин мутахассис-кинолог барои ошкор намудани дастгоҳҳои тарканда шомил карда мешавад» [117, с. 45-52].

Чунин ташаккули маҷмуии гурӯҳ имкон медиҳад на танҳо пуррагӣ ва сифати гузаронидани азназаргузарониро таъмин намуд, балки хавфҳоро барои иштирокчиён ба ҳадди ақал расонда, самаранокии сабт ва гирифтани маводи далелиро баланд бардорад, ҳамчунин барои риояи қонуният дар тамоми марҳилаҳои амали тафтишӣ шароити зарурӣ фароҳам оварад.

Ҳамоҳангсозии ҳаракати ҳамаи иштирокчиёни гурӯҳи тафтишотию оперативӣ низ яке аз самтҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Тақсимоти дақиқи уҳдадориҳо байни муфаттиш, мутахассис-криминалист, кормандони оперативӣ ва дигар шахсон низомнокии равандро таъмин намуда, такроршавии вазифаҳоро истисно мекунад ва эҳтимолияти иштибоҳҳои тактикиро коҳиш медиҳад. Дар ҳолати зарурат метавон мутахассисони алоҳидаи соҳавӣ аз қабили табибон, мутахассисони соҳаҳои дигар, биологҳо, пайшиносҳо ва дигаронро ҷалб намуд.

Омодагӣ ба азназаргузаронӣ ҳамчунин арзёбии имконияти истифодаи воситаҳои муосири техникӣ: аксбардорӣ ва наворбардории баландсифат, сканеркунии сеандоза, асбобҳои криминалистӣ барои ошкор кардани изҳои камнамоён ва ноаён, георадарҳо, дронҳоро дар бар

мегирад [117, с. 45-52]. Истифодаи чунин технологияҳо на танҳо ба баланд бардоштани дақиқии сабт мусоидат мекунад, балки доираи иттилооти бадастомадаро низ васеъ менамояд, ки ин барои барқарорсозии минбаъдаи ҳодиса аҳаммияти ҷиддӣ дорад

Дар маҷмуъ, чорабиниҳои зикршуда заминаи гузаронидани азназаргузаронии ҷои ҳодисаро ҳамчун раванди мураккаби маърифатӣ-таҳқиқотӣ ташаккул медиҳанд, ки сатҳи баланди омодагии касбӣ, танзими қатъии амалҳо ва равиши илмии асоснокшударо тақозо менамояд.

Дар ҷараёни омодагӣ ба азназаргузаронии ҷои ҳодиса муфаттиш аксаран бо як қатор мушкилоти тактикӣ рӯ ба рӯ мегардад [117, с. 45-52]. Ба вуҷуд омадани онҳо на танҳо бо шумораи зиёди иштирокчиёни гурӯҳи тафтишотию оперативӣ, балки ҳамчунин бо маҳдуд будани иттилооти ибтидоӣ оид ба хусусият ва ҳолатҳои ҳодисаи баамаломада вобаста мебошад. Илова бар ин, марҳилаи омодагӣ бисёр вақт дар шароити норасоии шадиди вақт сурат мегирад, ки ин имконияти таҳияи нақшаи муфассал ва ҳамаҷонибаи азназаргузаронии дарпешистодаро аз муфаттиш маҳдуд месозад.

Мураккабии вазъият метавонад бо таъсири омилҳои номусоиди обу ҳаво, инчунин бо зарурати гузаронидани таҳқиқоти васеъ ва гуногунсамтаи объектҳои моддии марбут ба ҳодиса боз ҳам мушкил гардад [33, с. 831]. Маҷмуи ҳолатҳои зикршуда аз муфаттиш саъю кӯшиши зиёди ҷисмонӣ, равонӣ-эмотсионалӣ ва зеҳниро талаб намуда, ба устувории касбӣ, малакаҳои ташкилию идоракунӣ ва қобилияти қабули қарорҳои фаврӣ дар шароити номуайянӣ талаботи баланд мегузорад.

Ин мушкилиҳо зарурати сатҳи баланди омодагии касбии муфаттишро ба миён меоранд, ки қобилияти зуд мутобиқ шудан ба вазъияти тағйирёбандаи динамикӣ, аз нав тақсим намудани қувва ва воситаҳо, инчунин ислоҳ кардани қарорҳои ибтидоии тактикӣ вобаста ба

ворид шудани иттилооти навро дар бар мегирад. Дар чунин шароит қобилияти муфаттиш ба устувории равонӣ, ҳушёрӣ ва нигоҳ доштани сатҳи оптималии қобилияти корӣ дар шароити сарбории баланди равонӣ-эмотсионалӣ аҳаммияти махсус касб менамояд.

Илова бар ин, зарурати таъмин намудани ҳамоҳангии амали ҳамаи иштирокчиёни азназаргузаронӣ низ мушкилоти иловагӣ ба вуҷуд меорад. Нопурррагӣ ё дер расонидани иттилоот байни аъзои гурӯҳи тафтишотию оперативӣ метавонад боиси вайрон шудани моҳияти азназаргузаронӣ, пурра ошкор нашудани изҳо ё аз даст рафтани онҳо гардад. Аз ин рӯ, унсури муҳимми омодагӣ муайян намудани алгоритми дақиқи ҳамкории мутақобил, танзими уҳдадориҳои ҳар як иштирокчӣ ва ислоҳи саривақтии ин вазифаҳо вобаста ба тағйирёбии шароит ба ҳисоб меравад.

Ҳамчунин бояд ба назар гирифт, ки ҳолатҳои ногаҳонӣ бавуҷудоянда, масалан, боғубории ҳаво, ҳузури шахсони бегона, зарурати ҷалби мутахассисони иловагӣ метавонанд аз муфаттиш қабули фаврии қарорҳои ғайристандартӣ, вале аз лиҳози илмӣ асосноки тактикиро талаб намоянд [160, с. 124-136]. Ин ҳолатҳо зарурати равиши чандирро дар ташкили азназаргузаронӣ ба вуҷуд меоранд, ки дар он танзими қатъии меъёрҳои қонунгузории мурофиавӣ бо имконияти мутобиқ шудан ба вазъияти воқеӣ ҳамоҳанг карда мешавад.

Дар марҳилаи омодагӣ то баромадан ба ҷои ҳодиса муфаттиш бояд иттилооти ибтидоиро оид ба ҳодиса то ҳадди имкон пурра ҷамъоварӣ намояд. Аз ҷумла, зарур аст муайян карда шавад, ки кӣ ва бо кадом тарз дар бораи ҳодиса хабар додааст, он кай ва дар куҷо рух додааст, хусусият ва ҳолатҳои он чӣ гунаанд. «Бояд мавҷудияти шоҳидон, ҷабрдидагон ва кӯмаки тиббии ба онҳо расонидашуда муайян карда шавад, инчунин тадбирҳои андешидашуда барои бартараф намудани оқибатҳои ҳодиса, иҷрокунандагони онҳо ва самаранокии ин амалҳо ошкор гарданд» [33, с. 831]. Муайян намудани далели ташкили ҳифзи ҷои

ҳодиса ва татбиқи чораҳо ҷиҳати ҳифзи изҳо ва дигар далелҳои шайъӣ низ аҳаммияти махсус доранд.

Дар асоси маълумоти ҷамъоваришуда оид ба хусусияти ҳодиса ва иттилооти ибтидоӣ дар бораи ҷои ҳодиса муфаттиш ҳайати иштирокчиёни азназаргузарониро тартиб медиҳад. Ҳайати оптималии гурӯҳ талаботи калидӣ ба ҳисоб рафта, ҳамкории самараноки иштирокчиён, тартибнокии амалҳо ва пуррагии чорабиниҳои таҳқиқотиро таъмин менамояд. Чунин равиш имкон медиҳад, ки муҳити моддии ҳодиса ҳамаҷониба омӯхта шуда, изҳо ва далелҳо бо сифати баланд ошкор ва сабт карда шаванд, ҳамзамон эҳтимолияти аз даст рафтани иттилоот ва вайрон гардидани пайдарпайии мурофиавии амалҳо ба ҳадди ақал расонида шавад.

Пас аз расидан ба ҷои ҳодиса муфаттиш санҷиши боэътимодии иттилооти мавҷуда оид ба ҳодисаро анҷом дода, иҷрои супоришҳои худро назорат менамояд. Дар навбати аввал пурсиши кӯтоҳи шоҳидон, ҷабрдидагон ва дигар шахсони дар ҷои ҳодиса ҳузурдошта бо мақсади дақиқ намудани ҷанбаҳои зерин гузаронида мешавад: «вақт, ҷой ва хусусияти он; расонида шудани кӯмаки зарурии тиббӣ ба ҷабрдида; риоя гардидани чораҳои муҳофизати ҷои ҳодиса ва дур кардани шахсони бегона; таъмин будани ҳифзи изҳо ва дигар далелҳои шайъӣ» [165, с. 230].

«Тибқи қоидаи умумӣ, гузаронидани дастурдиҳӣ ба иштирокчиёни азназаргузаронӣ аз ҷониби муфаттиш анҷом дода мешавад, ки ӯ ҳамаи иштирокчиёнро бо мақсадҳо, вазифаҳо, тартиби амал, чораҳои бехатарӣ ва талаботи мурофиавӣ шинос менамояд» [165, с. 230]. Дастурдиҳӣ ҳамоҳангии амалҳо, тақсимоти дақиқи уҳдадориҳо ва коҳиш додани хавфҳоро барои иштирокчиёни амали тафтишӣ таъмин менамояд.

Дар баъзе ҳолатҳо барои гузаронидани дастурдиҳӣ метавон мутахассиси соҳаи дахлдорро ҷалб намуд. Масалан, ин метавонад мутахассиси корҳои тарканда, мутахассис-криминалист ё эксперти судӣ-тиббӣ бошад, ки иштирокчиёнро оид ба хусусиятҳои кор бо объектҳои

хатарнок, нозукиҳои сабти изҳо ё қоидаҳои муносибат бо далелҳои шайъӣ огоҳ месозанд.

«Ҷалби мутахассисон ба гузаронидани инструктаж сатҳи амният ва самаранокии корро ба таври назаррас баланд мебардорад, хусусан дар ҳолатҳои мураккаб, ки бо мавҷудияти дастгоҳҳои тарканда, моддаҳои хатарноки кимиёвӣ ё объектҳои калонҳаҷме алоқаманд мебошанд, ки муносибати махсусро талаб мекунанд» [137, с. 57-58].

Ҳангоми гузаронидани дастурдиҳӣ муфаттиш бояд диққати иштирокчиёни азназаргузарониро ба як қатор ҷанбаҳои калидӣ равона намояд, ки ҳам амният ва ҳам самаранокии фаъолияти дарпешистодаро муайян мекунанд. Пеш аз ҳама, мақсадҳои гузаронидани азназаргузаронии ҷои ҳодиса шарҳ дода мешаванд, аз ҷумла ошкор кардан, сабт намудан ва гирифтани изҳои ҷиноят, муайян намудани механизми ҳодиса ва ба даст овардани иттилооти ибтидоӣ барои амалҳои минбаъдаи тафтишӣ.

Муфаттиш бояд амалҳое, ки ҳар як иштирокчӣ уҳдадор аст фавран пас аз расидан ба ҷои ҳодиса иҷро намояд, ба таври муфассал муайян созад. Ба инҳо дохил мешаванд: санҷиши вазъият аз лиҳози мавҷудияти хатар ба амният, арзёбии ҳузури шахсони бегона, ошкорсозии пешакии изҳои эҳтимолии ҷиноят ва риояи масирҳои муқарраршудаи ҳаракат [45, с. 118].

Дар ҷараёни дастурдиҳӣ муфаттиш ҳамчунин объектҳои ошкор ва гирифташавандаро номбар мекунад: аз пораҳои дастгоҳи тарканда ва изҳои фаъолшавии он оғоз намуда, то маводи биологӣ, трасологӣ ва дигар объектҳое, ки барои муайян намудани ҳолатҳои ҷиноят аҳаммият доранд. Фаҳмиши равшани номгӯйи объектҳои афзалиятнок аз ҷониби иштирокчиён ба мақсаднокии амалҳо мусоидат намуда, эҳтимолияти аз даст рафтани иттилооти муҳимми далелиро коҳиш медиҳад.

На чандон муҳим муайян намудани амалҳое мебошад, ки анҷом додани онҳо қатъиян манъ аст. «Ҳар гуна амалҳои беандеша ё

номувофиқ метавонанд ба оқибатҳои вазнин, аз ҷумла таркиши дастгоҳи дуюм, нобуд гардидани иттилооти изӣ ё расонидани зарар ба иштирокчиёни азназаргузаронӣ оварда расонанд» [157, с. 171-173; 134, с. 96-98].

Илова бар ин, муфаттиш мутобиқати ҳайати гурӯҳи иштирокчиёни азназаргузарониро бо вазъияти воқеан ташаккулёфта дар ҷои ҳодиса аз нав шинос менамояд. Ин марҳила имкон медиҳад, ки сохтори ташкилии гурӯҳ ислоҳ гардида, тақсимоти уҳдадориҳо дақиқ карда шавад ва барои таҳқиқоти ҳамаҷониба ва босифати муҳити моддӣ шароити мувофиқ фароҳам оварда шавад.

Азназаргузаронии ҷои ҳодиса ҳангоми тафтиши ҷиноятҳо аксар вақт ҷалби мутахассисонро талаб мекунад, ки ин ба хусусияти амалҳои тафтишӣ, хусусияти объектҳои гирифташаванда, инчунин ба зарурати риояи қатъии қоидаҳои бехатарӣ вобаста мебошад. «Иштироки мутахассисон на танҳо самаранокии ошкор ва сабти изҳоро баланд мебардорад, балки истифодаи дурусти воситаҳои техникӣ, кам кардани хатари аз даст рафтани маводи далелӣ ва риояи талаботи қонунгузории амалкунандаро низ таъмин менамояд» [129, с. 78-83]. Иштироки мутахассис дар раванди азназаргузаронии ҷои ҳодиса яке аз шартҳои муҳимми таъмини сифат ва самаранокии тафтишоти ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. «Мутахассис шахсе мебошад, ки дорои донишҳои махсуси илмӣ, техникӣ ё амалӣ буда, бо даъвати муфаттиш барои кӯмак дар ошкор, сабт, ҷамъоварӣ ва нигоҳдории далелҳо ҷалб карда мешавад» [129, с. 78-83]. Мутахассис ҳангоми азназаргузаронии ҷои ҳодиса вазифаҳои зеринро иҷро мекунад:

- кумак дар ошкор ва муайян намудани изҳо ва дигар ашёи дорои аҳаммияти далелӣ;
- истифодаи воситаҳои техникию криминалистӣ (аксбардорӣ, наворгирӣ, ченкунӣ ва ғайра);

• маслиҳат додан ба муфаттиш оид ба тарзи дурусти гирифтани намунаҳо;

• таъмини нигоҳдории дурусти далелҳо барои пешгирӣ аз вайроншавӣ ё аз даст рафтани онҳо;

• шарҳ додани масъалаҳои махсус, ки ба соҳаи донишҳои ӯ тааллуқ доранд.

«Иштироки мутахассис дар азназаргузаронии ҷои ҳодиса ҷузъи муҳимми фаъолияти тафтишотӣ буда, барои таъмини объективият, комилӣ ва боэътимодии далелҳои ҷамъовардашуда нақши калидӣ мебозад» [129, с. 78-83]. Бе истифодаи донишҳои махсус, дар бисёр ҳолатҳо муайян ва таҳқиқ намудани изҳо ва дигар маводи далелӣ ғайриимкон ё душвор мегардад.

Аҳаммияти махсус фарқгузории азназаргузаронӣ вобаста ба навъи ҷои ҳодиса дорад, зеро он мустақиман ба интихоби тактика ва тартиби мурофиавии гузаронидани онҳо таъсир мерасонад. Аз ҷумла, азназаргузаронии манзил, биноҳои истеҳсолӣ ва хизматӣ, қитъаҳои кушоди маҳал ва воситаҳои нақлиёт фарқ карда мешаванд. Ҳар як навъи азназаргузаронӣ алгоритми хоси амалҳо, интихоби воситаҳои техникӣ ва хусусиятҳои ҳамкории муфаттиш бо иштирокчиёнро талаб менамояд.

Масалан «Дар ҷараёни гузаронидани азназаргузаронии ҷои ҳодиса муайян карда шуд, ки объекти азназаргузаронӣ маркази дилхушии «Т» мебошад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи 0000, хонаи 000 воқеъ гардидааст.

Муайян карда шуд, ки объекти мазкур дар канори рости роҳи мошингарди самти Душанбе – Ваҳдат ҷойгир буда, роҳ бо қабати асфалт пӯшонида шуда, ҳаракат дар он дуҷониба ба роҳ монда шудааст. Аз ду тарафи роҳ ҷӯйборҳои бетонӣ ва дарахтони сабз ҷойгир мебошанд. Дар рӯ ба рӯйи ҷои ҳодиса нуқтаҳои хизматрасонии «Х» шаҳри Душанбе воқеъ гардидаанд. Аз қисмати поёнии ҷои ҳодиса нуқтаи фурӯши

сӯзишворӣ ва аз қисмати болоии он биноҳои баландошёнаи истиқоматӣ ҷойгир мебошанд.

Ҳангоми ворид шудан ба маркази дилхушии «Т» муайян карда шуд, ки бинои мазкур яққабата буда, андозаи тахминии он 20х12 метрро ташкил медиҳад. Дар тарафи чапи даромадгоҳ нуқтаи фурӯши нӯшокиҳои спиртӣ ва хизматрасонӣ ҷойгир буда, дар ду тарафи толор мизу курсӣ барои нишаст пешбинӣ шудааст. Дар қисми болоии саҳна ҷой барои ҷойгир намудани таҷҳизоти мусиқӣ муқаррар гардидааст. Дар дохили толор сутунҳои бетонӣ мушоҳида карда мешаванд. Инчунин, дар тарафи чапи дохили бино мизу курсӣ барои нишасти ҷудогона мавҷуд мебошад.

Зимни азназаргузаронӣ ҳолати умумии бино, ҷойгиршавии ашё ва муҳити атроф бо риояи талаботи мурофиавӣ ба қайд гирифта шуд. Дар раванди азназаргузаронии ҷои ҳодиса ягон ашё ё изи дорои аҳаммияти далелӣ муайян ва дарёфт карда нашуд».

«Фарқгузории азназаргузаронӣ вобаста ба навъи ҷои ҳодиса дорои аҳаммияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ мебошад» [129, с. 78-83]. Ин раванд ба тарзи ташкили амалҳои тафтишотӣ, интихоби усулҳои тактикӣ, тартиби мурофиавӣ, доираи иштирокчиён ва истифодаи воситаҳои техникӣ таъсири мустақим мерасонад.

Объекти баррасишуда ҳамчун бинои хизматрасонии ҷамъиятӣ бо хусусиятҳои хоси худ тавсиф мешавад: дастрасии васеи шаҳрвандон, эҳтимоли тағйирёбии вазъият то оғози азназаргузаронӣ, мавҷудияти таҷҳизоти гуногун ва зарурати муайян намудани доираи шахсони дар ҷои ҳодиса ҳузурдошта. Чунин омилҳо тақозо менамоянд, ки тадбирҳои тактикӣ ба ҳифзи изҳо, маҳдуд намудани дастрасии шахсони бегона ва истифодаи васоити техникии сабт равона гарданд. Аз ин лиҳоз, таҳияи тавсияҳои методӣ бо дарназардошти типологияи ҷои ҳодиса ҷиҳати такмили фаъолияти тафтишотӣ ва баланд бардоштани самаранокии исботкунии мурофиавӣ аҳаммияти муҳим дорад.

«Фарқгузорӣ аз рӯйи навъи ҷои ҳодиса имкон медиҳад, ки чунин омилҳо, аз қабили дараҷаи дастрасии объектҳо, зарурати таъмини амнияти иштирокчиён, мураккабии сабт ва ҳифзи изҳо, инчунин ҳаҷм ва хусусияти таҳқиқоти илмӣ-техникии зарурӣ ба назар гирифта шаванд» [89, с. 78]. Ин фарқгузорӣ ҳангоми банақшагирӣ ва ташкили азназаргузаронӣ аҳаммияти бунёдӣ дошта, низомнокӣ ва пуррагии чорабиниҳои таҳқиқотиро таъмин менамояд.

Дар як қатор манбаъҳои таълимӣ таъкид мегардад, ки азназаргузаронии ҷои ҳодиса метавонад на танҳо хусусияти таҳқиқотӣ, балки хусусияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ низ дошта бошад. «Дар баъзе таҳқиқотҳо зикр мешавад, ки он метавонад барои пешгирии ҷинояти дар ҳоли содиршавӣ қарордошта ё барои ошкор намудани ҷинояткорони пинҳоншуда зарур гардад» [89, с. 78]. Ин ҳолат зарурати ҳамоҳанг сохтани усулҳои тафтишотӣ ва оперативиро дар ҷои ҳодиса ба миён оварда, аз муфаттиш сатҳи баланди чандирии оперативӣ ва қобилияти қабули қарор дар шароити маҳдудияти вақт ва нопуррагии иттилоотро талаб менамояд.

Дар ин замина ташкили дурусти азназаргузаронӣ аҳаммияти махсус касб менамояд: тақсимоти дақиқи нақшҳо байни иштирокчиёни гурӯҳ, таъмини амнияти шахсони ҳузурдошта, инчунин истифодаи усулҳои тактикӣ имкон медиҳанд, ки хатари содиршавии ҷиноятҳои нав ба ҳадди ақал расонида шуда, далелҳо ҳифз гарданд.

Ба ин тартиб, азназаргузаронии ҷои ҳодиса на ҳамеша танҳо як амалиёти таҳқиқотӣ ба ҳисоб меравад, балки дар як қатор ҳолатҳо он вазифаҳои пешгирикунандаро низ иҷро менамояд ва ин ҳолат бояд ҳангоми банақшагирӣ ва гузаронидани ин амали тафтишӣ ба назар гирифта шавад [181, с. 420].

Истифодаи мақсадҳои қаблан зикршудаи азназаргузаронӣ: пешгирии ҷиноят ё ошкор намудани ҷинояткорони пинҳоншуда барои ҳамаи амалҳои тафтишӣ хос набуда, одатан хусусияти истисноӣ дорад.

Бо вуҷуди ин, чунин ҳолатҳо метавонанд, аз ҷумла, ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои марбут ба истифодаи маводи тарканда ва дастгоҳҳои тарканда ба миён оянд. Масалан, агар то лаҳзаи расидани гурӯҳи тафтишию оперативӣ гузоштани дастгоҳи тарканда идома дошта бошад ва таркиши он ҳанӯз рух надода бошад, амалҳои муфаттиш метавонанд бевосита ба пешгирии ҷиноят мусоидат намоянд, ки дар манбаъҳои илмӣ низ зикр гардидааст.

Ҳангоми омодагӣ ба азназаргузаронии ҷои ҳодиса зарур аст имконияти воридшавии зуд ва бемонеа ба объект бо риояи қатъии чораҳои бехатарӣ ба назар гирифта шавад. Ҳар гуна таъхир метавонад боиси нобуд гардидани изҳои фаъолияти ҷиноятӣ гардад, дар ҳоле ки шитобкории аз ҳад зиёд барои ҳаёт ва саломатии иштирокчиёни амали тафтишӣ хатар эҷод менамояд. Барои ҳалли ин вазифа, дар ҳолати зарурӣ, воҳидҳои махсусгардонидашуда ҷалб карда мешаванд, ки дорои малака ва таҷҳизоти дахлдор мебошанд.

Иштироки онҳо, инчунин ҳангоми тафтиши ҷиноятҳое мувофиқ мебошад, ки аз ҷониби гурӯҳи шахсон содир шудаанд ва эҳтимоли муқовимати фаъол аз тарафи иштирокчиёни дар ҷои ҳодиса ҳузурдошта вуҷуд дорад [177]. Чунин ҳолат нисбатан зиёд ба мушоҳида мерасад: ҳатто агар дар ҷои таркиш на ташкилкунандагони гурӯҳи ҷиноятӣ, балки танҳо иҷрокунандагони мустақим ҳузур дошта бошанд ҳам, онҳо метавонанд иттилооти пурра дар бораи фаъолияти тамоми гурӯҳро надошта бошанд, вале ҳамзамон барои муқовимати фаъол ба амалҳои тафтишӣ тадбирҳо андешанд.

Банақшагирии пешакӣ ва ҷалби воҳидҳои махсусгардонидашуда имкон медиҳад ин хавфҳо коҳиш дода шуда, амнияти иштирокчиёни азназаргузаронӣ таъмин ва ягонагии заминаи далелӣ ҳифз карда шавад [135, с. 34-38].

Дар марҳилаи омодагӣ ба азназаргузаронии ҷои ҳодиса бояд мавҷудияти ҳамаи воситаҳои зарурии техникӣ ва нақлиётӣ таъмин карда

шавад. Пеш аз ҳама, сухан дар бораи воситаҳои стандартии сабт меравад: техникаи аксбардорӣ ва наворбардорӣ, асбобҳои ченкунӣ, воситаҳои равшанидиҳӣ, инчунин дигар дастгоҳҳои техникаи криминалистӣ, ки истифодаи онҳо ҳангоми азназаргузаронӣ ва гирифтани изҳо ва далелҳо тавсия дода мешавад.

«Илова бар таҷҳизоти стандартӣ, дар ҷои ҳодиса воситаҳои махсуси техникӣ заруранд, ки барои кор бо маводи тарканда ва дастгоҳҳои тарканда пешбинӣ шудаанд: тестҳои фаврии махсус, ки имкон медиҳанд мавҷудияти маҳсулоти таркиш дар ашё ва сатҳҳои гуногун муайян карда шавад» [7, с. 373].

Истифодаи маҷмуии ин воситаҳо барои мусоидат намудани омилҳои зерин равона карда шудаанд: ошкор ва сабти самараноки изҳои дастгоҳҳои тарканда; ҳифзи далелҳои шайъӣ; коҳиш додани хатарҳо барои иштирокчиёни амали тафтишӣ; баланд бардоштани дақиқии таҳлили минбаъдаи криминалистӣ ва барқарорсозии ҷараёни ҳодисаро таъмин менамояд [119, с. 138-140].

Дар ҳамаи ҳолатҳо истифодаи сагҳои махсус омӯзонидашуда, ки дорои малакаҳои ошкор намудани маводи тарканда ва дигар объектҳои хатарнок мебошанд, мувофиқи мақсад аст. Бояд қайд намуд, ки масъалаҳои интихоб ва истифодаи воситаҳои техникӣ ҳангоми азназаргузаронии ҷои ҳодиса дар боби алоҳида баррасӣ мегарданд, бинобар ин дар ин ҷо ба онҳо муфассал таваққуф карда намешавад.

Ҳангоми омодасозии воситаҳои нақлиётӣ зарур аст таъиноти дугонаи онҳо ба назар гирифта шавад. Онҳо на танҳо барои интиқоли гурӯҳи тафтишотию оперативӣ ба ҷои ҳодиса хизмат мекунанд, балки ҳамчунин барои баровардан ва интиқоли маводи гирифташуда истифода мешаванд. Дар як қатор ҳолатҳо барои интиқоли объектҳои алоҳида метавонад нақлиёти махсус ва контейнерҳои махсусгардонидашуда талаб карда шаванд, ки барои ҷойивазнамоии бехатари объектҳои хатарнок ё калонҳаҷм пешбинӣ шудаанд.

Маълумот дар бораи зарурати чунин нақлиёт ва контейнерҳо метавонад аз ҷониби муфаттиш пешакӣ ба даст оварда шавад ва манбаи ин иттилоот аҳаммияти принсипиалӣ надорад [40, с. 400]. Ин маълумот метавонад аз маълумоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, иттилооти воридшуда аз аризаҳои соҳибони он, баёноти шоҳидон ё иштирокчиёни ҳодисаҳо, инчунин аз натиҷаҳои машварат бо мутахассисон иборат бошад. Аз нуқтаи назари омодагӣ, интихоби вақти гузаронидани азназаргузаронӣ дар ҳолати мавриди баррасӣ хусусияти факултативӣ дорад, зеро азназаргузаронӣ амали тафтишии таъхирнопазир ба ҳисоб рафта, фавран пас аз он анҷом дода мешавад, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар бораи факти содир шудани ҷиноят иттилоот мегиранд.

«Дар ҳолатҳои ҷалби коршиноси судӣ-тиббӣ машварати ӯ метавонад барои муайян намудани хусусияти объектҳои гирифташаванда, инчунин барои банақшагирии дурусти амалҳои минбаъда оид ба таҳқиқ ва сабти онҳо аҳаммияти муҳим дошта бошад» [9, с. 205].

Ҳамзамон, ҳангоми муайян намудани вақти гузаронидани азназаргузаронӣ бояд омилҳои зерин ба назар гирифта шаванд:

– ҳаҷми корҳои эҳтимолӣ, ки барои азназаргузаронӣ, сабт, гирифтани изҳо ва далелҳои шайъӣ вақти муайянро талаб мекунанд;

– ҳузури соҳибон ё соҳибмулкони қонунии манзил дар ҷои ҳодиса, ки барои таъмини қонунӣ будани гузаронидани амали тафтишӣ ва риояи талаботи мурофиавӣ аҳаммияти муҳим дорад;

– ҳолати умумии ҷои ҳодиса, аз ҷумла равшанӣ ва дигар шароитҳое, ки ба пуррагии сабт ва амнияти иштирокчиён таъсир мерасонанд.

Ҳамгироии ин шартҳо соатҳои субҳро барои гузаронидани азназаргузаронӣ мувофиқтар мегардонад, зеро маҳз дар ин вақт ҳамоҳангии мувофиқи амалҳо таъмин шуда, расмиёти мурофиавӣ риоя мегарданд ва барои иҷрои бехатару самараноки амали тафтишӣ шароити мусоид фароҳам меояд.

Интихоби усули гузаронидани азназаргузаронӣ унсури муҳимми марҳилаи омодагӣ буда, тактикаи умумии ҳаракати гурӯҳи тафтишотию оперативиро дар ҷои ҳодиса муайян менамояд. «Се усули асосии азназаргузаронӣ ҷудо карда мешаванд: марказонидашуда, ғайримарказонидашуда ва фронталӣ. Ҷои ҳодиса метавонад ҳам бино ва ҳам ҳудуди кушод бошад» [137, с. 57-58].

Бо ин сабаб, дар амал бештар усули марказонидашуда (экссентрикӣ) истифода мешавад, ки дар он ҳаракати иштирокчиёни азназаргузаронӣ аз марказ ба самти канораҳо сурат мегирад. Ин усул имкон медиҳад объектҳои дар атрофи марказ ҷойгиршударо ба таври низомнок сабт намояд, самти парокандашавии унсурҳои осебрасон ва пораҳои дастгоҳи таркандаро пайгирӣ кунад, инчунин тасаввурот оид ба қувваи таркиш ва механизми онро ташаккул диҳад.

Ошкор ва гирифтани объектҳои биологӣ, аз ҷумла изҳои хун ва бофтаҳои ҷабрдидагон, инчунин изҳои хоси ҷароҳатҳои тарканда дар ашё ва сатҳҳо низ аҳаммияти муҳим доранд Ин объектҳо барои муайян намудани ҳолатҳои ҳодиса, арзёбии хусусияти таркиш ва механизми расонидани ҷароҳатҳо, ҳамчунин барои таҳлили минбаъдаи судӣ-тиббӣ ва криминалистӣ аҳаммияти калидӣ доранд [141, с. 43-45].

«Ба ин тартиб, наздикшавӣ ба ҷои ҳодиса талаб мекунад, ки эҳтиёткории тактикӣ, риояи қатъии чораҳои бехатарӣ ва равиши низомнок нисбат ба ошкор ва сабти объектҳои махсус бо ҳам муттаҳид карда шаванд, ки ин пуррагӣ ва боэътимодии амалҳои тафтиширо таъмин менамояд» [133, с. 56-66].

Муфаттиш бояд саъй намояд, ки азназаргузаронии муфассал анҷом дода шавад. Анҷом додани ин амалҳо дар доираи азназаргузаронии иловагӣ ё пас аз интиқоли объектҳо ба ҷои хизмат номуносиб дониста мешавад, зеро он:

– боиси сарфи беасоси қувва ва воситаҳое мегардад, ки барои азназаргузаронии такрорӣ заруранд;

– имкониятҳои таъини таҳқиқоти зарурии экспертизавиро маҳдуд месозад, зеро амалҳои вобаста ба азназаргузаронии объектҳо анҷомёфта ҳисобида намешаванд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки риоя накардани ин талабот муайян намудани шахсони ба ҷиноят дахлдоштаро ба таври ҷиддӣ мушкил мегардонад ва самаранокии чорабиниҳои минбаъдаи тафтишӣ ва экспертизавиро коҳиш медиҳад. Аз ин рӯ, ташкили қатъии тартиби сабт ва ҳифзи изҳо дар ҷои ҳодиса унсури ҷудонашавандаи тафтиши босифат ба ҳисоб меравад.

«Омодагӣ ва гузаронидани азназаргузаронии ҷои ҳодиса раванди бисёрмарҳилавие мебошад, ки дар он ҷанбаҳои ташкилӣ, тактикӣ ва криминалистӣ бо ҳам зич алоқамананд» [133, с. 56-66]. Танҳо иҷрои маҷмуӣ ва низомноки ҳамаи талабот имкон медиҳад пуррагии сабти изҳо, ҳифзи заминаи далелӣ, амнияти иштирокчиёни амали тафтишӣ ва самаранокии тафтиши ҷиноятҳои марбут ба истифодаи маводи тарканда таъмин карда шаванд.

1. Мавқее асоснок карда мешавад, ки тибқи он натиҷабахшии азназаргузаронии ҷои ҳодиса ҳангоми тафтиши ҷиноятҳо ба таври назаррас аз сифати марҳилаи омодагӣ вобаста мебошад. Ин марҳила ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилооти ибтидоӣ, банақшагирии тактикаи азназаргузаронӣ ва ташкили ҳайати мувофиқи гурӯҳи тафтишотию оперативиро дар бар мегирад.

2. Мақсаднок будани истифодаи алгоритми сохторёфтаи омодагӣ ба азназаргузаронии ҷои ҳодиса исбот мегардад, ки навъи ҷои ҳодиса, хусусияти таҳдидҳо ва хусусияти объектҳои гирифташавандаро ба ҳисоб мегирад. Ин равиш ба баланд бардоштани пуррагии ошкор ва сабти иттилооти изӣ ва коҳиш додани эҳтимолияти иштибоҳҳои тактикӣ мусоидат менамояд.

3. Хулосае асоснок карда мешавад, ки ҷалби барвақти мутахассисон (мутахассисони корҳои тарканда, криминалистҳо, кинологҳо, экспертҳои

судӣ-тиббӣ) ва истифодаи воситаҳои муосири илмӣ-техникӣ ҳанӯз дар марҳилаи омодагӣ шарти муҳимми таъмини амнияти иштирокчиёни амали тафтишӣ ва баланд бардоштани аҳаммияти далелии натиҷаҳои бадастомада мебошад.

4. Мавқее иброз мегардад, ки тибқи он танзими дақиқи ҳамкории иштирокчиёни гурӯҳи тафтишотию оперативӣ ва гузаронидани дастурдиҳии ҳадафманд дар марҳилаи омодагӣ ба риояи талаботи мурофиавӣ, ҳифзи изҳо ва баланд бардоштани самаранокии тафтиши минбаъда мусоидат мекунад.

5. Асоснок карда мешавад, ки мувофиқи он сатҳи омодагии касбии муфаттиш, аз ҷумла қобилияти ӯ барои қабули фаврии қарорҳо дар шароити норасоии вақт ва хатари баланд, омили муҳимме мебошад, ки ба сифати ташкилию гузаронидани азназаргузаронии ҷои ҳодиса таъсири ҷиддӣ мерасонад.

### 3.2. Тактикаи давраи таҳлилии азназаргузаронии ҷои ҳодиса

Тактикаи азназаргузаронӣ, новобаста аз хусусияти объектҳои таҳқиқшаванда, риояи ҳатмии як қатор қоидаҳои умумии ибтидоиро пешбинӣ менамояд. Муқаррароти зикршуда бо ҳамдигар дар робитаи зич қарор дошта, барои ҳамаи тавсияҳои методие, ки ба азназаргузаронии предметҳо марбутанд, аҳаммияти умумӣ доранд.

Азназаргузаронии ҷои ҳодиса, ба мисли ҳар як амали дигари тафтишӣ, бояд бо риояи қатъии принсипи қонуният сурат гирад. Чуноне ки П.П.Светков қайд менамояд, қонуният дар амалияи криминалистӣ дар иҷрои бечунучарои қонунгузории амалкунанда ва санадҳои меъёрии ба он асосёфта аз ҷониби ҳамаи шахсони масъул ҳангоми истифодаи воситаҳои техникӣ, татбиқи усулҳои тактикӣ ва методӣ дар ҷараёни тафтиши ҷиноятҳо, инчунин ҳангоми таҳқиқи далелҳо дар баррасии судӣ ифода меёбад. Бо вуҷуди ин, қонунгузорӣ танҳо қоидаҳои умумии

гузаронидани азназаргузарониии ҷои ҳодисаро муқаррар намуда, танзими муфассали тавсияҳои методӣ оид ба тартиби анҷом додани онро дар бар намегирад. Аммо ҳар гуна тавсияҳои криминалистӣ аз лиҳози муҳтаво ва таъиноти мақсаднокии худ набояд бо талаботи қонун мухолифат дошта бошанд.

Вазифаи асосии азназаргузарониии ҷои ҳодисаро ошкор намудан ва сабт кардани далелҳои мушоҳидашаванда ба андозае мебошад, ки пуррагии кофии онҳоро таъмин намояд. Ба даст овардани ин ҳадаф танҳо дар шароити гузаронидани таҳлили ҳамаҷониба ва холисона имконпазир аст.

Талаби пуррагии азназаргузаронӣ маънои сабти механикӣ ё ғайрифаъоли ҳамаи аломатҳо ва ҳолатҳои даркшавандаро надорад. Ҳар як объекти олами моддӣ бо маҷмуи зиёди хусусиятҳо ва таркибҳои гуногуни онҳо тавсиф меёбад, ки ин ба таври объективӣ имконияти сабти комил ва фарогири онҳоро истисно менамояд. Дар ҷараёни азназаргузаронӣ аз муфаттиш қобилияти ошкор ва интихоб намудани он хусусиятҳое талаб карда мешавад, ки аҳаммияти ҳуқуқӣ доранд, инчунин муайян намудани аломатҳои моддие, ки метавонанд барои парвандаи ҷиноятӣ аҳаммият пайдо намоянд. Дар асл, ҳангоми азназаргузарониии ҷои ҳодиса дар назди муфаттиш вазифаи ҷудо намудани ҳар чи бештари маълумоти дорои арзиши далелӣ аз маҷмуи умумии иттилооти даркшаванда меистад.

Ҳамаҷониба будани азназаргузаронӣ дар он ифода меёбад, ки дар раванди ошкор намудани ҳолатҳои муҳимму аҳаммиятнок ҳамаи вариантҳои эҳтимолии рушди ҳодиса ба назар гирифта шаванд. Ин равиш имкон медиҳад, ки дар асоси он самтҳои минбаъдаи ошкор ва таҳқиқи далелҳои дорои аҳаммияти исботӣ муайян карда шаванд.

Талаби ба таври холисона газаронидани азназаргузарониии ҷои ҳодиса, муфаттишро уҳдадор месозад, ки маълумотро мутобиқ ба воқеият муайян ва сабт намояд. Дар ҷараёни омӯзиши предмет, ба мисли

раванди тафтиш дар маҷмуъ, интихоби ғаразноки далелҳо бо тамоюли айбдоркунӣ ё сафедкунӣ қобили қабул нест. Ҳамаи маълумоти воқеии тавассути азназаргузаронӣ муайяншуда, ки аҳаммияти ҳуқуқӣ доранд, бояд дар протоколи ин амали тафтишӣ ба таври холисона инъикос гарданд [148, с. 43-52].

Дар илми криминалистика ба таври анъанавӣ ду усули азназаргузаронӣ ҷудо карда мешаванд: усули субъективӣ, ки дар он раванди мушоҳида ба фарзияи пешакӣ пешниҳодшуда оид ба механизми ҳодисаи рухдода вобаста мебошад ва усули объективӣ, ки таҳқиқи пайдарпайи объектҳоро мутобиқ ба ҷойгиршавии воқеии онҳо пешбинӣ менамояд. Бо вуҷуди ин, чунин фарқгузорӣ аз лиҳози истилоҳӣ на ҳамеша дақиқ ба назар мерасад. Ҳар гуна азназаргузарониии ҷои ҳодиса ногузир унсури дарки субъективиро дар бар мегирад, ки он бо фаъолияти маърифатии муфаттиш вобаста аст. Ҳамзамон, тактикаи таҳқиқоти тафтишии объектҳо бояд ба тавре таҳия гардад, ки ҷузъи субъективии раванди маърифат ба ошкорсозии ҳарчи пурра, ҳамаҷониба ва холисонаи ҳолатҳои воқеӣ равона карда шавад. Дар ин замина, талаби дар қонун мустаҳкамгардида оид ба таҳқиқи ҳамаҷониба, пурра ва холисонаи ҳолатҳои парванда, бояд ҳамчун принсипи асосии тактикаи гузаронидани ҳар гуна навъи азназаргузаронии тафтишӣ баррасӣ карда шавад.

«Дар мавриди усулҳо, низомҳо ва тарзҳои мушаххаси анҷом додани мушоҳида дар ҷараёни азназаргузаронӣ бошад, таснифи онҳо ба субъективӣ ва объективӣ ба эҳтимоли зиёд зарурати амалӣ ё асоснокии методӣ надорад» [109, с. 107-113].

Барои ба даст овардани натиҷаҳои самаранок ҳангоми азназаргузарониии ҷои ҳодиса сари вақт гузаронидани он аҳаммияти муҳим дорад. Дар як қатор ҳолатҳо азназаргузаронӣ хусусияти таъхирнопазир дошта, бояд бидуни таъхир анҷом дода шавад, аз ҷумла дар ҳолатҳое, ки ба ихтиёри мақомоти тафтишот предмете ворид

мегарданд, ки олоти содир намудани ҷиноят буда, дар худ изҳои фаъолияти ҷиноятиро нигоҳ доштаанд.

Дар аксари ҳолатҳо азназаргузаронии ҷои ҳодиса ҳамчун амали мустақили тафтишӣ бо мақсади таҳқиқи муфассали объектҳо анҷом дода мешавад. Аммо ин ҳолат ба ҳеҷ ваҷҳ маънои иҷозат додан барои ба таъхир гузоштани азназаргузаронии такрориро ба муҳлати номуайян надорад. Дар ҳама гуна шароит бояд кӯшиш ба харҷ дода шавад, ки азназаргузаронии ҷои ҳодиса, ҳангоми ба миён омадани зарурати он, дар муҳлатҳои ҳар чи кӯтоҳ анҷом дода шавад.

Риоя накардани талаботи зикршуда аксар вақт ба коҳиш ёфтани натиҷабахшии азназаргузаронии ҷои ҳодиса оварда мерасонад, зеро бо мурури замон хусусиятҳо ва аломати предметҳои дар ҷои ҳодиса мавҷудбуда зери таъсири омилҳои беруна тағйир меёбанд, дар ҳоле ки изҳои барои тафтиши парванда аҳаммиятдошта метавонанд арзиши айниятдиҳӣ ва исботнамоии худро аз даст диҳанд.

«Ба шумори омилҳое, ки ба нигоҳдории изҳои нақшҳои папиллярӣ, ки дар амалияи тафтишӣ васеъ истифода мешаванд таъсир мерасонанд, намнокӣ ва ҳарорати муҳити атроф, сатҳи ғуборнокии ҳаво, таъсири шуоъҳои офтоб, инчунин хусусияти ҷаббандагии маводи сатҳе, ки из дар он ҷойгир аст, дохил мешаванд» [109, с. 107-113].

Илова ба изҳои ангуштони даст, бо гузашти вақт дигар изҳо ва хусусиятҳои предмет низ метавонанд ба тағйироти ҷиддӣ дучор гарданд. Аз ҷумла, тағйир ёфтани ранги доғҳои гуногун, вазни баъзе объектҳо ва дигар аломатҳо имконпазир аст. Бо ин сабаб, сари вақт гузаронидани азназаргузаронии ҷои ҳодиса дар ҳама ҳолатҳо ҳамчун яке аз шартҳои зарурии самаранокии он баромад мекунад.

Азназаргузаронии ҷои ҳодиса, ки дар асоси тактикаи аз лиҳози илмӣ асоснок анҷом дода мешавад, маҷмуи амалҳоест, ки ба таври нақшавӣ ва дар пайдарпайии қатъиян муайян иҷро мегарданд. Танҳо низоми бодиққат андешидашудаи амалҳои ба ҳам алоқаманд, ки мутобиқ ба

тартиби муқарраргардида якдигарро пайгирӣ менамоянд, метавонад таҳқиқоти нисбатан пурра ва ҳамаҷонибаи объектҳои азназаргузаришавандаро таъмин намояд.

Дар адабиёти криминалистӣ, ки ба азназаргузаронии ҷои ҳодиса бахшида шудааст, ба ҷудо намудани марҳилаҳои ин амали тафтишӣ диққати ҷиддӣ дода мешавад [48, с. 48; 110, с. 13-13]. Аз ҷумла, марҳилаҳои статикӣ ва динамикӣ, зинаҳои умумии назарӣ ва таҳқиқотӣ, азназаргузаронии пешакӣ ва муфассал, инчунин дигар таснифот фарқ карда мешаванд. Бояд таъкид намуд, ки тақсим кардани азназаргузаронӣ ба марҳилаҳо хусусияти ёрирасон дошта, пеш аз ҳама, барои роҳнамоӣ намудани муфаттиш ба омӯзиши пайдарпай ва низомноки объект пешбинӣ шудааст.

Ҳангоми азназаргузаронии умумӣ муфаттиш ҷойи ҳодисаро дар умум меомӯзад, ба қайд мегирад ва қабул менамояд: вуҷуд доштан ё надоштани объектҳои муайян, ҷойгиршавии мутақобилаи онҳо ва ғайраҳо. Дар ин давра ӯ маълумотро дар бораи оне, ки кадом ҳодиса рӯй додааст ва оқибатҳои ҷиноят чӣ гунаанд аниқ мекунад; сарҳади ҷойи ҳодисаро муқаррар мекунад ва он бояд мавзеи калонтарро дар бар гирад, назар ба он ки дар оғоз аз нигоҳи аввал бояд пайҳои ҷиноят қарор дошта бошанд. Баъд муфаттиш манзараи аввалаи ҳодисаро (аксбардории равонакунанда, хулосавӣ ва умда) таҷассум мекунад; барои тартиб додани нақша ё тарҳ чен мекунад; барои нигоҳ доштани пайҳо ва ашёҳо чораҳо меандешад, хусусан, агар ҳангоми гузаронидани азназаргузаронӣ борон ё барф борида истода бошад. Ҳодисаи ногуворро қайд мекунад; тахминҳоро оид ба ҳодисаи рӯйдода ва шахсоне, ки онро содир кардаанд, пешниҳод мекунад ва месанҷад.

Дар ин давра муфаттиш усули азназаргузаронии ҷойи ҳодисаро интихоб мекунад. Чунин усулҳои асосӣ тавсия дода мешаванд: марказонидашуда ва ғайримарказонидашуда. Ҳангоми азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ин усулҳо метавонанд дар мувофиқатҳои

гуногун гузаронида шаванд. Азназаргузаронии дақиқ имкон медиҳад, то боварӣ ҳосил карда шавад, ки аз диққати иштирокчиёни он ягон ҷузъ, ягона ашё ё пай берун намондааст.

Азназаргузаронии ҷойи ҳодисаро гузаронида, муфаттиш бояд кӯшиш намояд, ба саволҳои асосии зерин ҷавоб дода тавонад: чӣ, кай ва дар куҷо ба вуқуъ омадааст, кӣ ва барои чӣ онро содир кардааст, чӣ тавр ва бо ёрии кӣ ё чӣ содир шудааст.

Давраи азназаргузаронии ҷузъӣ. Вақте ки омӯзиши ҳолати умумӣ ба охир мерасад, муфаттиш ба таҳлили ҳар як ашё ва пай дар алоҳидагӣ мепардозад, на танҳо чизҳои аён, балки пайҳоеро муайян мекунад, ки бо чашми одӣ дидан ғайриимкон аст. Дар ин давра сабти акс ва видеоӣ карда мешавад, ки бо ёрии он тафсилоти вазъияти ҷойи ҳодиса таҷассум мегардад.

Аён аст, ки ҳангоми азназаргузаронии объектҳои алоҳидаи моддӣ ва предметҳо дар ҷои ҳодиса низ риояи низоми муайян зарур мебошад. Дар акси ҳол, азназаргузаронӣ хусусияти бетартибона мегирад, ки дар пайдарпайии номувофиқи амалҳо ифода ёфта, дар натиҷа, сарфи назар аз хароҷоти зиёди вақт, баъзе далелҳои дорои аҳаммияти исботӣ метавонанд ошкор нагарданд. Бо назардошти ин, мувофиқ ба мақсад дониста мешавад, ки азназаргузаронии предмет ба таври марҳилавӣ, бо қиёс ба тавсияҳое, ки барои азназаргузаронии ҷои ҳодиса таҳия гардидаанд, анҷом дода шавад.

Ҳамзамон бояд ба назар гирифт, ки муҳтаво ва хусусияти марҳилаҳои дахлдори азназаргузаронии предмет аз марҳилаҳои азназаргузаронии ҷои ҳодиса фарқ хоҳанд кард. Бо вуҷуди ин, мақсади чунин сохтори методӣ тағйир наёфта ҳамчун таъмини таҳқиқоти пайдарпайи объектҳо бо мақсади ба даст овардани доираи ҳар чи пурратари иттилооти муфид боқӣ мемонад. Ба андешаи мо, ҳангоми тавсифи марҳилаҳои азназаргузаронии предмет зарурати ҷорӣ намудани номгузории махсус барои ҳар як зина вуҷуд надорад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки истилоҳоте, ки дар адабиёти криминалистӣ барои ифодаи марҳилаҳои азназаргузаронии ҷои ҳодиса истифода мешаванд, то андозае шартӣ мебошанд (масалан, марҳилаҳои «статикӣ» ва «динамикӣ») ва баъзеи онҳо, аз ҷумла чунин мафҳумҳо ба монанди «азназаргузаронии ғайрифаъол» ва «азназаргузаронии фаъол» аз ҷиҳати методӣ чандон муваффақ нестанд [66, с. 160].

Муҳтавои марҳилаи ибтидоии азназаргузарониии ҷои ҳодиса, пеш аз ҳама, аз он вобаста аст, ки ҷойи ҳодиса дар кадом ҳолат қарор дорад.

Омӯзиши предметҳое, ки дар ҷои ҳодиса мавҷуданд мувофиқи мақсад аст, ки аз баррасии умумӣ оғоз карда шавад. Ҳадафҳои асосии ин марҳила инҳоянд: якум, ташаккул додани тасаввуроти умумӣ дар бораи объектҳо дар назди иштирокчиёни азназаргузаронӣ; дуюм, муайян намудани мутобиқати предметҳои воқеан пешниҳодшуда ба тавсифи онҳо, ки дар протоколи амалҳои тафтишии вобаста ба гирифтани онҳо инъикос ёфтаанд; сеюм, муайян кардани пайдарпайии амалҳои минбаъда оид ба азназаргузаронӣ. Ҳадафҳои зикршуда бо ҳамдигар дар робитаи зич қарор дошта, самти марҳилаҳои минбаъдаи таҳқиқро муайян менамоянд.

«Бе муайян намудани моҳияти объекти таҳқиқшаванда ҳал намудани масъалаи иртиботи он ба парванда, робитаҳои эҳтимолии он бо ҳолатҳои исботшаванда, инчунин хусусияти тағйирот ва изҳое, ки иттилоот дар бораи ҳодисаи ҷиноятро дар бар мегиранд, ғайриимкон аст» [112, с. 35-45].

Дар як қатор ҳолатҳо таъиноти функсионалии объекти азназаргузаришаванда метавонад барои муфаттиш ва дигар иштирокчиёни азназаргузаронӣ номаълум бошад, зеро онҳо дониши махсуси зарурӣ надоранд. Дар чунин вазъият хатои ҷиддии методӣ рад намудани истифодаи чунин объектҳо дар раванди тафтиш танҳо бо ин асос мебошад, ки онҳо ба доираи фарзияҳои пешниҳодшуда мувофиқат намекунанд. Ҳангоми ошкор намудани предмет бо таъиноти номуайян

ҳатман бояд ба машварати мутахассисони дахлдор муроҷиат кард ва танҳо пас аз равшан сохтани табиати объект, азназаргузаронии он ва дар ҳолати зарурат, гузаронидани таҳқиқоти экспертизавӣ, иҷозат дода мешавад, масъалаи аҳаммияти эҳтимолии онро барои тафтишот ҳал намоянд.

Таҷрибаи тафтиш гувоҳӣ медиҳад, ки предмете, ки дар ибтидо ҳамчун беаҳаммият қабул мешуданд, дар сурати равиши дуруст, дар ҳолатҳои муайян ба манбаъҳои муҳимми иттилооти дорои арзиши далелӣ табдил меёбанд.

Ҳангоми гузаронидани азназаргузаронии умумӣ риояи чораҳои эҳтиётӣ, ки ба ҳифзи изҳои ноустувори дар предмет мавҷудбуда равона шудаанд, зарур мебошад [113, с. 97-100]. Аз ҷумла, предмет бояд аз он қитъаҳое гирифта шавад, ки эҳтимоли нигоҳ доштани изҳо дар онҳо камтар аст, инчунин бояд аз воситаҳои ёрирасон – дастпӯшакҳои резинӣ, пинсетҳо ва дигар таҷҳизоте истифода бурда шавад, ки аз осеб дидан ё аз байн рафтани иттилооти изӣ пешгирӣ мекунанд.

Марҳилаи дигари азназаргузаронӣ, ки хусусияти шартан ғайринавбатӣ дорад, ошкор кардан, муайян намудан ва сабт кардани аломатҳо (изҳо) мебошад, ки ба таъсироти физикии беруна устувории паст доранд. Зарурати дар навбати аввал гузаронидани ин марҳила бо он асос меёбад, ки дар ҷараёни таҳқиқоти минбаъдаи муфассали объектҳо, ки бо анҷом додани амалиётҳои гуногун (ченкунӣ, ҷойивазкунӣ ва дигар манипулятсияҳо) алоқаманд аст, чунин аломатҳо метавонанд қисман тағйир ёбанд ё пурра аз байн раванд.

Категорияи маъмултарини аломатҳои ноустувор изҳои гурӯҳи гомеоскопӣ, яъне инъикосҳои мустақими қисмҳои алоҳидаи ҷисми инсон ба ҳисоб мераванд. Ба чунин изҳо, аз ҷумла, изҳои ангуштон дохил мешаванд, ки нақшҳои папилляриро таҷассум мекунанд, агар моддаи из ба моводи сатҳи қабулкунандаи из ҷаббида нашуда бошад; изҳои кандашавӣ дар сатҳҳои чанголуд; инчунин инъикосҳои релефии

ангуштон, дандонҳо ва дигар қисмҳои бадан дар рӯйпӯшҳо ва маводҳои нарм.

Ба таъсироти механикии беруна устувории паст доштани бисёр изҳои гурӯҳҳои дигари таснифоти трасологӣ низ хос мебошад. Ба онҳо, масалан, изҳои механоскопӣ, аз қабили инъикоси дастпӯшакҳо дар қабати болоии пӯсти ангуштони дастон, инчунин изҳои андозавии олот, асбобҳо ва воситаҳои нақлиёт, ки дар сатҳҳои нарми ташаккулдиҳандаи из ба вуҷуд омадаанд, мансубанд [118, с. 22-25].

Аломатҳои ноустувор на танҳо изҳо дар маънои маҳдуди трасологӣ мебошанд, балки ҳамчунин доғҳо, ифлосиҳо ва дигар пайҳои гузошташудаи гуногунро дар бар мегиранд. Бо ин сабаб, яке аз вазифаҳои калидӣ ҳангоми азназаргузаронӣ муайян ва сабт намудани ҷойгиршавии доғҳо, ифлосиҳо ва пайҳо, инчунин шакл, андоза ва дигар хусусиятҳои визуалии фарқшавандаи онҳо дар предметҳои дар ҷои ҳодиса мавҷудбуда мебошад.

Ҳангоми арзёбии аҳаммияти маълумоти бадастомада бояд ба назар гирифт, ки аломатҳои зикршуда ноустувор буда, метавонанд ҳанӯз то оғози азназаргузаронӣ ба тағйирот дучор шуда бошанд: доғҳои тоза баъзан қисман аз байн меравaнд ва зарраҳо ба қитъаҳои дигари объект интиқол мешаванд [151, с. 163-168].

Бояд қайд намуд, ки ифлосиҳои гуногун, чанг ва зарраҳои майда, чун қоида, дар предмети аз ҷои ҳодиса дарёфтшуда муддати нисбатан тулонӣ нигоҳ дошта мешаванд ва ҳангоми гузаронидани азназаргузаронӣ метавонанд ошкор гарданд. Масалан, тибқи маълумоти Н.Г.Шалаев, ҳангоми таҳқиқи либоси гумонбарон аз рӯйи парвандаҳои ҷиноятҳои зӯроварона, ифлосиҳо бо хок, қум, алаф ва донаҳои зироатҳои ғалладона дар 50 фоизи ҳолатҳо ошкор шуда, дар 6 фоизи ҳолатҳо дар либос мӯйи ҷабрдида пайдо гардидааст [153, с. 52-58].

Ошкор намудани ифлосиҳо, предмет ва зарраҳои майда дар объектҳои тафтишӣ метавонад ба муайян намудани шахсияти ҳам

ҷинояткор ва ҳам ҷабрдида мусоидат намояд (масалан, аз рӯйи нишонаҳои зоҳирӣ, касб, навъи шуғл), далели тамоси мустақими байни онҳоро тасдиқ кунад, ба ҳузури шахс ё предмет дар макони муайян ишора намояд, инчунин дар шиносоии дигар объектҳо, аз қабили молу мулки дуздидашуда ё олоти содир намудани ҷиноят, кумак расонад. Аҳаммияти баланди объектҳои майда дар ҷараёни тафтиш ҳамчунин бо он шарҳ дода мешавад, ки онҳо аксар вақт аз ҷониби худи ҷинояткорон нодида мемонанд.

Таҷрибаи тафтишот мисолҳои зиёдеро дар бар мегирад, ки маҳз ошкор шудани чунин объектҳои майда, ба монанди мӯй, нахҳо, зарраҳои хок, тамоку ва ғайра барои ошкорсозии муваффақонаи ҷиноятҳо аҳаммияти ҳалкунанда доштаанд. Масалан: «Санаи 4 декабри соли 2024 азназаргузаронии ҷои ҳодиса вобаста ба парвандаи ҷиноятии №1-221/25, ки бо аломатҳои ҷиноят пешбинишуда дар моддаи 200 қисми 4 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз гардидааст, гузаронида шуд. Амалиёти мазкур соати 17:35 оғоз ёфта, соати 18:15 анҷом пазируфт.

Азназаргузаронӣ дар қитъаи замини хокию қумзор, воқеъ дар вилояти Хатлон, ноҳияи Фархор, ҷамоати деҳоти Хутан, деҳаи Оқзар гузаронида шуд. Объекти таҳқиқот замини кушоди хокию қумзор буда, дар масофаи тахминан 3 метр аз роҳи мошингарди Фархор – Панҷ ҷойгир мебошад.

Ҷараёни азназаргузаронӣ дар шароити рӯшноии сунъӣ амалӣ гардида, зимни он воситаҳои илмӣ-техникӣ истифода бурда нашуданд, ки ин ҳолат дар протокол қайд карда шудааст.

Дар рафти азназаргузаронӣ аз дохили пинҳонгоҳе, ки дар назди бехи симчӯб ҷойгир буд, як адад борхалтаи ранги сафед бо хатҳои сурх дарёфт карда шуд. Ҳангоми кушодани борхалта муайян гардид, ки дар дохили он 8 (ҳашт) адад бастаҳои чоркунҷашакл, ки бо скочи ранги зард печонида шудаанд, мавҷуд мебошад.

Дар натиҷаи бозкушоии бастаҳои мазкур маълум гардид, ки дар дохили онҳо маводи сахтасири омодашуда ҷойгир аст (тавсифи дақиқ ва хулосаи экспертизаи судӣ-кимиёвӣ дар марҳилаи минбаъдаи тафтишот муайян карда мешавад).

Баъд аз анҷоми азназаргузаронӣ, 8 адад бастаҳои дарёфтшуда ба дохили ҳамон борхалтаи сафед бозпас ҷойгир карда шуда, он тибқи тартиби муқарраргардида муҳр ва ишорагузорӣ карда шуд. Дар болои муҳр шахсони холис ва дигар иштирокчиёни амалиёти тафтишотӣ имзо гузоштанд, ки ин ҳолат мутобиқати тартиби мурофиавиро таъмин менамояд» [191]. Азназаргузаронии ҷои ҳодиса дар парвандаи мазкур ҳамчун амали ибтидоии калидӣ баромад намуда, заминаи ташаккули базаи далелии парвандаро фароҳам овард. Самаранокӣ, қонуният ва пуррагии гузаронидани он бевосита ба натиҷаи ниҳоии тафтиш таъсир мерасонад.

Ҳамчунин бояд таъкид намуд, ки дар амалия ҳангоми азназаргузаронии объектҳои ҷои ҳодиса бисёр вақт дар онҳо зарраҳои гуногун ошкор мегарданд. Баррасии маҷмуии аломатҳои худи объект ва зарраҳои дар он пайдошуда дорои арзиши баланди исботнамоӣ мебошад.

Ҳангоми азназаргузаронии предметҳои алоҳида дар ҷои ҳодиса муфаттиш аксар вақт бо пайҳои хусусияти биологидошта дучор мегардад, масалан, бо зарраҳои бофтаҳои осебдидаи ҷисми инсон [108, с. 146-154]. Чунин изҳо бештар дар олоти халанда ва халандаю бурранда, инчунин дар воситаҳои нақлиёт ошкор карда мешаванд. Гузаронидани азназаргузаронии объектҳое, ки дорои изҳои биологӣ мебошанд, мувофиқи мақсад аст бо иштироки мутахассис дар соҳаи тибби судӣ анҷом дода шавад, зеро ин ошкор ва сабти дурусти чунин изҳоро таъмин намуда, боэътимодии иттилооти далелии бадастомадаро баланд мебардорад.

Арзиши исботии изҳои гуногун, новобаста аз табиати онҳо, на танҳо бо хусусиятҳои худи зарраҳо, балки бо хусусияти иртиботи онҳо бо предмете, ки дар он ошкор шудаанд, муайян мегардад [125, с. 24-29]. Аз ин қоидаи муҳимми амалӣ бармеояд, ки объектҳо ва зарраҳои майда то лаҳзаи сабти ҷойгиршавии онҳо набояд аз предмети азназаргузаришаванда гирифта шаванд. Гирифтани чунин унсурҳо барои таҳқиқоти алоҳида ё экспертиза танҳо баъд аз ҳуҷҷатгузории мавқеи онҳо дар барандаи он – дар протоколи азназаргузаронӣ ва бо истифода аз аксбардорӣ иҷозат дода мешавад.

Предмете, ки эҳтимоли мавҷудияти зарраҳои майда дар онҳо вуҷуд дорад, бояд бо эҳтиёткории махсус азназаргузаронӣ карда шаванд, зеро муносибати беэҳтиёт на танҳо метавонад ба аз байн рафтани ин зарраҳо оварда расонад, балки инчунин боиси пайдо шудани ифлосиҳои бегона дар объектҳои таҳқиқшаванда гардад.

Муайян намудани объектҳо ва изҳои майда дар ҷои ҳодиса ҳангоми азназаргузаронӣ, хусусан дар ҳолатҳое ки онҳо латентӣ (пинҳонӣ) мебошанд, душвориҳои муайян ба миён меорад. Дар ин замина, ташкили оқилонаи ҷустуҷӯи изҳо, ки ба фарзияҳои тафтишотӣ асос ёфтааст, аҳаммияти муҳим касб мекунад.

Зери мафҳуми фарзия дар бораи пайдоиши далелҳои алоҳида ё маҷмуи онҳо фаҳмида мешавад, ки барои парванда аҳаммият доранд ва робитаи мутақобила ва нақши онҳоро дар исботнамоӣ шарҳ медиҳанд [85, с. 149; 93, с. 584].

Аён аст, ки фарзияҳои асосноки муфаттиш оид ба далелҳо метавонанд ҳамчунин мулоҳизаҳои эҳтимолиро дар бораи предметҳои алоҳида, вазифаи онҳо дар ҷараёни ҳодиса, инчунин мавҷудияти изҳои моддии марбут ба парвандаро дар онҳо дар бар гиранд.

Ҳангоми азназаргузаронии предметҳо дар ҷои ҳодиса самти мушаххаси ҷустуҷӯи изҳо, чун қоида, аз фарзияҳои хусусӣ муайян мегардад, яъне аз тахминҳо дар бораи ҷузъиёт ва ҳолатҳои ҳодисае, ки

объектҳои азназаргузаронӣ бо онҳо алоқаманд буда метавонанд. Ҳамзамон, бояд фарзияҳои умумӣ, ки ба ҳодиса дар маҷмуъ марбутанд, низ ба назар гирифта шаванд, зеро фарзияҳои хусусӣ тафсили онҳо ба ҳисоб мераванд. Дар баъзе ҳолатҳо сохтани занҷири мантиқӣ: хулосабарории дедуктивӣ – аз фарзияҳои умумӣ то фарзияҳои мушаххас оид ба эҳтимоли мавҷудияти аломатҳои бадастомада дар предмет зарур мегардад.

«Дар баробари фарзияҳое, ки бар маълумоти воқеии дар ҷараёни тафтишот бадастомада асос ёфтаанд, ҳангоми ҷустуҷӯи изҳо нақши муҳимро гипотезаҳои корӣ, тахминҳо, гумонҳо ва ҳиссиёт (интуитсия)-и муфаттиш мебозанд, ки онҳо ба донишҳои касбӣ ва таҷрибаи амалии муфаттиш такя мекунанд» [18, с. 199; 144, с. 24-30].

Аҳаммияти махсус барои тафтиши парванда дарки муфаттиш аз психологияи рафтори ҷинояткор ва ҷанбаи маъноии ҳамкории ӯ бо предмет мебошад. Бояд ба назар гирифт, ки «ангезаи роҳбарикунанда дар сатҳи амалҳо на худи предмет, балки ҷанбаи маъноии амалҳо бо он мебошад: новобаста аз он ки предмет ҳамчун объект, асбоб ё ҳар дуи онҳо баромад мекунад». «Дарки чунин «ангезаи пешбар» ҳангоми истифодаи предмет ба ошкор намудани механизми ташаккули изҳо мусоидат намуда, дар натиҷа ҷустуҷӯи онҳоро дар ҷои ҳодиса осон мегардонад» [14, с. 255; 104, с. 336].

Масалан, агар тасаввур карда шавад, ки ҷинояткор ҳангоми истифодаи олоти металлии дар наздикии ҷои дуздӣ бо шикастани монеа ошкоршуда чӣ мақсадро дунболагирӣ мекард, метавон пешбинӣ намуд, ки ин олот чӣ гуна истифода шудааст ва муайян кард, ки дар кадом қитъаҳо бояд изҳои робитаи он бо монеа, зарраҳои чӯб, ранг ва дигар изҳои моддӣ ҷустуҷӯ шаванд.

Одатан, ошкор намудани як из дар предмет ба пайдо кардани дигар изҳо дар ҷои ҳодиса мусоидат мекунад. Масалан, аз рӯйи изи як ангушт ва бо дарназардошти шакли предмет метавон ҷойҳои эҳтимолии

мавҷудияти дигар изҳои ноаёнро дар ҷои ҳодиса муайян намуд. Чунонки профессор М.П.Шаламов таъкид менамояд, «баррасии ҳамаи далелҳо дар маҷмуъ ва дар робита бо дигар далелҳо метавонад муфаттишро ба хулосае оварад, ки далелҳои иловагӣ вуҷуд доранд ва ҳанӯз ошкор нашудаанд, вале аз ҷараёни ҳодисаҳо мантиқан бармеоянд» [104, с. 27-35]. Ин андеша пурра ба ҷустуҷӯи изҳо дар предмет татбиқшаванда мебошад.

Арзиши махсусро он изҳое доранд, ки дар ҷойҳои душвордастрас ошкор мешаванд, зеро онҳо наметавонанд ба таври тасодуфӣ ба вуҷуд омада бошанд. Дар ҷараёни азназаргузаронии ҷои ҳодиса бояд ба сатҳҳои дохилӣ ва ҷузъиёти объектҳо диққати махсус дода шавад. Масалан, изе, ки дар сатҳи дохилии сейф боқӣ мондааст ва аз ҷониби шахсе гузошта шудааст, ки имкони ворид шудан ба онро рад мекунад, далели ниҳоят муҳим ба ҳисоб меравад. «Ҳамчунин, изҳо дар қисмҳои равғанмолидаи магазини таппонча, дар сатҳи дохилии шишаи тиреза ва дигар объектҳои монанд метавонанд ҳамон гуна арзиши исботӣ дошта бошанд» [155, с. 27-35].

Омӯзиши минбаъдаи предмет дар ҷои ҳодиса мувофиқи мақсад аст, ки дар асоси принсипи таҳлилӣ сохта шавад: аз умумӣ ба хусусӣ, бо оҳиста дохил шудан ба ҷузъияти он. Дар ин замина метавон шартан пайдарпайии зинаҳоро ҷудо кард: омӯзиши аломатҳои умумии объект ва омӯзиши аломатҳои хусусӣ. Ҳамзамон бояд ба назар гирифт, ки фарқгузории аломатҳо ба умумӣ ва хусусӣ хусусияти нисбӣ дорад. Бо вуҷуди ин, чунин тақсимот дар амалия асоснок аст, зеро гузаронидани азназаргузаронии нақшавии ҷои ҳодиса, пуррагии он ва истифодаи оқилонаи вақт ва захираҳоро таъмин менамояд.

Ба аломатҳои умумии предмет дар ҷои ҳодиса он хусусиятҳое мансубанд, ки онҳо дар маҷмуъ тавсиф меёбанд. Ба чунин аломатҳо метавон андоза, шакл, вазн, маводи сохташуда, хусусияти умумии ранг ва дигар хусусиятҳои монандро дохил намуд. Аломатҳои хусусӣ,

баръакс, хусусиятҳое мебошанд, ки ба унсурҳои алоҳидаи объект хос буда, ҷузъиёти дохилии онро ифода мекунанд.

Дар раванди азназаргузаронии ҷои ҳодиса гузариш аз аломатҳои умумӣ ба аломатҳои хусусӣ анҷом дода мешавад, бо тафсил додани пайдарпайии онҳо ва «таҳлил ва ҷудокунии аломатҳо дар дохили аломатҳо» (ҷустуҷӯи аломатҳо дар аломатҳо). Масъалаи он ки кадом аломатҳои умумӣ ва хусусии предмети дар ҷои ҳодиса азназаргузаришаванда барои парванда аҳаммият доранд, дар ҳар ҳолати мушаххас ба таври инфиродӣ бо дарназардошти хусусияти предмет, ҳолатҳои парванда, маълумоти воқеии мавҷуда ва фарзияҳои пешниҳодшуда ҳал карда мешавад. Тавсияҳо оид ба интихоби аломатҳо барои азназаргузаронии предметҳои дар ҷои ҳодиса гурӯҳҳо ва намудҳои гуногун дар адабиёти махсус, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методии тафтишии баъзе намудҳои ҷиноятҳо оварда мешаванд.

Ҳангоми омӯзиши аломатҳои моддӣ муфаттиш маҷбур аст ҳам бо хусусиятҳои сифатӣ ва ҳам бо нишондиҳандаҳои миқдорӣ кор барад. Хусусиятҳои сифатӣ ҷудогонагии аломатҳоро инъикос намуда, фарқияти онҳоро таъкид мекунанд; маҳз дар ин ҷанба арзиши махсуси аломатҳо-атрибутҳо зоҳир мегардад. Бояд қайд намуд, ки баъзе хусусиятҳои предмет дар ҷараёни азназаргузаронии ҷои ҳодиса танҳо аз ҷиҳати сифатӣ ифода карда мешаванд. Масалан, хусусиятҳои ранг бо зикри номи онҳо сабт мегарданд, зеро муайян кардани ранг, ки истифодаи асбобҳои махсусро талаб мекунад, дар айни замон танҳо дар шароити таҳқиқоти экспертизавӣ имконпазир мебошад.

Омӯзиши бӯйи предмет дар ҷараёни азназаргузаронии ҷои ҳодиса танҳо бо роҳи таҳлили бевоситаи органолептикӣ анҷом дода мешавад [6, с. 315].

Бо вуҷуди ин, камаҳаммият шуморидани нақши нишондиҳандаҳои миқдорӣ дар омӯзиши предмет дар ҷои ҳодиса хато мебуд. Маълум аст, ки ҳар як сифат дорои шумораи беохири дараҷаҳои миқдорӣ мебошад.

Вазифаи муфаттиш дар он ифода меёбад, ки барои ҳадафҳои азназаргузаронӣ аломатҳоеро ҷудо ва истифода намояд, ки на танҳо хусусиятҳои сифатӣ, балки хусусиятҳои миқдорӣ низ доранд, инчунин фарқиятҳои микдорие, ки барои парванда аҳаммият доранд, сабт карда шаванд.

Нишондиҳандаҳои миқдорӣ метавонанд бо ду тарз ифода гарданд: дар шакли мутлақ ҳамчун сабти шумораи унсурҳои якнавъ, ё тавассути ченкунӣ, яъне дар шакли нисбӣ.

Ченкунӣ дар ҳолатҳое татбиқ мегардад, ки мушоҳидаи одӣ ва тавсифи он барои интиқоли ҳаҷми зарурии иттилоот дар бораи предмет дар ҷои ҳодиса нокифоя мебошанд. Дар чунин вазъият зарурати муайян намудани нисбатҳои ададӣ байни бузургии ченшаванда ва воҳиди ченак ба миён меояд.

Ба объектҳои ченкунӣ дар амалияи азназаргузаронии ҷои ҳодиса инҳо мансубанд: андозаҳои предмет ва унсурҳои онҳо (хаттӣ ва кунҷӣ), нишондиҳандаҳои миқдорие, ки муносибатҳои фазоиро тавсиф мекунанд (масофа байни унсурҳо, координатаҳои изҳо ва дигар аломатҳо, масофа байни ҳудуди қитъаҳои предмет ва ғайра), вазн, вазни хосси моеъҳо, ҳаҷм; дар баъзе ҳолатҳо зарурати чен кардани ҳарорати объектҳо низ ба миён меояд [64, с. 580].

Аз ҷиҳати техникӣ, ченкуниҳое, ки дар ҷараёни азназаргузаронии ҷои ҳодиса анҷом дода мешаванд, дорои хусусияти махсус нестанд. Хусусият дар ин маврид на дар тарзи иҷрои ченкунӣ, балки дар он ифода меёбад, ки истифодаи ин усул ба чӣ равона карда шудааст. Дар ҷараёни азназаргузаронии ҷои ҳодиса усулҳои маъмул ва умумии ченкунӣ, инчунин воситаҳои стандартии ченак истифода мешаванд.

Аксар вақт муфаттиш ченкуниҳои мустақим анҷом медиҳад, ки дар онҳо натиҷаҳо бевосита аз рӯйи асбобҳои ченкунӣ ё ченакҳо муайян карда мешаванд [62, с. 248].

Дар амалияи тафтишии азназаргузаронии ҷои ҳодиса, инчунин усулҳои ғайримустақими ченкунӣ истифода мешаванд. Аз ҷумла, ҳангоми азназаргузаронии предмет усули дифференсиалии муайян намудани андозаҳо татбиқ мегардад, ки дар он бузургии ҷустуҷӯшаванда ҳамчун фарқи байни натиҷаҳои ченкуниҳои мустақим ҳисоб карда мешавад. Ин усул метавонад барои таҳқиқи ҷузъиёти душвордастрас ё барои ошкор намудани холигиҳои пинҳонӣ, масалан, қаъри дуқабата дар ҷомадон, истифода шавад. Масалан: «Дар рафти азназаргузаронии ҷои ҳодиса муайян карда шуд, ки объекти азназаргузаронӣ воситаҳои нақлиётие мебошанд, ки дар роҳи мошингарди кӯчаи А.Қаҳҳорови шаҳри Душанбе, дар муқобили маҳаллаи Шапкина ҷойгир шудаанд. Дар натиҷаи азназаргузаронӣ муқаррар гардид, ки роҳи мазкур тибқи нақша ҳамвор ва дорои рӯйпӯши асфалтии бенуқсон буда, паҳнои он 9,80 метрро ташкил медиҳад ва барои ҳаракат дар ду самт пешбинӣ шудааст. Самти ҳаракат аз ҷониби кӯчаи А.Ҷомӣ ба самти ноҳияи Рӯдакӣ муайян карда шуд. Аз ҳар ду тараф пайраҳаҳои пиёдагард мавҷуданд. Равшании роҳ тавассути симчӯбҳо таъмин гардида, дараҷаи биниш дар вақти азназаргузаронӣ торик арзёбӣ карда шуд» [192]. Ҳамин тариқ, метавон хулоса намуд, ки ченкунӣ яке аз унсурҳои асосии тактикаи азназаргузаронии ҷои ҳодиса буда, татбиқи дурусти он ба пуррагӣ, асоснокӣ ва илмиятнокии таҳқиқ мусоидат менамояд.

Яке аз вазифаҳои калидии азназаргузаронии ҷои ҳодиса фароҳам овардани шароит барои истифодаи минбаъдаи предметҳои азназаргузаришуда ҳамчун воситаҳои исботкунӣ мебошад. Ин иҷрои тадбирҳоеро талаб мекунад, ки фардисозии объектҳоро таъмин намуда, имконияти иваз ё ҷойгузинии онҳоро дар оянда истисно месозанд.

Фардикунондан дар ҷараёни азназаргузаронӣ, аввалан, тавассути сабти маҷмуи муайяни аломатҳое ба даст меояд, ки ба предмети мушаххас хос буда, имкон медиҳанд айнияти он бо худи ҳамон предмет

муайян карда шавад; дуюм, бо роҳи ба таври сунъӣ додани нишонаҳои фарқкунанда ба объект амалӣ мегардад.

Ҳангоми интихоби аломатҳо барои мақсадҳои фардисозӣ ва арзёбии кофӣ будани онҳо муфаттиш аз таснифоти аломатҳо ба гурӯҳӣ (навъӣ) ва фардӣ, ки дар криминалистика таҳия шудааст, роҳнамоӣ менамояд. Бархилофи тақсимоти аломатҳо ба умумӣ ва хусусӣ, таснифот аз рӯйи мансубияти гурӯҳӣ ва фардӣ на бо дараҷаи тафсилоти ягона, балки бо дараҷаи хосиятнокӣ муайян карда мешавад, яъне бо қобилияти фарқ намудани як гурӯҳи предмет аз гурӯҳҳои дигар ё як объект аз ҳамаи объектҳои дигари ҳамон гурӯҳ. Аломатҳои дорои аҳаммияти фардӣ, ки сатҳи баландтарини хосиятнокиро доранд, танҳо ба як предмети ягона хос буда, дар дигар объектҳои ҳамин гурӯҳ дучор намешаванд. Бо вуҷуди ин, ҳатто аломатҳои аз ҳама хос, агар ҷудогона баррасӣ шаванд, барои фардисозии комил кофӣ нестанд; муайян намудани айнияти предмет танҳо дар асоси маҷмуи аломатҳо имконпазир мебошад.

«Ҷудо намудани аломати фардӣ дар он ҳолатҳо осонтар мегардад, ки ба сифати чунин аломат на хусусияти табиии объект, балки нишонаи махсус эҷодшуда истифода шавад, ки барои фарқ кардани он аз дигар предмет пешбинӣ гардидааст, масалан рақам ё тамға» [154, с. 46-49; 115, с. 24-26]. Аммо ҳатто дар ин ҳолат низ чунин нишона танҳо дар маҷмуъ бо аломатҳои муайяни гурӯҳӣ аҳаммияти фардисозӣ касб мекунад, ки дар тавсифи умумии предмет, таъиноти он ва дигар хусусиятҳояш инъикос ёфтаанд. Масалан, танҳо нишон додани рақами соатҳои азназаргузаришаванда кофӣ нест – зарур аст ҳамчунин номи онҳо, тамға (марка) ва дигар аломатҳои муҳимми онҳоро низ сабт намуд.

Фардикунондани объектҳои алоҳида ҳангоми азназаргузаронии ҷои ҳодиса метавонад бо душвориҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардад, зеро барои муайян намудани маҷмуи зарурии аломатҳо аксар вақт дониши махсус талаб карда мешавад. Ин ҳолат махсусан ба изҳои гуногуне дахл дорад, ки дорои ҷузъиёти майда ва мураккаб мебошанд ва маҳз маҷмуи онҳо

ҳамчун унсурҳои фардисозанда истифода мешавад. Бо назардошти он ки дар ҷараёни тафтишот ба парванда на ҳамеша худи предмет бо изҳо, балки аксаран объектҳои ҳосилавие, ки ин изҳоро моделсозӣ мекунанд, ҳамроҳ карда мешаванд, ҳангоми азназаргузаронӣ бояд чораҳое андешида шаванд, ки боэътимодии чунин моделҳоро таъмин намоянд. Ба даст овардани ин ҳадаф тавассути фардисозии сунъии объектҳо бо иштироки шахсони холис имконпазир мебошад. Масалан, ҳаққонияти қолаби изи ҳаҷмӣ метавонад бо васл намудани бирка ба он тасдиқ гардад, ки нӯгҳои ресмон ба вазни моделсозанда ҷойгир карда шуда, бо имзоҳои шахсони холис дар ҷои тайёр намудани модел тасдиқ мегарданд.

Барои тасдиқи ҳаққонияти тасвири изи сатҳӣ дар акс, масалан, изи нақши папиллярӣ, метавонад усуле истифода шавад, ки аз ҷониби В.М.Николайчик тавсия шудааст, масалан из ҳамзамон бо варақи коғазе аксбардорӣ карда мешавад, ки дар он имзоҳои шахсони холис гузошта шудаанд [85, с. 29].

Ҳангоми баррасии масъалаи фардисозии сунъии объектҳо бояд махсус таъкид намуд, ки ворид намудани ҳар гуна тағйироти ҷиддӣ ба хусусиятҳои худи объект дар ҷараёни азназаргузаронӣ қобили қабул нест.

Тадбирҳои фардисозии сунъӣ ҳамзамон уҳдадории муфаттишро оид ба тавсифи аломатҳои умумӣ ва хусусии предмет дар протокол, ки дар асоси донишҳои умумқабулшаванда қобили дарк мебошанд, бартараф намесозанд.

Ҳангоми азназаргузаронии ҷои ҳодиса манбаъҳои иттилоот дар бораи ҳолатҳои парванда на танҳо ҷисмҳои сахти дорои шакли устувор, балки ҳамчунин предметҳои гуногуни пошхӯранда ва моеъ, аз қабили орд, спирт, маводи сӯзишворию молиданӣ, рангҳои маҳлулшуда ва ғайра низ буда метавонанд. Таҷриба нишон медиҳад, ки чунин объектҳо дар баъзе ҳолатҳо нақши далелҳои шайъиро мебозанд.

Азназаргузаронии ҷисмҳои пошхӯранда дар ҷои ҳодиса, моеъ ва дигар ҷисмҳои аморфӣ хусусиятҳои худро дорад. Пеш аз ҳама бояд ба назар гирифт, ки вазни модда танҳо дар он сурат мақоми предмети инфиродӣ муайяншавандаро касб мекунад, ки агар он ба таври объективӣ ҷудо гардида, дар ҳаҷми мушаххас муайян карда шуда бошад. Агар модда дар ҳаҷми муайян дар натиҷаи ҳолатҳое ҷудо карда шуда бошад, «ки бо ҳодисаи таҳқиқшаванда вобастаанд, пас нишондиҳандаҳои микдории ҳаҷми он дар баробари хусусиятҳои сифатӣ метавонанд ҳам аҳаммияти фардисозанда ва ҳам аҳаммияти исботкунӣ дошта бошанд, масалан, ҳангоми муайян намудани андозаи молу мулки дуздидашуда» [138, с. 65-139].

Бо ҳамин сабаб, ҳангоми азназаргузаронӣ вазифаи чен кардани вазни модда ва сабти натиҷаҳои ченкунӣ дар протокол ба миён меояд. Азбаски маълумоти бадастомада дар ҷараёни исботкунӣ истифода хоҳанд шуд, барои чен кардани вазн ва андоза бояд танҳо асбобҳо ва ченакҳои стандартӣ истифода шаванд, ки аз санҷиши давлатии обуҳаво гузаштаанд.

Дар ҳолатҳое ки ҳамроҳ кардани модда ё мавод ба парванда дар ҳаҷми пурра ғайриимкон аст ё зарурати он вуҷуд надорад, муфаттиш ҳангоми азназаргузаронии ҷои ҳодиса метавонад ба гирифтани қисми ин модда дар шакли намуна мурочиат намояд. Чунин намуна объекти ҳосилавие мебошад, ки таркиби вазни ибтидоӣ ва хусусиятҳои сохтории онро инъикос мекунад. Албатта, андозаи намунаи гирифташуда худ ба худ аҳаммияти мустақими исботкунӣ надорад, аммо дар як қатор ҳолатҳо миқдори моддаи гирифташуда бояд дар протокол зикр карда шавад, то кофӣ будани мавод барои таҳқиқоти минбаъда тасдиқ гардад. Гирифтани намуна танҳо дар он сурат иҷозат дода мешавад, ки агар модда якхела (якҷинса) бошад; шумораи намунаҳо ва тартиби гирифтани онҳо тибқи қоидаҳои махсус, вобаста ба хусусияти объект муайян карда

мешаванд. Дар чунин вазъиятҳо ҷалби мутахассисони соҳаи дахлдор мувофиқи мақсад мебошад.

Бояд қайд намуд, ки азназаргузаронии умумии вазни моддаи пошхӯранда танҳо дар он ҳолат имконпазир аст, ки аҳаммияти исботии унсурҳо ё зарраҳои алоҳидаи ин вазн истисно карда шавад. Дар ҳолатҳое, ки заррaҳои ҷудогона метавонанд барои тафтиши парванда арзиш дошта бошанд, ҳар яке аз онҳо новобаста аз заҳматталаб будани ин раванд бояд ба таври бодиққат таҳқиқ карда шавад.

Дар ҷараёни мушоҳидаи предмет муфаттиш ва дигар иштирокчиёни азназаргузаронии ҷои ҳодиса хусусиятҳои объектҳоро бевосита сабт менамоянд. Ба чунин хусусиятҳо инчунин тасвирҳои рамзӣ дар предмет мансубанд, ки барои интиқоли иттилооти муайян пешбинӣ шудаанд: аломатҳои ҳарфӣ, рақамӣ ё шартӣ-графикӣ. Агар ин тасвирҳо умумқабулшуда бошанд ва низоми рамзгузории истифодашаванда барои иштирокчиёни азназаргузаронӣ маълум бошад, ҳамзамон бо мушоҳидаи аломатҳои моддӣ сабти маълумоти рамзгузоришуда низ анҷом дода мешавад. Ин маълумот қисми ҳаҷми умумии иттилооти бадастомада дар ҷараёни азназаргузаронӣ гардида, аксар вақт ба тафтишоти ибтидоӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад.

Ҳамзамон бояд ба назар гирифт, ки мазмуни маъноие, ки тавассути аломатҳои предмет интиқол меёбад, метавонад аҳаммияти мустақими исботкунӣ дошта бошад (масалан, номаи пеш аз марг, ки ба ҷинояткор ишора мекунад) ё дар муайян намудани ғайримустақими далелҳо иштирок намояд, вақте ки дарки маънои матн ё тасвир имкон медиҳад робитаҳои объективие ошкор гарданд, ки ба парванда дахл доранд.

Амалияи тафтишот мисолҳои зиёди ошкор намудани ҷиноятҳо ва муайян сохтани гунаҳгоронро дар асоси маълумоти дорои хусусияти семантикӣ дар бар мегирад, ки манбаи онҳо объектҳои азназаргузаронии ҷои ҳодиса мебошанд. Ба чунин объектҳо метавон навиштаҷотҳои гуногун, пораҳои коғаз бо матни қисман боқимонда, предмет бо

навиштаҷот, инчунин предметҳои дорои тамға ишора намуд, ки мазмуни маъноии онҳо имкон медиҳад ҷои истеҳсол, манбаи пайдоиш ва дигар ҳолатҳо муайян карда шаванд. Амалияи тафтиши парвандаҳои марбут ба истифодаи силоҳи оташфишон ва шикорӣ нишон медиҳад, ки масалан, пораҳои коғазе, ки барои тайёр кардани тири милтиқи шикорӣ истифода шудаанд, метавонанд манбаи иттилооти арзишманд бошанд.

Барои ошкор намудани аломатҳои моддие, ки иттилооти дорои хусусияти семантикиро интиқол медиҳанд, ҳангоми азназаргузаронӣ аксар вақт таҷҳизоти махсуси илмӣ-техникӣ ва усулҳое истифода мешаванд, ки дар боби қаблӣ зикр гардидаанд (масалан, ошкор намудани матнҳо ва аломатҳои ноаён ё камнамоён).

Бояд қайд намуд, ки муҳтавои маълумоти рамзгузоришуда на ҳамеша дар доираи азназаргузаронии ҷои ҳодиса фавран кушода ва фаҳмида мешавад. Масалан, агар матн рамзгузорӣ шуда бошад ё танҳо қисмҳои ҷудогонаи он боқӣ монда бошанд, фаҳмиши маънои он метавонад танҳо дар марҳилаҳои минбаъдаи таҳқиқ ҳаллу фасл гардад. Дар чунин ҳолатҳо азназаргузаронӣ ба муайян ва сабт намудани аломатҳо ва тасвирҳои мушоҳидашаванда равона карда мешавад, дар ҳоле ки мазмуни маъноии онҳо дар ҷараёни амалҳои минбаъдаи экспертизавӣ ё таҳқиқотӣ муайян мегардад.

Манбаъҳои иттилоотӣ дорои хусусияти семантикӣ на танҳо объектҳои дорои тасвирҳои шартӣ ё аломатӣ мебошанд, балки ҳамчунин предмете низ ҳастанд, ки аз дигар усулҳои сабти иттилооти маъноӣ истифода мебаранд. Ба чунин объектҳо, масалан, лентаҳои магнитофонӣ мансубанд. Бо афзоиши паҳншавии сабти садо дар амалияи тафтишӣ, беш аз пеш ҳолатҳое дучор меоянд, ки ҳомилҳои электронӣ, дорои сабтҳое, ки берун аз ҷараёни тафтиш анҷом дода шудаанд, ба сифати далелҳои шайъӣ хизмат намуда, ба ошкор сохтани ҳолатҳои муҳимми парванда мусоидат мекунанд [87, с. 177; 85, с. 149].

Манбаъҳои иттилоотӣ, ки дар ҷараёни азназаргузаронии ҷои ҳодиса ба даст меоянд, танҳо ба объектҳои дорои аломатҳои рамзӣ ё сабтҳои садоӣ маҳдуд намешаванд, балки предметеро низ фаро мегиранд, ки дар онҳо тасвирҳои визуалии далелҳо пешниҳод шудаанд ва маънои онҳо мустақиман аз муҳтавои тасвир бармеояд. Ба чунин объектҳо наққошиҳо, расмҳо ва аксҳо дохил мешаванд. Арзиши иттилоотии махсусро наворҳои ҷои ҳодиса аз камераҳои назоратӣ соҳибанд, ки ин бо «ғунҷоиши сюжети»-и баланди онҳо ва имконияти сабти пайдарпайии рӯйдодҳо дар замон вобаста аст.

Азназаргузаронии наворҳои ҷои ҳодиса (плёнкаҳое, ки бо истифода аз техникаи киноӣ сабт шудаанд) се марҳилаи ба ҳам вобастаро дар бар мегирад:

– омӯзиши бевоситаи маводи аслӣ, ки дар он ба нишонаҳои монтаж ва сохтори ташкилии саҳнаҳои сабтшуда диққати махсус дода мешавад;

– намоиши навор ё саҳнаҳои алоҳидаи он ба ҳамаи иштирокчиёни азназаргузаронӣ бо истифода аз техникаи намоишӣ;

– таҳлили кадр ба кадр, ки имкон медиҳад ҷузъиёти алоҳида дақиқ ва ҳуҷҷатгузорӣ карда шаванд.

Бояд таъкид намуд, ки таҳқиқи предмете, ки интиқолдиҳандаи иттилоот мебошанд, танҳо ба аломатҳое маҳдуд намешавад, ки мустақиман муҳтавои иттилоотро мерасонанд. Дар ҷараёни азназаргузаронии ҷои ҳодиса зарур аст маҷмуи ҳар чи пурратари аломатҳои моддӣ сабт карда шаванд, ки фардисозии объектро таъмин намуда, робитаҳои гуногуни онро бо ҳодисаи таҳқиқшаванда инъикос менамоянд.

Дар як қатор ҳолатҳо гузаронидани азназаргузаронии ҷои ҳодиса анҷом додани таҳлили муқоисавии ду ё зиёда объектро бо мақсади ошкор намудани мувофиқатҳо ва фарқиятҳо дар аломатҳои онҳо талаб мекунад. Таҳлили муқоисавӣ ба усули универсалии муқоиса такя менамояд, «ки дар соҳаҳои гуногуни илм ва амалия истифода мешавад ва

моҳияти он дар муқоисаи ҳамзамони объектҳое ифода меёбад, ки дорои хусусиятҳои умумӣ мебошанд» [68, с. 144].

Аз нуқтаи назари пайдарпайии методӣ, таҳқиқи муқоисавӣ пас аз омӯзиши ҷудогонаи объектҳо анҷом дода мешавад. Ҳамзамон, равандҳои таҳлили муқоисавӣ ва омӯзиши ҷудогонаи аломатҳо аксар вақт бо ҳам муттаҳид шуда, якдигарро такмил медиҳанд ва ошкорсозии ҳамаҷонибаи хусусиятҳои хоси объектҳоро таъмин менамоянд.

Дар ҷараёни азназаргузаронии ҷои ҳодиса ба таҳлили муқоисавӣ метавонанд объектҳои гуногуни моддӣ ҷалб гарданд, аз ҷумла:

– чанд предмети якнавъ, ки дар байни онҳо мавҷудияти ягонагӣ тахмин карда мешавад (масалан, пораҳои шиша);

– предмет ва инъикосҳои он, ба монанди олоти шикаста ва изе, ки он дар ҷои ҳодиса боқӣ гузоштааст.

Ҳангоми анҷом додани таҳлили муқоисавӣ дар доираи азназаргузаронии ҷои ҳодиса бояд танҳо аломатҳое истифода шаванд, ки воқеан мавҷуданд, устуворанд ва барои мушоҳидаи бевосита дастрас мебошанд.

Аз ҷиҳати техникӣ, омӯзиши муқоисавӣ дар шароити азназаргузаронии ҷои ҳодиса тавассути се усули асосӣ амалӣ мегардад: муқоиса, болои ҳам гузоштан ва якҷоягии объектҳо [15, с. 220; 73 с. 668].

Ҳадафи асосии азназаргузаронии ҷои ҳодиса муайян намудани маълумоти воқеие мебошад, ки дар ҷараёни тафтиши парванда ҳамчун далел истифода мешаванд. Дар ин замина масъалаи аҳаммияти исботкунии натиҷаҳои таҳқиқоти муқоисавие, ки ҳангоми азназаргузаронии объектҳо анҷом дода мешавад, ба миён меояд. Бояд қайд намуд, ки сарбории асосии исботкунӣ ба далели ошкоршудаи мувофиқат ё фарқияти аломатҳои мушоҳидашаванда рост меояд.

Агар аҳаммияти чунин далел барои ҳама фаҳмо ва равшан бошад, он бевосита ба занҷири исботнамоӣ дохил карда мешавад. Дар ҳолатҳое, ки арзёбии мувофиқатҳо ё фарқиятҳо танҳо бо истифодаи дониши махсус

ба таври дуруст имконпазир аст, барои ба даст овардани хулосаҳои боэътимод экспертизаи дахлдор пас аз азназаргузаронии ҷои ҳодиса таъин карда мешавад [86, с. 163; 34 с. 263; 39, с. 62; 28, с. 451].

Ҳангоми азназаргузаронии объектҳои азназаргузаронии ҷои ҳодиса, ки аз қисмҳои парокандаи як ҷузъи ягона иборатанд, дар баробари таҳқиқоти муқоисавӣ метавон усули барқарорсозиро низ татбиқ намуд. Моҳияти ин усул дар омӯзиши ҳамзамони пораҳои алоҳида ва баъдан бозсозии намуди зоҳирии ҷузъи ягона дар асоси ин қисмҳо ифода меёбад.

«Барқарорсозӣ танҳо баъд аз муқоисаи пешакӣ анҷом дода мешавад, зеро маҳз тавассути таҳлили муқоисавӣ имкон дорад қисмҳо ва пораҳои ба ҳам тааллуқдошта муайян карда шаванд» [86, с. 163]. Масалан, ҳангоми тартиб додани навиштаи кандашуда аз пораҳои ҷудогонаи коғаз ё ҳангоми барқарорсозии предмет аз рӯйи тасвире, ки дар сатҳи он нақш бастааст, ба назар мерасад. Раванди бозсозии ягонагӣ ба таври назаррас осон мегардад, агар муфаттиш нусхаи объекти парокандашуда ё тасвири онро (масалан, акс ё нусхаи роҳхати кандашуда) дар ихтиёр дошта бошад.

Бояд таъкид намуд, ки барқарор кардани ягонагӣ аз рӯйи қисмҳо дар ҷараёни азназаргузаронӣ набояд бо чунин пайваст намудани пораҳо анҷом дода шавад, ки имконияти азназаргузаронии такрорӣ ва барқарорсозии минбаъдаро маҳдуд намояд. Бо ҳамин сабаб, часпондани қисмҳо бо истифода аз ширешҳои хушкшаванда дар ҷараёни азназаргузаронӣ ғайри қобили қабул дониста мешавад, сарфи назар аз он ки ин усул дар амалия нисбатан паҳн шудааст. Раванди барқарорсозӣ бояд баргардондашаванда бошад, ки ин ҳамчунин интихоби воситаҳои техникии мувофиқро муайян менамояд. Барои пайваст ва маҳкам намудани қисмҳои предмети ҳамвор метавон аз шишаҳои канорбандишуда истифода бурд; пораҳои шакли номунтазамро мувофиқи мақсад аст бо истифода аз плёнкаҳои шаффофи часпаки

хушкнашаванда ё лейкопластир ва дар баъзе ҳолатҳо бо пластилин маҳкам намуд.

«Пас аз анҷом ёфтани омӯзиши маҷмуи аломатҳои моддии объектҳо бо истифода аз усулҳои дар боло зикршуда, муфаттиш уҳдадор аст чораҳоеро андешад, ки ҳифзи предметҳои таҳқиқшударо таъмин намоянд» [34 с. 263]. Ин марҳилаи азназаргузаронӣ ҳаллу фасли масъалаҳо ва иҷрои амалиётҳои техникиро дар бар мегирад, ки ба бастабандӣ ва муҳргузории объектҳо вобастаанд ва ягонагии онҳо, инчунин имконияти таҳлили минбаъдаро кафолат медиҳанд.

Тактикаи таҳияшудаи азназаргузаронии ҷои ҳодиса маҷмуи ҳаракатҳои тафтишӣ, ошкорсозии низомноки аломатҳои сифатӣ ва миқдорӣ, фардикунондани объектҳо, инчунин истифодаи таҳлили муқоисавӣ ва барқарорсозиро дар бар мегирад, ки ба баланд бардоштани боэътимодӣ ва пуррагии сабти далелҳо мусоидат менамояд.

Истифодаи ин усул ба истифодаи самараноки предметҳои азназаргузаришуда ҳамчун далелҳои шайъӣ мусоидат намуда, хавфи ивазшавӣ ё аз даст рафтани иттилоотро дар ҷараёни тафтиши пешакӣ коҳиш медиҳад.

## 3.3. Таҳқиқоти криминалистии давраи натиҷагирии азназаргузаронии ҷои ҳодиса

Дарҷи натиҷаҳои азназаргузаронӣ бо риояи шакли муқаррарнамудаи қонун инъикоси ҳуҷҷатии тамоми он чизест, ки муфаттиш дар ҷои ҳодиса ошкор намудааст. Он ҳамчунин тавсифи амалҳои аз ҷониби муфаттиш дар ҷои ҳодиса анҷомдодашуда, сабти манзараи умумии вазъи ҳодиса, инчунин хусусиятҳо, ҳолат ва аломатҳои унсурҳои ҷудогонаи ҷои ҳодисаро дар бар мегирад.

Таҳлили маводи бойгонӣ ва адабиётҳо имкон медиҳад чунин хулоса намоем, ки дарҷи натиҷаҳои азназаргузаронӣ ҳанӯз дар асрҳои XIV–XV

дар Россия оғоз ёфтааст. Аввалин усулҳои дарҷ – протоколнигорӣ, ченкунӣ ва таҳияи нақшаҳо ва ҷадвалҳо дар ҷараёни ҳаллу фасли баҳсҳои заминӣ ба вуҷуд омада, баъдтар дар тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ низ татбиқ гардиданд. Бидуни тағйироти ҷиддӣ ин усулҳо то миёнаҳои асри XIX мавҷудияти худро нигоҳ доштанд [16, с. 483].

Усулҳои дигари дарҷнамоӣ танҳо аз нимаи дуюми асри XIX ба амалияи тафтишӣ ворид шудан гирифтанд. Масалан, соли 1867 духтури рус А.Э.Борхман усули дарҷи изҳои по бо истифода аз гипсро пешниҳод намуд. Бо тағйироти ночиз ин усул то имрӯз низ истифода мешавад. Дарҷи изҳо бо ёрии гипс нисбат ба тавсияи Гюгулен (соли 1850) оид ба истифодаи хокаи майдаи стеарин, ки барои ҳамон мақсад тавсия медод аҳаммияти хеле бештар дошт [164, с. 18].

Кори низомнок оид ба ҷорӣ намудани доираи васеи воситаҳо ва усулҳои илмии дарҷнамоӣ баъд аз таъсиси мақомоти шуравии таҳқиқ ва тафтишот оғоз гардид. Фармонҳо оид ба милитсияи ҷустуҷӯии ҷиноятӣ, низомномаҳо дар бораи муфаттишони ҳарбӣ ва халқӣ, инчунин дастурҳое, ки дар як қатор губернияҳо барои муфаттишони халқӣ ва мақомоти милитсия нашр шудаанд, дастурҳои нисбатан муфассалро дар бораи тартиби гузаронидани азназаргузаронии ҷои ҳодиса дар бар мегирифтанд. Дар онҳо қоидаҳои тартиб додани протоколҳои азназаргузаронӣ, нақшаҳо ва схемаҳои ҷои ҳодиса, аксбардорӣ ва дигар усулҳои сабти натиҷаҳои азназаргузаронӣ баён мешуданд. Дар оянда криминалистони шуравӣ усулҳои аксбардории андозагирӣ, дарҷи изҳои андозавӣ ва дигар роҳу воситаҳоро таҳия намуданд.

Хусусан рушди муваффақонаи дарҷи натиҷаҳои азназаргузаронии ҷои ҳодиса баъд аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба назар мерасад. Ба ин таъсиси муассисаҳои махсус дар солҳои 1946-1949 мусоидат намуд [55, с. 704]. Дар ин муассисаҳо, аз ҷумла, маҷмуи воситаҳои илмӣ-техникӣ таҳия карда шуданд, ки барои муфаттиш ҷиҳати сабти натиҷаҳои азназаргузаронии ҷои ҳодиса зарур мебошанд.

Таҷҳизонидани техникии муфаттишон, аз худ намудани донишҳои илми криминалистика аз ҷониби онҳо, инчунин ёрии тахассусии мутахассисон барои рушди минбаъда ва такмили воситаҳо ва усулҳои илмии сабти натиҷаҳои азназаргузаронии ҷои ҳодиса шароити мусоид фароҳам оварданд ва ба истифодаи васеи ин воситаҳо ва усулҳо дар амалияи ҳаррӯзаи тафтишӣ мусоидат намуданд.

Ба назари мо, зери мафҳуми дарҷи натиҷаҳои азназаргузаронии ҷои ҳодиса бояд амалҳое фаҳмида шаванд, ки дар тартиби мурофиавӣ аз ҷониби шахси гузаронандаи азназаргузаронӣ ва мутахассиси ҷалбшуда анҷом дода шуда, ба мустаҳкам намудани вазъияти ҷои ҳодиса ва далелҳои шайъии ошкоргардида бо тавсифи ҳатмии воситаҳо, усулҳо ва объектҳои сабт дар протоколи азназаргузаронии ҷои ҳодиса равона шудаанд. Гирифтани далелҳои шайъӣ, бастабандӣ ва ҳамроҳ кардани онҳо ба парванда худ аз худ сабт ҳисобида намешаванд.

Бояд байни воситаҳои умумӣ ва хусусии дарҷи натиҷаҳои азназаргузаронӣ фарқ гузошта шавад. «Ба воситаҳои умумии дарҷ он воситаҳо мансубанд, ки бо ёрии онҳо муфаттиш манзараи умумии ҷои ҳодиса, муҳити содир шудани ҷиноят ва маҷмуи ҳамаи объектҳои дар ҷои ҳодиса мавҷудбударо сабт менамояд» [55, с. 704]. Ба чунин воситаҳо дохил мешаванд: протоколи азназаргузаронии ҷои ҳодиса, ҷадвалҳо, нақшаҳо ва нақшабандиҳои ҷои ҳодиса, инчунин аксҳои он. Ба воситаҳои хусусии сабт бошад, он воситаҳо тааллуқ доранд, ки барои сабти натиҷаҳои азназаргузаронии объектҳои алоҳида дар ҷои ҳодиса истифода мешаванд, аз қабили аксҳои миқёсдор, қолабҳо, расмкашӣ ва монанди инҳо.

Ҳамчунин воситаҳои асосӣ (ҳатмӣ) ва иловагӣ (ёрирасон)-и сабти натиҷаҳои азназаргузаронии ҷои ҳодиса фарқ карда мешаванд. Воситаи ҳатмии сабт протоколи азназаргузаронии ҷои ҳодиса мебошад (моддаҳои моддаи 172 ва 187 КМҶ ҶТ), дар ҳоле ки ҳамаи воситаҳои

дигар аҳаммияти ёрирасон дошта, бо ихтиёри муфаттиш истифода мегарданд.

Оид ба худи номгузории протокол низ ихтилофи назарҳо вуҷуд дорад. Масалан, баъзе криминалистҳо тавсия медиҳанд онро «Протоколи азназаргузаронии ҷои ҷиноят» [76, с. 320] номид, дигарон бошанд, ки мо низ ин мавқеъро ҷонибдорӣ мекунад, истифодаи истилоҳи «Протоколи азназаргузаронии ҷои ҳодиса»-ро мувофиқтар меҳисобанд.

Ҳангоми истифодаи сарлавҳаи «Протоколи азназаргузаронии ҷои ҷиноят» масъалаи мавҷудияти ҷиноят аллакай дар ибтидо пешакӣ ҳалшуда шуморида мешавад, дар ҳоле ки номгузории «Протоколи азназаргузаронии ҷои ҳодиса» ҳам эҳтимоли ҷиноят ва ҳам дигар ҳолатҳоро, ки бо ҷиноят вобаста нестанд, истисно намекунад.

Кӯшиши баъзе экспертҳои судӣ-тиббӣ ҷиҳати ҷорӣ намудани номгузории «Протоколи азназаргузаронии ибтидоии ҷасад дар ҷои ошкоршавии он» ба ҷои «Протоколи азназаргузаронии ҷои ҳодиса ва ҷасад дар ҷои ошкоршавии он» номувофиқ ба ҳисоб меравад, зеро ҳангоми азназаргузаронии ҷои ҳодиса ва ҷасад дар ҷои ошкоршавии он як протокол тартиб дода мешавад, на дуто. Масъалаҳои вобаста ба ҷасад ва ҷои ҳодисаро ҷудогона омӯхтан ғайриимкон аст.

Моҳияти азназаргузаронӣ маҳз дар он ифода меёбад, ки муҳити ҷои ҳодиса омӯхта ва сабт карда шавад, далелҳои шайъии ошкоршуда дар робитаи мутақобили онҳо таҳқиқ гарданд, ки ин имконият медиҳад ҳангоми таҳлили маводи ҷамъоваришуда дар бораи ҳолат хулоса бароварда шавад [35, с. 270].

Протоколи азназаргузаронии ҷои ҳодиса ҳуҷҷати мурофиавӣ мебошад, ки дар он амалҳои шахси роҳбарикунандаи азназаргузаронӣ ва иштирокчиёни он дар ҳамон пайдарпайие, ки азназаргузаронӣ анҷом дода шудааст, инчунин тамоми предметҳои ошкоргардида дар ҳамон шакле, ки дар лаҳзаи азназаргузаронӣ мушоҳида мешуданд, баён мегарданд (м. 187 КМҶ ҶТ).

Протокол бояд муҳити ҷои ҳодиса, изҳо ва ашёҳои ҳангоми азназаргузаронӣ ошкоршудаоро пурра, дақиқ ва холисона инъикос намояд, ҳамчунин маълумотро дар бораи усулҳои тактикӣ ва воситаҳои техникӣ, ки дар ҷараёни ин амали тафтишӣ истифода шудаанд, дар бар гирад [10, с. 259].

Он бояд ба тавре таҳия карда шавад, ки ҳангоми омӯзиши он имконияти тасаввур намудани ҷойгиршавӣ ва хусусиятҳои ашё, изҳо ва дигар далелҳои шайъие, ки дар ҷои ҳодиса ошкор шудаанд ва метавонанд барои тафтиши парванда аҳаммият дошта бошанд, ҷой дошта бошад. Шахсе, ки дар ҷои ҳодиса ҳузур надошта ва пешакӣ дар бораи он тасаввурот надошт, ҳангоми хондани протокол бояд ҷои ҳодисаро ба таври возеҳ дарк намояд. Протокол бояд чунин тартиб дода шавад, ки дар асоси он манзараи ҷои ҳодиса пурра барқарор карда шуда, дигар далелҳо, аз ҷумла нишондодҳои айбдоршавандагон ва шоҳидон, санҷида шаванд.

Протоколи азназаргузаронии ҷои ҳодиса аз ҷониби муфаттиш тартиб дода мешавад. Дар ҷараёни азназаргузаронӣ қайдҳои пешакӣ анҷом дода мешаванд, то ки баъд аз анҷоми азназаргузаронӣ барои таҳияи протокол истифода гарданд. Ба мақсад мувофиқ аст, ки дар ҷараёни азназаргузаронии статикӣ дар сиёҳнависи протокол намуди зоҳирӣ, ҳолат ва ҷойгиршавии мутақобили объектҳои азназаргузаришаванда ба таври дақиқ тавсиф карда шаванд. Танҳо баъд аз ин бояд аломатҳое сабт гарданд, ки дар натиҷаи азназаргузаронии динамикӣ ошкор шудаанд.

«Баъзе муаллифон таъкид менамоянд, ки дар ҳолатҳои истисноӣ (масалан, шароити номусоиди обу ҳаво ҳангоми азназаргузаронӣ дар маҳалли кушод) протоколи азназаргузаронӣ метавонад на дар ҷои ҳодиса, балки дар ҷои дигар (кабинети муфаттиш ва ғайра) тартиб дода шавад. Ҳангоми азназаргузаронии ҷои ҳодиса коршиноси тиббӣ ва мутахассис-криминалист ба таҳияи протокол ҷалб карда мешаванд, то

дар тавсифи дақиқи он объектҳое, ки омӯзиши онҳо ба салоҳияти касбии онҳо тааллуқ дорад, кумак расонанд» [126, с. 40-50].

Протоколи азназаргузаронӣ аз се қисм иборат аст: муқаддимавӣ, тавсифӣ ва хотимавӣ.

Дар қисми муқаддимавии протокол маълумоти зерин зикр мегардад:

– вақти гузаронидани азназаргузаронӣ (сана, вақти оғоз ва анҷом);

– ҷои гузаронидани азназаргузаронӣ;

– вазифа, рутба, насаб ва ҳарфҳои аввали ном ва номи падари шахсе, ки азназаргузарониро анҷом дода ва протокол тартиб додааст;

– насаб, ном, номи падар ва суроғаи шахсони холис;

– вазифа ва насаби мутахассис;

– насаб, ном ва номи падари дигар иштирокчиёни азназаргузаронӣ;

– асос (сабаб) барои гузаронидани азназаргузаронии ҷои ҳодиса;

– шароити гузаронидани азназаргузаронӣ (равшанӣ, обу ҳаво, ҳарорати ҳаво).

Қисми муқаддимавӣ бо истинод ба моддаҳои дахлдори қонунгузории мурофиавӣ ва м. 187 КМҶ ҶТ, ки тибқи онҳо азназаргузаронӣ анҷом дода шудааст, анҷом меёбад.

Нуқтаҳои зикршудаи қисми муқаддимавии протокол ҷавобҳои ҷудогона ва муфассалро талаб намекунанд. Қисме аз маълумотҳоро метавон дар як ҷумла ҷамъбаст кард. Масалан: «Азназаргузаронӣ аз соати 10 то 12, дар ҳавои офтобӣ ва ҳарорати ҳаво +7°С гузаронида шуд».

Дар амалия, бо мақсади суръат бахшидан ба таҳияи протоколи азназаргузаронии ҷои ҳодиса, муфаттишон аз варақаҳои стандартӣ истифода мебаранд. Дар ҳолати зарурат, ин варақаҳо бо маълумоте пурра карда мешаванд, ки дар графаҳои онҳо пешбинӣ нашудаанд.

Дар қисми тавсифии протокол маълумоти зерин оварда мешавад:

1. Хусусияти умумии ҷои ҳодиса:

– барои маҳалли кушод: саҳади ҳудуд, ҷойгиршавии он нисбат ба нишонаҳо;

– барои бино: андозаҳо; таъинот (хона, анбор ва ғ.);

– муҳити атроф ва роҳҳои дастрасӣ.

2. Вазъияти бевоситаи ҷои ҳодиса:

– дар маҳалли кушод: роҳҳо, дарё, дарахтон ва дигар нишонаҳо ва ашё;

– дар бино: деворҳо, фарш, шифт, тирезаҳо, оташдон, мебел, дарҳо;

– ҳолати қулфу бастҳои дару тирезаҳо.

3. Роҳҳои эҳтимолии ворид шудан ба ҷои ҳодиса ва баромадан аз он:

– тамоми роҳе, ки мавриди азназаргузаронӣ қарор гирифтааст, тавсиф карда мешавад.

4. Ҷойҳое, ки шоҳидон метавонистанд анҷом ёфтани амалҳо ё худи ҳодисаро бинанд:

– аз ҷумла содиршавии куштор, амалҳои пинҳон кардани оқибатҳо, олоти куштор ва ғ.

5. Объектҳои таҷовузи ҷиноятӣ:

– (масалан, ҷасад).

6. Изҳо ва далелҳои шайъии ошкоршуда, олоти ҷиноят:

– ном, ҷойгиршавӣ, шакл, андоза ва дигар хусусиятҳо;

– усулҳое, ки барои ошкоркунӣ, сабт ва гирифтани онҳо истифода шудаанд.

7. Ҳолатҳои манфӣ (негативӣ) [122, с. 150-158].

Агар дар ҷои ҳодиса ҷасад ошкор шуда бошад, дар протокол чунин маълумот тавсиф мегардад:

– ҷойгиршавӣ ва тарзи исти ҷасад;

– ҳолати либос, ҳуҷҷатҳо ва ашёе, ки дар ҷайбҳо мавҷуданд;

– осебҳои ҷисмонӣ (ҷойгиршавӣ, шакл, андоза);

– аломатҳои ҷасадӣ (доғҳои ҷасадӣ, ҷойгиршавӣ ва ранги онҳо, сардшавӣ, дараҷаи сахтшавӣ; аломатҳои пусиш ва ғ.);

– дар сурати муайян набудани шахсият: синни тахминӣ, сохти бадан, қад, аломатҳои рӯй ва дигар нишонаҳо тибқи низоми «портрети шифоҳӣ».

Вазъияти ҷои ҳодиса гуногун буда метавонад ва нуқтаҳои дар боло зикршуда, ки ба муҳтавои қисми тавсифӣ тааллуқ доранд, дар асл нақшаи намунавии азназаргузаронӣ мебошанд ва имкон медиҳанд натиҷаҳои азназаргузаронӣ дар протокол ҳар чи пурратар инъикос гарданд.

Дар як қатор ҳолатҳо вазъияти ҷои ҳодиса то расидани муфаттиш қисман тағйир ёфта метавонад. Дар протокол бояд ҳамон ҳолати предмет сабт карда шавад, ки дар ҷараёни азназаргузаронӣ мушоҳида шудааст. Ба шоҳидон ё дигар шахсоне, ки вазъиятро тағйир додаанд ё тағйирёбии онро дидаанд, пешниҳод мегардад, ки дар ҷараёни азназаргузаронӣ дар бораи вазъият ва ҷойгиршавии ашё баёнот диҳанд. Ба андешаи як қатор криминалистҳо, ин маълумот метавонад ба шакли истинодҳо дар протоколи азназаргузаронӣ оварда шавад, дар ҳоле ки тавсифи муфассалтар дар протоколи пурсиш ва ё баёнот инъикос меёбад [65, с. 356].

Қисми хотимавии протокол бояд дар бар гирад:

– номгӯйи ашё ва изҳое, ки аз ҷои ҳодиса гирифта шудаанд ва тарзи бастабандии ҳар яки онҳо. Зарур аст муқоисаи дақиқи маълумоти дар қисми тавсифӣ зикршуда бо маълумоте, ки ҳангоми номбар кардани ашё, ҳуҷҷатҳо ва изҳои гирифташуда оварда мешавад. Инъикоси гирифтани объектҳое, ки ҳангоми тавсифи ҷои ҳодиса умуман зикр нашудаанд, қобили қабул нест;

– зикри аксбардорӣ, наворбардории киноӣ ё видеоӣ, таҳияи нақшаҳо, схемаҳо ва расмкашӣ, инчунин сохтани қолабҳо;

– изҳороти шахсони холис ва дигар иштирокчиёни азназаргузаронӣ. Дар сурати набудани чунин изҳорот, дар протокол қайд карда мешавад, ки шикоят ё изҳорот ворид нашудааст.

«Пас аз тартиб додани протокол, бо мухтавои он бояд ҳамаи иштирокчиёни азназаргузаронӣ шинос карда шаванд ва онҳо бояд дурустии маълумоти ба он воридшударо тасдиқ намоянд» [2].

Ченкуниҳое, ки дар ҷои ҳодиса анҷом дода мешаванд, бояд дар протокол ба таври дақиқ инъикос ёбанд. Истифодаи чунин иборахо, мисли «тақрибан», «наздик», «қариб», «ба андозаи лӯбиё» ва монанди инҳо қобили қабул нест. Ба ҳамин андоза сабтҳое низ иҷозат дода намешаванд, ки хулоса ё арзёбии муфаттиш нисбат ба ҳолатҳо ва далелҳои ошкоршударо дар бар мегиранд.

«Баъзан дар қисми хотимавии протокол натиҷагирӣ карда мешавад, ақидаҳо дар бораи ангезаи ҷиноят баён мегарданд ва монанди инҳо, ки аз лиҳози моҳият вайронкунии ҷиддии талаботе мебошад, ки нисбат ба протоколи азназаргузаронӣ пешбинӣ шудаанд. Протоколи азназаргузаронӣ бояд бе ислоҳ, хаткашӣ ва поккорӣ тартиб дода шавад. Дар ҳолатҳое, ки ҳангоми таҳияи протокол иштибоҳ роҳ дода шудааст ё тавсиф нопурра мондааст, бояд дар бораи ислоҳи матн қайд гузошта шуда, ҳолатҳои аз мадди назар дурмонда ба таври махсус сабт карда шаванд. Дар протокол ҳатман вақти анҷоми азназаргузаронии ҷои ҳодиса зикр мегардад. Протоколро аввал шахси мансабдоре, ки азназаргузарониро анҷом додааст, баъдан дигар иштирокчиён – эксперти судӣ-тиббӣ, мутахассис-криминалист ва шахсони холис имзо менамоянд» [2].

Моддаи 187 КМҶ ҶТ талаб мекунад, ки дар протоколи азназаргузаронӣ – кадом воситаҳои техникӣ татбиқ шуд ва натиҷаҳои он чӣ гуна аст нишон дода шаванд. Бо вуҷуди ин, дар амалияи тафтишӣ ин талаботи қонун на ҳамеша иҷро мегарданд.

Баъзан аз протоколҳои азназаргузаронӣ муайян кардан ғайриимкон аст, ки кадом воситаҳои илмӣ-техникӣ ва бо кадом тарз истифода шудаанд. Ҳатто ҳангоми истифодаи чунин воситаи маъмул, мисли аксбардорӣ, муфаттишон одатан танҳо ба зикри худи далели аксгирӣ

маҳдуд мешаванд, бе он ки нишон диҳанд кӣ аксбардориро анҷом додааст, бо кадом дастгоҳ, бо кадом навъи плёнка (ё воситаи рақамӣ) ва дар кадом шароит. Гузашта аз ин, ҳолатҳое низ ба назар мерасанд, ки бо вуҷуди мавҷудияти шумораи зиёди аксҳо дар парванда, худи далели анҷом ёфтани аксбардорӣ дар ҳеҷ як ҳуҷҷат сабт нашудааст.

На ҳамеша дар протоколи азназаргузаронӣ дар бораи сохтани қолабҳо, кашидани схемаҳо ва дигар амалҳои шабеҳ ишора карда мешавад.

«Фаъолияти муфаттиш ҳангоми азназаргузаронии ҷои ҳодиса бо фаъолияти мутахассисон зич алоқаманд мебошад, зеро онҳо дар ошкор намудани далелҳои шайъӣ, махсусан изҳо, сабт, гирифтан ва бастабандии онҳо кӯмак мерасонанд. Донишҳои махсуси ин шахсон ҳамчунин ҳангоми аксбардорӣ, наворбардории киноӣ ва дигар корҳои ба сабти муҳити ҷои ҳодиса ва ҷузъиёти алоҳидаи он равонашуда истифода мешаванд. Нуқтаи назари бештар паҳншуда чунин аст, ки андешаи мутахассис, ки ӯ дар робита ба азназаргузаронӣ ё таҳқиқи пешакии далелҳои шайъӣ иброз менамояд, танҳо аҳаммияти оперативӣ дошта, ба протоколи азназаргузаронӣ ворид карда намешавад» [187].

Бо вуҷуди ин, дар адабиёти криминалистӣ ақидаи муқобил низ баён шудааст. Аз ҷумла, Б.М.Комаринес ва Г.А.Глассон таъкид менамоянд, ки «дар охири протокол мумкин аст хулосаи мутахассис (эксперт), ки ӯ онро дар асоси таҳқиқоте, ки ҳангоми азназаргузаронӣ анҷом додааст, тартиб додааст, ворид карда шавад (масалан, андешаи пешакии эксперти судӣ-тиббӣ дар бораи сабабҳои марг, ки дар асоси азназаргузаронии берунии ҷасад иброз мегардад)» [71, с. 304].

Муайян намудани чунин тартиби сабт масъулияти мутахассисро барои сифати кори анҷомдодааш баланд мебардорад ва ҳамзамон кори муфаттишро ҳангоми тартиб додани протоколи азназаргузаронии ҷои ҳодиса осон мекунад. Санад оид ба истифодаи воситаҳои техникӣ, ки ба

протокол ҳамроҳ карда мешавад, муҳтавои онро ба таври ҷиддӣ такмил медиҳад.

«Маълумот дар бораи усулҳо ва маводе, ки мутахассис барои сабти изҳо ва дигар далелҳои шайъӣ истифода намудааст, барои арзёбии аҳаммияти исботкунии натиҷаҳои азназаргузаронӣ бетафовут нест. Аз ин рӯ, онҳо бояд дар протоколи ин амали тафтишӣ инъикос ёбанд. Ин, ҳарчанд, ҳаҷми аллакай бузурги протоколро зиёд намуда, онро бо маълумоти техникии иловагӣ вазнин мегардонад» [71, с. 304].

Масъалаи имконияти ворид намудани баёноти шоҳидон ба протоколи азназаргузаронӣ низ баҳснок мебошад. «Масалан, А.И.Миронов бар он аст, ки дар протокол набояд ягон маълумоте ҷой дошта бошад, ки мустақиман ба азназаргузаронии ҷои ҳодиса дахл надорад, аз ҷумла баёноти шоҳидон ва андешаҳои мутахассисон» [66, с. 160].

Андеша дар бораи имконияти ворид намудани хулосаҳои мутахассис ва гуфтаҳои шоҳидон ба протоколи азназаргузаронӣ аз амалияи нодуруст ташаккулёфта сарчашма мегирад. Ба назар мерасад, ки на хулосаҳои мутахассис ва на баёноти шоҳидон дар протоколи азназаргузаронӣ ҷой надоранд. Хулосаи мутахассис, ки ба протокол ворид карда мешавад, ба як навъ ивазкунандаи сунъии хулосаи экспертиза табдил меёбад, дар ҳоле ки гуфтаи шоҳидон ба нишондоди шоҳид баробар карда мешавад. Аммо на мутахассис ва на шоҳид барои чунин изҳорот ягон хел ҷавобгарӣ намебаранд. Аз ин рӯ, чунин сабтҳо дар протоколи азназаргузаронӣ ҳеҷ гуна аҳаммияти исботкунӣ дошта наметавонанд.

Зарурати воқеӣ ба чунин сабтҳо вуҷуд надорад, зеро муфаттиш ҳамеша метавонад тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун экспертиза таъин намояд ё шоҳидонро пурсиш кунад.

Аммо чизи дигар муҳим аст: дар протоколи азназаргузаронӣ бояд зикр карда шавад, ки кадом воситаҳо ва усулҳои илмӣ-техникӣ аз ҷониби

мутахассис истифода шудаанд. Агар дар натиҷаи истифодаи онҳо ҳолатҳое ошкор гарданд, ки барои ҳамаи иштирокчиёни азназаргузаронӣ, аз ҷумла барои шахсони холис, возеҳ ва ошкор мебошанд, онҳо бешубҳа мумкин аст дар протокол инъикос ёбанд.

Таҳлили парвандаҳои мавриди омӯзиш гувоҳӣ медиҳад, ки дар амалия ҳангоми сабти натиҷаҳои азназаргузаронӣ дар протоколи азназаргузаронии ҷои ҳодиса ба иштибоҳҳои ҷиддӣ роҳ дода мешавад. Аз шумораи парвандаҳои таҳлилшуда, дар 40 фоиз ҳолатҳо муфаттишон аломатҳои хоси силоҳи дар ҷои ҳодиса ошкоршударо пурра тавсиф накардаанд, ҷойгиршавӣ ва хусусияти ҷароҳатҳо дар ҷасадро нишон надодаанд ва ғайра. Ба ин тартиб, қариб дар ҳар як шашумин парвандаи ҷиноятӣ протоколи азназаргузаронии ҷои ҳодиса дорои камбудиҳои муҳимми мазмунӣ ба назар мерасад. Дар як қатор ҳолатҳо, аз рӯйи қайдҳои мавҷуда дар протокол, ташаккул додани тасаввуроти дуруст дар бораи вазъияти ҷои ҳодиса ғайриимкон мегардад. Дар ҳар як сеяки парвандаи ҷиноятӣ, ки дар он азназаргузаронии ҷои ҳодиса гузаронида шудааст, қисми тавсифии протокол бо баёнот ва мулоҳизаҳои зиёдатие пурбор гардидааст, ки мустақиман ба азназаргузаронӣ алоқаманд набудаанд. Дар чунин ҳолатҳо протоколҳои азназаргузаронӣ ба як пайдарпайии бетартиби маълумоти воқеии ҳангоми азназаргузаронӣ бадастомада бо иттилооте табдил ёфтаанд, ки аз ҷониби шоҳидони ҳодиса, хешовандони кушташуда ё шахсони аввалин, ки ҷиноятро ошкор кардаанд, хабар дода шудаанд.

Сарфи назар аз аҳаммияти истисноии азназаргузаронӣ, дар бисёре аз парвандаҳои таҳлилшуда ҳангоми таҳияи протоколи ин амали тафтишӣ талаботи қисми 2 моддаи 187 КМҶ ҶТ риоя нагардидааст. Мувофиқи ин талабот, «дар протокол бояд ҳамаи амалҳои муфаттиш, дар баробари он тамоми объектҳои ҳангоми азназаргузаронӣ ошкоргардида бо ҳамон пайдарҳамие, ки азназаргузаронӣ сурат гирифта буд ва дар ҳамон шакле, ки объекти ошкоргардида дар лаҳзаи азназаргузаронӣ мушоҳида

шудааст, дарҷ мегардад» [2]. Дар протокол ҳамаи объектҳои ҳангоми азназаргузаронӣ гирифташуда номбар ва дарҷ карда мешаванд. Дар баъзе парвандаҳо протоколҳо ба таври беасос кӯтоҳ тартиб дода шуда, ба назар мерасад. Табиист, ки дар чунин маврид вазъияти ҷои ҳодисаро пурра инъикос накардаанд, ки ин ногузир кори ошкор намудани ҷиноятҳоро мушкил мегардонид. Дар баъзе протоколҳо пайдарпайии баён вайрон шуда, дар натиҷа фаҳмидани вазъияти ҷои ҳодиса душвор мегардид. Изҳои ҷиноятҳо нокифоя тавсиф карда мешуданд, шакл, андоза ва ҷойгиршавии онҳо нишон дода намешуд. Масалан, дар яке аз парвандаҳои куштор дар бораи далелҳои шайъӣ дар протоколи азназаргузаронӣ танҳо қайд гардидааст, ки аз ҷои ҳодиса «корд бо доғҳои хун» ва «микрозарраҳо аз ҷасад» гирифта шудаанд.

Дар баъзе ҳолатҳо нишон дода нашудааст, ки изҳои ангуштони даст бо кадом усул, бо истифодаи кадом хокаҳо ё реактивҳо ошкор карда шудаанд, микрозарраҳо ва дигар изҳои ҷиноят бо кадом методҳо муайян гардидаанд.

Дар ҳамаи протоколҳои азназаргузаронии ҷои ҳодисаи мавриди омӯзиш қайдҳо дар бораи бастабандӣ ва мухргузории объектҳои гирифташуда вуҷуд надоштанд. Ҳол он ки қонун (моддаи 183 КМҶ ҶТ) пешбинӣ менамояд: «Азназаргузаронии изҳо, ва дигар объектҳои моддии ошкоршуда дар маҳалли пешбурди амали тафтишӣ анҷом дода мешавад. Агар барои азназаргузаронӣ мӯҳлати зиёд лозим бошад ё азназаргузаронӣ дар ҷои муайяншуда ниҳоят душвор бошад, объектҳо бояд гирифта, печонда ва муҳр зада, бидуни расонидани осеб ба ҷои дигари барои азназаргузаронӣ мусоид оварда мешаванд» [2]. Равшан аст, ки гирифтани изҳои ҷиноят ва далелҳои шайъӣ дар парвандаҳои куштор ба он ҳолатҳо мансубанд, ки дар онҳо муфаттиш уҳдадор аст ба ҳифзи ашёҳои гирифташаванда таваҷҷуҳи махсус зоҳир намояд. Вайрон кардани ин талаботи қонуни мурофиавӣ ба оқибатҳои номатлуб оварда мерасонад.

Тибқи маълумоти протоколҳо, тавсияҳои тактикие, ки пуррагӣ ва пайдарпайии азназаргузарониро таъмин менамоянд, нисбат ба ҷои ҳодиса дар 15% ҳолатҳо ва нисбат ба азназаргузаронии ҷасад дар 12% ҳолатҳо сарфи назар карда шудаанд.

Маводе, ки дар натиҷаи истифодаи воситаҳои ёрирасон ба даст оварда мешаванд, ба протокол замима мегарданд; шароит ва тартиби истифодаи онҳо, инчунин воситаҳои техникии истифодашуда бояд дар протоколи азназаргузаронии ҷои ҳодиса инъикос ёбанд (м. 187 КМҶ ҶТ). Кашидани нақшаҳо, схемаҳо ва расмкашӣ дар сабти натиҷаҳои азназаргузаронӣ аҳаммияти муҳим дорад, зеро на ҳамеша бо роҳи тавсифи матнӣ имкон аст вазъияти ҷои ҳодиса ба таври ҳамаҷониба инъикос карда шавад. Аксар вақт ҳангоми тавсифи шакл, андоза ва ҷойгиршавии ашё ва изҳо мушкилот ба миён меояд ва баъзан тасвири шакли доғи хун ё из нисбат ба тавсифи он осонтар ва равшантар мебошад.

Дар ҳолатҳое ки дар ҷои ҳодиса изҳои зиёд дар нуқтаҳои гуногуни бино ё маҳал ошкор мешаванд, бо мақсади баланд бардоштани намоёнӣ ва осон намудани дарки вазъияти ҷои ҳодиса ва омӯзиши далелҳои ҷамъоваришуда, таҳияи нақшаи ҷои ҳодиса зарур мебошад.

«Нақшаҳо, схемаҳо ва расмкашӣ манзараи равшани он чизеро фароҳам меоранд, ки дар протокол тавсиф шудааст, ва имкон медиҳанд дар бораи ҷои ҳодиса ва амалҳои ҷинояткорон ҳам дар худи ҷои ҳодиса ва ҳам дар ҳудуди ҳамшафат тасаввуроти пурра ва намоён ба даст оварда шавад» [156, с. 54-56].

Аз рӯйи муҳтаво нақшаҳо ба умумӣ ва хусусӣ ҷудо мешаванд.

Нақшаҳои умумӣ ҷои ҳодиса ва ҳудуди атрофи онро дар миқёси хурд (1:100, 1:1000) инъикос намуда, барои нишонагирии ҷои ҳодиса нисбат ба муҳити атроф, нишон додани қисмҳои таркибӣ, шохаҳо, роҳҳои наздикшавӣ ва дуршавии ҷинояткор, хусусияти маҳал ва дигар ҳолатҳо хизмат мекунанд. Чунин нақшаҳоро бо ҷузъиёти майда пурбор кардан

лозим нест ва истифодаи нишонаҳои шартии топографӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Нақшаҳои хусусӣ муҳити худи ҷои ҳодисаро инъикос мекунанд ва одатан дар миқёси 1:100 ва майдатар (1:50, 1:25 ва ғ.) таҳия шуда, дар онҳо қитъаҳои маҳал, биноҳо, ҷойҳои ҷойгиршавии далелҳо ва изҳо нишон дода мешаванд.

Ченкуниҳо бо истифода аз хаткашҳо ва рулеткаҳо анҷом дода мешаванд, кунҷҳо бо транспортир чен карда мешаванд. Аломатҳои топографӣ истифода намешаванд. Ашё ва изҳо ба таври схематикӣ тасвир карда мешаванд. Нақшаи хусусӣ дар проексияи уфуқӣ (ҳамвор), яъне дар намуди аз боло (нақшаи одӣ) кашида мешавад ё дар шакли кушодашуда (нақшаи кушодашуда) таҳия мегардад.

Нақшаҳои кушодашуда дар ҳолатҳое тартиб дода мешаванд, ки зарурати нишон додани ашё ё изҳое ба миён меояд, ки метавонанд барои парванда аҳаммият дошта бошанд ва дар деворҳо, шифт, дарҳо ё тирезаҳо ҷойгир мебошанд.

Масалан, изҳои хун, сӯрохиҳои тир, шишаи тирезае, ки ҷинояткор онро шикаста, тавассути он ба бино ворид шудааст, ҷои мустаҳкамкунии ресмон (дар шифт ё девор), ки ҷасад ба он овезон аст [156, с. 54-56]. Дар нақшаи кушодашуда на танҳо фарши бино бо ашёҳои дар болои он ҷойгиршуда, балки ҳамчунин деворҳо, дарҳо, тирезаҳо ва дар ҳолатҳои зарурӣ шифт низ тасвир карда мешаванд. Ҳангоми тартиб додани нақшаи кушодашуда, ба назари мо, зарурати нишон додани ашёе нест, ки дар деворҳо ҷойгир буда, ба ҳодисаи рухдода иртибот надоранд, масалан, расмҳо, оина, қолинчаҳо ва ғайра.

В.П.Колмаков тавсия медиҳад, ки аз рӯйи парвандаҳои махсусан ҷиддӣ, ҳангоме ки ҳодиса дар бино рух додааст, нақшаи кушодашуда тартиб дода шавад [48, с. 48]. Ба андешаи мо, бо чунин тавсияҳо розӣ шудан мумкин нест. Дар акси ҳол, ин маънои онро дорад, ки ҳангоми ошкор гардидани ҷасад дар бино дар ҳамаи ҳолатҳо бояд нақшаи

кушодашудаи ҷои ҳодиса тартиб дода шавад, ки нисбат ба таҳияи нақшаи одӣ вақти хеле бештарро талаб мекунад. Ҳол он ки аксар вақт зарурати тартиб додани нақшаи кушодашуда вуҷуд надорад, зеро ҳангоми азназаргузаронии ҷои ҳодиса дар деворҳо, дарҳо, тирезаҳо ва шифт ягон ашё ё изҳои ба ҳодиса алоқаманд ошкор намегарданд. Тартиб додани нақшаи кушодашуда дар чунин ҳолатҳо маънои кори беҳуда ва талофи вақти муфаттишро дорад.

Нақшаҳои махсус ҷузъиёти алоҳида ва объектҳои ҷои ҳодисаро инъикос менамоянд, масалан, хусусиятҳои роҳрави изҳои пой, тарзи исти ҷасад, ҷойгиршавии каналҳои тир дар ғафсии ашё ва ҷисми ҷасад ва ғайра. Миқёси чунин нақшаҳо одатан 1:10, 1:5 ё дар андозаи воқеӣ мебошад.

«Агар ҷои ҳодиса маҳалли кушод бошад, дар нақшаи схематикӣ биноҳо, роҳҳо, дарахтон ва ғайра бо истифода аз аломатҳои шартие, ки дар криминалистика қабул шудаанд, нишон дода мешаванд» [79, с. 231]. Андозаи қитъаҳои алоҳида ва масофа байни объектҳо одатан бо қадамзанӣ чен карда мешавад ва дар ҳолати зарурати ченкунии дақиқтар бо рулетка, баъдан ин маълумот дар нақша бо метр ва сантиметр нишон дода мешавад.

Дар нақшаи схематикӣ, инчунин, масалан, самти изҳои пойи ҷинояткор, изҳои воситаҳои нақлиёт, ҳамчунин дигар қайдҳое, ки барои тафтишоти ин ҳолат аҳаммият доранд, инъикос карда мешаванд.

Вақте ки ҷои ҳодиса бино мебошад, одатан нақшаҳои схематикӣ тартиб дода мешаванд. Андозаи бино, объектҳои алоҳидае, ки метавонанд барои парванда аҳаммият дошта бошанд, инчунин масофа байни онҳо бо истифода аз рулетка ба таври дақиқ дар метр ва сантиметр чен карда мешаванд. Ашёҳои муҳити дохилӣ ва изҳо дар нақша бо истифода аз нишонаҳои шартӣ, ки дар криминалистика қабул шудаанд, нишон дода мешаванд.

Бо ақидаи В.И.Попов, ки нақшаи ҷои ҳодиса дар бино бояд ҳамеша миқёсӣ бошад, розӣ шудан душвор аст [79, с. 231].

В.П.Колмаков тавсия медиҳад, ки новобаста аз он ки ҷасад дар бино ё дар маҳалли кушод ошкор шудааст, нақшаҳои миқёсӣ тартиб дода шаванд. «Бо вуҷуди ин, набояд фаромӯш кард, ки тартиб додани нақшаи миқёсии ҷои ҳодиса кори бисёр заҳматталаб буда, вақти зиёдро талаб мекунад. Худи бино, муҳити мавҷуда, масофа байни ашё, андозаи тирезаҳо, дарҳо ва ғайра бояд дар нақша қатъиян мутобиқ ба миқёси интихобшуда ва зикршуда тасвир карда шаванд» [48, с. 48]. Дар айни замон, аксар вақт зарурати тартиб додани нақшаи миқёсӣ вуҷуд надорад, зеро ченкуниҳои дақиқи анҷомдодашуда ё қисми зиёди онҳо барои парванда аҳаммият надоранд. Масалан, шаҳрванд дар манзили худ ҳангоми муноқиша, дар ҳузури шоҳидон, ҳамсарашро мекушад ва баъдан дар бораи ин ба мақомоти тафтиш хабар медиҳад. Оё дар чунин ҳолат зарурати тартиб додани нақшаи миқёсии ҷои ҳодиса вуҷуд дорад? Ба эҳтимоли зиёд, не. Дар ин ҳолат тартиб додани нақшаи схематикӣ кифоя мебошад. Ҷойгиршавии ҷасад нисбат ба баъзе объектҳои собит чен карда шуда, маълумоти бадастомада метавонанд бо рақамҳо дар нақшаи схематикӣ нишон дода шаванд. Ҳамин маълумот ҳамчунин дар протоколи азназаргузаронии ҷои ҳодиса сабт мегардад.

Агар бинобар зарурати воқеӣ нақшаи миқёсӣ тартиб дода шавад, худи бино, муҳити мавҷуда, масофа байни ашё, андозаи тирезаҳо, дарҳо ва ғайра бояд дар нақша қатъиян мутобиқ ба миқёси интихобшуда ва дар нақшаи зикршуда тасвир карда шаванд.

Дар чунин ҳолатҳо андозаҳо бо рақамҳо дар нақша нишон дода намешаванд, зеро онҳоро ҳамеша метавон бо истифода аз миқёси дар нақша овардашуда муайян кард.

Ҳангоми тартиб додани нақша, агар ҷои ҳодиса бино бошад, ашёҳои дар он мавҷудбуда одатан рақамгузорӣ карда мешаванд ва дар канори нақша шарҳ дода мешавад, ки ҳар як рақам кадом ашёро ифода мекунад.

Ба қоидаҳои умумии тартиб додани нақшаҳо инҳо мансубанд:

– нақшаро шахсе мекашад, ки азназаргузарониро анҷом медиҳад;

– нақша бояд ҷойгиршавии ҷои ҳодиса, ҷасад, ашё, далелҳо ва изҳоро дуруст инъикос намояд;

– нақша бояд пурра ва равшан бошад, бидуни гузоштани ҳолатҳои муҳим ва бе аз ҳад зиёд пурбор кардани ҷузъиёти дуюмдараҷа [69, с. 94].

Нақшаи ибтидоии ҷои ҳодиса мувофиқи мақсад аст, он пас аз баррасии умумии ҷои ҳодиса таҳия карда шавад. Пас аз анҷоми азназаргузаронии ҷои ҳодиса, дар асоси ҳамин нақшаи ибтидоӣ бояд нақша ё схемаи ҷои ҳодиса тартиб дода шавад.

Баъзе муаллифон чунин меҳисобанд, ки нусхаи ниҳоии нақшаи ҷои ҳодиса метавонад дертар, дар кабинети муфаттиш таҳия гардад [47, с. 78], аммо бо чунин мавқеъ розӣ шудан душвор аст. Нақшаи ҷои ҳодиса дар ҳамаи ҳолатҳо мувофиқи мақсад аст, ки фавран пас аз анҷоми азназаргузаронӣ ва бевосита дар ҷои ҳодиса, новобаста аз мураккабии вазъият, дар шакли ниҳоӣ тартиб дода шавад. Танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ метавон аз ин қоида дур шуд, масалан, ҳангоми азназаргузаронӣ дар маҳалли кушод (саҳро, ҷангал) дар шароити номусоиди обу ҳаво ва ҳангоми набудани шароит барои таҳияи нақшаи ниҳоӣ (набудани бино ё нақлиёти махсус). Бо вуҷуди ин, ҳатто дар чунин ҳолатҳо низ тартиб додани нақшаи ниҳоӣ дар наздиктарин бино ба ҷои ҳодиса мувофиқи мақсад мебошад.

Дар ҳолати зарурат схемаи ҷои ҳодиса тартиб дода мешавад, ки он аз нақша бо набудани миқёс фарқ мекунад. Расмкашӣ тибқи ҳамон тавсияҳое анҷом дода мешавад, ки барои нақшаҳо пешбинӣ шудаанд, аммо фарқияти онҳо дар он аст, ки расмкашӣ на нақшаи геометрӣ, балки тасвири расмиро дар бар мегирад. Намоёнӣ ва дақиқии натиҷаҳои бадастомада бевосита ба маҳорати муфаттиш вобаста аст. «Аз таҳияи схемаҳо ва расмкашӣ сарфи назар набояд кард, зеро, масалан, бо

расмкашии шакли изи пойафзол ва хусусиятҳои қисми таги он, ки дар из инъикос ёфтаанд» [48, с. 48], чунин расмкашӣ метавонад ҳангоми пайгирии изҳо дар ҷараёни азназаргузаронӣ ё ҳангоми азназаргузаронии пойафзол дар маҳалли истиқомати гумонбар дар куштор истифода шавад.

Нақша ё схема бояд маълумоти зеринро дар бар гирад:

а) сарлавҳа, масалан: «Нақшаи ҷои ҳодиса аз рӯйи парвандаи куштори шаҳрванд П.С. (замима ба протоколи азназаргузаронии ҷои ҳодиса аз 25 декабри соли 2025)»; б) санаи тартиб додан; в) ишора ба тарзи тартиб додани нақша (бо миқёс ё бидуни миқёс – ба таври схематикӣ); г) миқёс; д) маънои аломатҳои шартӣ; е) нишона аз рӯйи самтҳои олам (шимол – ҷануб).

Дар адабиёт дар масъалаи он ки нақшаи ҷои ҳодиса бояд аз ҷониби кӣ имзо карда шавад, мавқеи ягона вуҷуд надорад. Баъзе муаллифон бар онанд, ки нақша бояд аз ҷониби муфаттиш, шахсони холис ва ҳамаи дигар иштирокчиёни азназаргузаронӣ имзо карда шавад [48, с. 48]. Дигарон нишон медиҳанд, ки имзои муфаттиш ва шахсони холис кофӣ мебошад [52, с. 303]. Гурӯҳи сеюм чунин мешуморанд, ки нақша бояд танҳо аз ҷониби муфаттиш имзо карда шавад [145, с. 143-159].

Ба назари мо, нақшаи ҷои ҳодиса дар ҳамаи ҳолатҳо бояд аз ҷониби муфаттиш имзо карда шавад, инчунин аз ҷониби шахсони холис, ки ҳангоми азназаргузаронӣ ҳузур доштанд. Дар мавриди имзои нақша аз ҷониби дигар иштирокчиёни азназаргузаронӣ, ба андешаи мо, ин амал мувофиқи мақсад нест.

Аксҳои ҷои ҳодиса асосан аҳаммияти намоёнӣ дошта, дар баъзе ҳолатҳо метавонанд аҳаммияти исботкуниро низ доро бошанд. Аксбардорӣ бояд пеш аз истифодаи дигар воситаҳои сабт (тавсиф, тартиб додани нақшаҳо ва схемаҳо) анҷом дода шуда, бо онҳо ҳамоҳанг карда шавад.

Ҳангоми азназаргузаронии ҷои ҳодиса бояд чор навъи аксбардорӣ истифода гардад: нишонагирӣ, тасвирӣ, умдавӣ ва ҷузъӣ. Аксбардории нишонагирӣ ва тасвирӣ бояд то оғози азназаргузаронии ҷои ҳодиса анҷом дода шаванд. Бо вуҷуди ин, аксбардории нишонагирӣ метавонад баъди анҷоми азназаргузаронӣ низ иҷро карда шавад.

Аксбардории нишонагирӣ ҷои рух додани ҳодисаро сабт намуда, онро нисбат ба муҳити атроф, масалан, биноҳо, кӯча ё маҳал нишон медиҳад. Дар бисёр ҳолатҳо ин навъи аксбардорӣ бо усули манзаравӣ анҷом дода мешавад.

Аксбардории тасвирӣ бояд танҳо худи ҷои ҳодисаро фаро гирад (масалан, утоқе, ки дар он куштор содир шудааст, хона ё деворе, ки дар наздикии он ҷасад ошкор гардидааст) бо қитъаи ҳамшафати маҳалли кушод.

«Аксбардории умдавӣ одатан дар ҷараёни азназаргузаронии ҷои ҳодиса, дар марҳилаи статикӣ анҷом дода мешавад. Он бояд он объектҳоро дар бар гирад, ки дар онҳо натиҷаи амалҳои ҷинояткор равшантар ифода ёфтаанд. Дар парвандаҳои куштор объекти аксбардории умдавӣ одатан ҷасад бо ашё ва изҳои бевосита дар наздикии он ҷойгиршуда мебошад. Вобаста ба шумораи предметҳо дар ҷои ҳодиса аксҳои умдавӣ метавонанд чандто бошанд. Ҷасад дар ҷои ошкоршавӣ бояд ҳадди ақал се маротиба аксбардорӣ карда шавад: аз боло (аксбардории вертикалӣ) ва аз ҳар ду паҳлу (аксбардории паҳлуӣ)» [81, с. 152].

Аксбардории ҷузъӣ ба сабти ҷузъиёти алоҳидаи ҷои ҳодиса равона карда мешавад, ки одатан далелҳои шайъӣ ба ҳисоб мераванд. Ба чунин ҷузъиёт осебҳои ҷисмонӣ дар ҷасад, олоти содир намудани куштор ва изҳои гуногун мансубанд. «Ин объектҳо бояд дар нақшаи калон тибқи қоидаҳои аксбардории миқёсӣ аксбардорӣ карда шаванд. Аксбардории ҷузъӣ ҳам дар марҳилаи статикӣ ва ҳам дар марҳилаи динамикии азназаргузаронӣ анҷом дода мешавад» [81, с. 152].

Аксҳо дар ҷадвалҳо тибқи принсипи «аз умумӣ ба хусусӣ» ҷойгир карда мешаванд (аввал нишонагиранда, сипас пайдарпай – тасвирӣ, умдавӣ ва ҷузъӣ). Дар ҳолатҳои зарурӣ аксҳо бо нишонгузорӣ дар шакли рақамҳо, ҳарфҳо ва тирчаҳо барои ҷудо нишон додани ҷузъиёти муҳим таъмин карда мешаванд.

Зери ҳар як акс рақами тартибӣ («акс № 1», «акс № 2» ва ғ.) нишон дода мешавад, инчунин шарҳ дода мешавад, ки дар акс чӣ тасвир ёфтааст ва бо тирча, рақам ё ҳарф кадом ҷузъ нишон дода шудааст. Аксҳо бо тамғаи мухр тасдиқ карда мешаванд; қисми муҳр бояд ҳам дар худи акс ва ҳам дар коғази ҷадвали аксҳо ҷойгир бошад.

Дар поёни ҷадвали аксҳо насабҳои иҷрокунандаи аксбардорӣ ва муфаттиш нишон дода мешаванд, ки ҳар яки онҳо бо имзои худ ҳар як ҷадвали аксҳоро тасдиқ менамоянд.

Баъзе криминалистҳо, аз ҷумла Д.П.Рассейкин, чунин мешуморанд, ки тасдиқ намудани аксҳо бо мухр, инчунин бо имзои шахсе, ки бо супориши муфаттиш аксбардориро анҷом додааст, зарур нест, зеро «аввалан, дар худи протоколи азназаргузаронии ҷои ҳодиса нишон дода намешавад, ки аксбардориро кӣ анҷом додааст; дуюман, барои парванда аҳаммият надорад, ки аксбардориро худи муфаттиш ё яке аз иштирокчиёни азназаргузаронӣ бо супориши ӯ анҷом додааст» [81, с. 152]. Ба назар мерасад, ки ин мавқеъ нодуруст мебошад.

Зикри шахсе, ки аксбардориро анҷом додааст, дар протоколи азназаргузаронӣ барои ҳолатҳое зарур аст, ки эҳтимол ӯ ҳамчун шоҳид дар бораи ҳолатҳои вобаста ба азназаргузаронӣ пурсида шавад ё зарурати талаб кардани негативҳое ба миён ояд, ки ба муфаттиш пешниҳод нашудаанд.

Агар аксҳои ба суратнақша часпондашуда бо муҳр тасдиқ карда нашаванд, имкони ивазшавии онҳо ба вуҷуд меояд. Имзои шахси аксбардор дар зери акс, дар баробари имзои муфаттиш, боэътимодии

аксро тақвият дода, масъулиятро барои сифати иҷрои он баланд мебардорад.

Дар мавриди имзои аксҳо аз ҷониби шахсони холис, гарчанде ин амал матлуб бошад ҳам, аз ҷиҳати техникӣ иҷрояш душвор аст, зеро аксҳои чопшуда одатан баъд аз гузашти муддати муайян пас аз азназаргузаронӣ омода мегарданд.

Ба ҷадвали аксҳо ҳомилҳои электронии дорандаи сайти аксҳо ҳамроҳ карда мешаванд, ки онҳо дар конвертҳои махсус аз коғази зич ҷойгир мегарданд. Дар рӯйи конверт муҳтавои аксҳо дар ҳомили электсорни сабтшуда, шумораи қисмҳо ва теъдоди кадрҳо дар ҳар як қисм нишон дода мешавад.

Наворбардории видеоӣ ҳангоми азназаргузаронии ҷои ҳодиса имкон медиҳад объектҳои ҷои ҳодисаро, ки дар ҳолати ҳаракат қарор доранд, сабт намояд. Дар баъзе ҳолатҳо наворбардории видеоӣ метавонад барои тасдиқи холисонагии азназаргузаронӣ истифода шавад. Аз ҷумла, дар навор метавон лаҳзаеро сабт кард, ки муфаттиш далели шайъии муайянро ба даст мегирад ва аломатҳои онро ба шахсони холис нишон медиҳад.

Ҳангоми азназаргузаронии ҷои ҳодиса навори видеоӣ дар ҳолатҳои зерин истифода мешавад:

– агар азназаргузаронӣ то анҷоми пурраи ҳодисаи таҳқиқшаванда оғоз гардад, вақте ки тағйирёбии вазъият идома дорад (масалан, сӯхтор);

– вақте ки зарурати фаврии бартараф намудани оқибатҳои ҳодиса ба миён меояд, ки ин боиси тағйири вазъияти ибтидоӣ мегардад;

– агар барои ҷустуҷӯи изҳо ва дигар далелҳои шайъӣ тағйир додани вазъияти ҷои ҳодиса зарур бошад;

– ҳангоми зарурати бозсозии амали сабтшаванда бо суръати суст ё тез барои таҳлили пурратар ва дарки дақиқтар;

– барои инъикоси динамикаи мураккаби вазъият, ки тавсифи он дар протоколи азназаргузаронӣ душвор аст;

– дар ҳолате ки бинобар шароити номусоиди обу ҳаво (бориши барф, борон) ё бо сабабҳои дигар хатари нобудшавӣ ё осеб дидани изҳои ҷиноят ба вуҷуд меояд ва сабти фаврии маҷмуи онҳо талаб мегардад;

– ҳангоме ки ҷои ҳодиса қаламрави васеъ ва мураккабро дар бар мегирад.

Наворбардории видеоӣ имконият медиҳад, ки пас аз сабти вазъияти ҷои ҳодиса ва ҷараёни гузаронидани ин амали тафтишӣ мавод фавран бознамоиш дода шуда, ба протоколи азназаргузаронӣ ҳамроҳ карда шавад. Мавҷудияти ҳамроҳии садо ҳангоми наворбардорӣ имкон медиҳад, ки воқеаҳои дар экран рӯйдодаро шарҳ диҳанд. Бо ин роҳ риояи талаботи моддаи 172 КМҶ таъмин мегардад.

Ҳангоми наворбардорӣ одатан аз нақшаҳои умумӣ, миёна, калон ва муфассал истифода мешавад.

Нақшаи умумӣ, чун қоида, барои сабти объектҳо дар якҷоягӣ бо муҳити атроф аз нуқтаи дур татбиқ мегардад; он хусусияти нишонагиранда ва тасвирӣ дошта, тамоми маҳалли гузаронидани амали тафтиширо фаро мегирад.

Нақшаи миёна барои тасвири объектҳои ҷудогона аз муҳити атроф истифода мешавад; он қисми нақшаи умумӣ буда, маълумоти дар он сабтшударо муфассал мегардонад ва объектҳоро бо ҷузъиёти бештар инъикос менамояд.

Истифодаи наворбардории видеоӣ ҳатман дар протоколи азназаргузаронӣ инъикос карда мешавад бо нишон додани насаб ва вазифаи шахсе, ки наворбардориро анҷом додааст, инчунин маълумоти техникӣ (тамғаи камера, навъи ва паҳнои навор, таҷҳизоте, ки бо он видео тамошо мешавад). Ҳомилҳои электронӣ бо сабти видео ба лифофа гузошта шуда, муҳргузорӣ шуда, бо имзои иштирокчиёни азназаргузаронии ҷои ҳодиса, тибқи моддаи 172 КМҶ, ба протоколи ин амали тафтишӣ замима мегарданд.

Таҳлили амалияи муосири азназаргузаронии ҷои ҳодиса нишон медиҳад, ки сарфи назар аз талаботи қонунгузорӣ (моддаҳои 172 ва 187 КМҶ ҶТ), дар қисми назарраси ҳолатҳо вайрон гардидани қоидаҳои бастабандӣ ва муҳргузории объектҳои гирифташуда, инчунин истифодаи нопурраи воситаҳои иловагии сабт (нақшаҳо, схемаҳо, аксбардорӣ, наворбардории видеоӣ) мушоҳида мегардад. Ин камбудиҳо метавонанд арзиши исботсозии маводи парвандаро коҳиш дода, барқарорсозии холисона ва ҳамаҷонибаи ҳодисаҳои ҷиноятро душвор созанд.

Татбиқи дуруст ва пайдарпайи ҳамаи воситаҳои сабт, аз ҷумла нақшаҳои ибтидоӣ ва ниҳоӣ, аксҳои нишонагиранда ва муфассал, инчунин наворбардории видеоии амалҳои динамикӣ дар ҷои ҳодиса, намоёнӣ, пуррагӣ ва боэътимодии ҳуқуқии маводи азназаргузарониро таъмин менамояд. Ҳамзамон, истифодаи аз ҳад зиёди нақшаҳои кушодашуда ва миқёсӣ бидуни зарурат боиси талофи вақт ва коҳиши фаврияти тафтиш мегардад.

Ҳамин тариқ, равиши муосир ба дарҷи ҷои ҳодиса зарурати тавозун миёни пуррагӣ, дақиқӣ ва самаранокии воситаҳои истифодашавандаро тақозо менамояд.

Бо мақсади баланд бардоштани сифати дарҷи ҷои ҳодиса ва боэътимодии протоколҳои азназаргузаронӣ мувофиқи мақсад аст, ки низоми ягонаи рақамии сабт бо ҳамгироии аксҳо, наворҳои видеоӣ, схемаҳо ва нақшаҳо, ҷорӣ карда шавад.

Протоколи рақамии азназаргузаронӣ бо пайвасти ҳатмии ҳар як объект, из ё далели шайъӣ ба нақшаи схематикӣ ё миқёсӣ.

Истифодаи 3D-сканеркунӣ ва фотограмметрия барои ба даст овардани модели дақиқи ҷои ҳодиса, ки имкон медиҳад ҷойгиршавии ашё, ҷасад ва изҳо бе таҳриф бозсозӣ карда шаванд.

Бақайдгирии автоматиконидашудаи далелҳои шайъӣ бо нишон додани тарзи бастабандӣ, муҳргузорӣ ва имзои иштирокчиён, ки бо

мақсади коҳиш додани иштибоҳҳо ва осон намудани назорати ҳифзи объектҳо равона шудааст.

Ҳамгироӣ бо наворбардории видеоӣ, ки дар он ҳар як кадр ё навор ба объекти мушаххас дар нақша пайваст карда шуда, бозсозии динамикаи азназаргузаронӣ ва амалҳои муфаттишро таъмин менамояд.

Татбиқи чунин муносибат имкон медиҳад ҳамзамон объективияти сабт баланд бардошта шавад, таҳлили маводи тафтишотӣ сода гардад ва хатари аз даст рафтани далелҳо ба ҳадди ақал расонида шавад.

# ХУЛОСА

Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда, бо дарназардошти фикру ақидаҳои олимони соҳа ва таҳлили таҷрибаи пешқадами тафтишии вобаста ба азназаргузаронии ҷои ҳодиса мумкин аст хулосаҳои зерин баровард.

1. Азназаргузаронии тафтишӣ – амали мурофиавӣ, ки аз ҷониби муфаттиш бо мақсади азназаргузаронии ҷои ҳодиса, ашё ё изи бо ҷиноят алоқаманд, барои бозёфт, ҷамъоварӣ ва дарҷ намудани далелҳои шайъӣ гузаронида мешавад. Ҳангоми азназаргузаронӣ далелҳои шайъӣ ҷамъоварӣ гардида, ҳолатҳое ба қайд гирифта мешаванд, ки дар асоси онҳо ҳодиса рух додааст. Азназаргузаронии тафтишӣ барои муайян кардани ҳолатҳои ҷиноят, муайян кардани из ва ашёи он, пурратар фаҳмидани ҳодисаҳои марбут ба парванда муҳим аст. Ин амали ҳуқуқӣ дар доираи қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ тибқи меъёрҳои Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ амалӣ мегардад [1-М].

Азназаргузаронии тафтиширо дар ҷойҳои гуногун: дар ҷои ҳодиса, бино, объектҳо, инчунин дар объектҳои мушаххасе, ки метавонанд барои парванда аҳаммият дошта бошанд, метавон гузаронид.

Мафҳуми азназаргузаронии ҷои ҳодиса бояд пеш аз ҳама унсурҳоеро дар бар гирад, ки амали тафтиширо ба таври мушаххас ифода намуда, имкони аз дигар амалҳои тафтишӣ фарқ кардани онро ба миён орад. Вобаста ба ин, мафҳуми азназаргузаронии ҷои ҳодиса бояд унсурҳои зеринро дар бар гирад:

а) таъхирнопазирӣ, ки дар саривақтӣ ва батаъхир татбиқи он аён мегардад;

б) бевосита ва дар баъзе мавридҳо бавосита дарк кардани ҷои ҳодиса;

в) хусусияти мутташаккилии дарки ин раванд;

г) равонасозии тафтиш ба муайян кардани ҳолатҳои ҳодиса, ошкор намудани изи ҷиноят ва дарки дигар ҳолатҳое, ки барои парванда аҳаммияти калон доранд.

2. Ҳангоми гузаронидани амали азназаргузаронӣ бар зиммаи муфаттиш ду вазифа вогузор карда мешавад:

1) вазифаи умумӣ – гирифтани маълумот дар бораи ҳолатҳои умумии ҷиноят, инчунин дар бораи шахсони дар ин ҷиноят иштирокдошта;

2) вазифаи инфиродӣ – муайян намудани шоҳидони ҳодиса.

Вазифаи умумӣ ин гирифтани маълумот дар бораи ҳолатҳои умумии ҷиноят, инчунин дар бораи шахсони дар он иштирокдошта мебошад. Ин раванд омилҳои зеринро дар бар мегирад:

– муайян кардани вақт ва ҷои ҷиноят;

– муайян кардани усулҳои содир кардани ҷиноят (масалан, бо истифода аз зӯроварӣ, фиреб ва ё дигар усулҳои ҷинояткорӣ);

– муқаррар намудани оқибатҳои ҷиноят (чӣ гуна талафот, зиён ё зарар расонида шудааст);

– маълумот дар бораи шахсоне, ки метавонанд дар ин ҷиноят даст дошта бошанд, инчунин дар бораи ҳолат ва сабабҳои эҳтимолии содир кардани ҷиноят.

Вазифаи инфиродӣ – муайян кардани шоҳидони ҳодисаи рухдода. Ин вазифа ба иҷрои ҳадафҳои зерин нигаронида мешавад:

– ҷустуҷӯи одамоне, ки метавонанд дар бораи ҳодисаҳои қаблан, дар давом ва ё баъди ҷиноят рухдода маълумот пешниҳод кунанд;

– ҷамъоварии баёноти шоҳидон, ки метавонанд барои тасдиқи эҳтимолияти ҳодисаҳои тафтишот ва эҷоди тасаввуроти пурратари ҳодиса истифода шаванд [1-М].

3. Ҷамъбасти назарияҳои пешниҳодшуда имкон медиҳад, ки принсипҳои асосии азназаргузаронии ҷои ҳодиса ҳамчун як низоми мукаммали меъёрӣ-ҳуқуқӣ арзёбӣ гарданд, ки дорои хусусиятҳои

қонуният, таъхирнопазирӣ, мукаммалият, низомнокӣ, объективият ва ҳифзи ҳолат мебошанд. Риояи пайваста ва ҳамгироёнаи ин принсипҳо шарти ҳатмии баланд бардоштани самаранокии фаъолияти тафтишӣ, таъмини эътимоднокии далелҳо ва татбиқи адолати судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад [7-М].

4. Мақсади криминалистии азназаргузаронии ҷои ҳодиса омилҳои зеринро дар бар мегиранд:

• Муайян кардани изи ҷиноят – ошкор намудани далелҳои шайъӣ, ки барои муайян кардани факти содир шудани ҷиноят истифода мешаванд (изҳо дар ҷои ҳодиса, олоти ҷиноят, изи ангуштон, изи хун, моддаҳо ва ғ.).

• Азнавбарқарорсозии ҳодисаҳо – муқаррар намудани рафти ҳодиса, аниқ кардани ҳолатҳои ҷиноят, инчунин муайян намудани тартиби амали иштирокчиён.

• Ҷамъоварии далелҳо – сабт ва мусодираи маводҳое, ки метавонанд дар мурофиаи ҷиноятӣ ҳамчун далел хизмат кунанд (масалан, санадҳо, далелҳои шайъӣ, нишондоди шоҳидҳо).

• Муайян кардани шоҳидони эҳтимолӣ – тавассути таҳлили осор ва далелҳо муайян кардани шахсоне, ки метавонанд дар ҷиноят даст дошта бошанд.

• Муайян кардани алоқамандиҳои сабаб ва оқибати ҷиноят – таҳлили омилҳои гуногуне, ки боиси содир шудани ҷиноят шуда метавонистанд, инчунин омили муайян намудани механизмҳои содир намудани он мебошанд.

• Асоснок намудани иттилоот – ҷамъоварии маълумот дар бораи ҳодиса пеш аз тағйир додан ва ё нобуд кардани онҳо бо мақсади тафтишоти минбаъда.

• Арзёбии ҳолати ҷои ҳодиса – муайян кардани тағйироти эҳтимолӣ дар ҷои ҷиноят ва таъсири онҳо ба тафтишоти минбаъда.

• Муқаррар намудани вақт ва ҷои содир намудани ҷиноят – ҷамъоварии маълумоте, ки барои аниқ муқаррар намудани ҷой ва лаҳзаи содир намудани ҷиноят мусоидат намуда, дар заминаи он шахсияти ҷинояткор ва амалҳои ӯро метавон бозгӯӣ кард. Ин ҳадафҳо ба ҷамъоварӣ намудани маълумоти мукаммал ва саҳеҳ дар тафтиши ҷиноят заруранд.

5. Вазифаҳои криминалистии азназаргузаронии ҷои ҳодиса фарогири ин омилҳои муҳим мебошад:

• Ошкор ва бақайдгирии изи ҷиноят – шиносоӣ ва бақайдгирии ҳамаи осор ва ашёҳое, ки онҳо ба сифати далел (изҳо, олоти ҷиноят, қисмҳои бадан, либос, ҳуҷҷатҳо ва дигар далелҳо) дар тафтишот хизмат мекунанд.

• Бақайдгирии ҳолати ҷои ҳодиса – бақайдгирии дақиқи ҳолат дар ҷои ҷиноят бо истифода аз аксҳо, наворҳои видеоӣ, нақшаву расмҳо ва қайдҳои хаттӣ барои дарки ҳолати аслии ҷои ҳодиса.

• Муайян намудани сабабҳои рух додани ҷиноят – ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумоте, ки барои аз нав барқарор намудани тасаввурот дар бораи ҳодиса, муайян кардани маҳал ва вақти ҷиноят, инчунин усулҳои содир намудани он кумак мерасонад.

• Муайян ва сабт кардани осоре, ки метавонанд барои тафтишоти минбаъда муфид бошанд – бақайдгирии изи ангуштҳо, изи пойафзол, маводи биологӣ (хун, мӯй, моеъҳо ғайра), инчунин изи кимиёвӣ ва дигар далелҳо, ки метавонанд дар муайян кардани ҷинояткорон кумак расонанд.

• Таъмини ҳифзи изи ҷиноят – андешидани чораҳо барои пешгирӣ аз нобудшавӣ ё гум шудани далелҳо, ки ин раванд бо девор муҳофизат кардани ҷои ҳодиса, роҳандозии бехатарӣ ва истифодаи усулҳои махсуси ҳифзи далелҳоро фарогир мебошад.

• Гирифтани далелҳои шайъӣ – ҷамъоварӣ намудани ашё ва

объектҳои барои тафтиш муҳим (масалан, олоти ҷиноят, маблағ, ашёи шахсӣ, ҳуҷҷатҳо ва ғ.), барасмиятдарории ин раванди ҳуқуқӣ.

• Муқаррар намудани алоқамандии ҷои ҳодиса бо иштирокчиёни ҷиноят – муқаррар намудани робитаи байни изи ошкоршуда ва гумонбаршудагон, ҷойгиршавии изҳо, инчунин иштироки эҳтимолии онҳо дар ҷиноят [8-М].

6. Принсипҳои азназаргузаронии ҷои ҳодиса нишон медиҳад, ки новобаста аз гуногунандешии назариявӣ, онҳо дар моҳияти худ ба ташаккули як низоми ягона ва мукаммали методологӣ нигаронида шудаанд:

– Пеш аз ҳама, принсипи қонуният ҳамчун заминаи меъёрӣ ва кафолати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон баромад мекунад. Он талаб менамояд, ки азназаргузаронӣ танҳо дар доираи талаботи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ анҷом дода шавад. Ин принсип бо эҳтироми шаъну шарафи шахс ва таъмини ҳуқуқҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ робитаи мустақим дошта, характери ҳуқуқбунёд ва инсондӯстонаи фаъолияти тафтишотиро таъмин менамояд.

– Принсипи саривақтӣ (таъхирнопазирӣ) омили калидӣ дар нигоҳдории ҳолати аслии ҷои ҳодиса ба шумор меравад. Таъхир дар оғози азназаргузаронӣ метавонад боиси аз байн рафтани изҳо, тағйир ёфтани муҳит ва коҳиш ёфтани арзиши исботии далелҳо гардад. Аз ин рӯ, амали фаврии муфаттиш ва гурӯҳи тафтишотӣ шарти муҳимми муайян намудани ҳолатҳои воқеии ҳодиса мебошад.

– Мукаммалият ва ҳамаҷониба будан ҳамчун принсипи муҳимми криминалистӣ фарогирии пурраи ҳамаи изҳо ва ашёҳои марбут ба ҳодисаро дар назар дорад. Ин талабот аз муфаттиш масъулияти баланд, диққати махсус ва истифодаи воситаҳои техникию криминалистиро тақозо мекунад. Танҳо дар сурати омӯзиш, ченкунӣ, тасвир ва сабти дақиқи ҳамаи унсурҳои моддӣ метавон тасвири воқеии механизми ҷиноятро барқарор намуд.

– Принсипи муназзамӣ ва пайдарпайӣ ба ташкили мантиқии ҷараёни азназаргузаронӣ дахл дорад. Муайян намудани тартиби дурусти амалҳо, ҷудо кардани объектҳои асосӣ ва иловагӣ, истифодаи оқилонаи усулҳои тактикӣ ва техникӣ ба самаранокии тафтиш мусоидат менамояд. Низомнокӣ инчунин пешгирии хатоҳои методӣ ва аз даст рафтани маълумоти муҳимро таъмин мекунад.

– Объективият (беғаразӣ) яке аз сутунҳои асосии фаъолияти тафтишотӣ буда, талаб менамояд, ки изҳо ва далелҳо новобаста аз мувофиқат ё мухолифати онҳо ба фарзияҳои пешакӣ, дар шакли аслии худ ба қайд гирифта шаванд. Дар протокол бояд танҳо маълумоти воқеан даркшуда инъикос гардад, на хулосаҳо ё тахминҳои субъективӣ. Ин принсип кафолати эътимоднокии натиҷаҳои тафтиш ва адолати мурофиавиро таъмин менамояд [7-М].

7. Таҳлили маҷмуии масъалаҳои марбут ба таъминоти техникӣ-криминалистии азназаргузаронии ҷои ҳодиса нишон медиҳад, ки самаранокии ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо пеш аз ҳама ба сатҳи омодагии касбӣ, интихоби дурусти усул ва воситаҳои техникӣ, инчунин риояи қатъии талаботи мурофиавӣ ва методологӣ вобаста мебошад. Ҷои ҳодиса ҳамчун манбаи ибтидоии иттилооти далелнок дорои аҳаммияти калидӣ буда, ҳар як из ва микрообъект метавонад дар муайянсозии механизми содиршавии ҷиноят ва шахсияти ҷинояткор нақши ҳалкунанда бозад.

8. Истифодаи воситаҳои техникӣ-криминалистӣ бояд дар асоси принсипҳои зерин ба роҳ монда шавад:

- принсипи комплексият – татбиқи ҳамзамони усулҳои визуалӣ, физикӣ ва кимиёвӣ бо дарназардошти хусусияти из, муҳит ва шароити ташаккули он;
- принсипи пайдарпайӣ ва эҳтиёткорӣ – аввал истифодаи усулҳои беосеб (визуалӣ-оптикӣ), баъдан, дар ҳолати зарурат, усулҳои тағйирдиҳандаи объект;

• принсипи асоснокии илмӣ – интихоби усулҳо бояд бо назардошти таркиби моддӣ, сохтор ва давомнокии нигоҳдории из сурат гирад;

• принсипи тахассусият – ҷалби мутахассисони дорои сатҳи баланди омодагии касбӣ (дактилоскопист, трасолог, судӣ-тиббӣ ва ғ.);

• принсипи ҳифзи далелҳо – пешгирии ифлосшавӣ, талаф ё тағйирёбии изҳо ҳангоми сабт, гирифтани намуна ва бастабандӣ [2-М].

9. Аз нигоҳи тактикӣ азназаргузаронии ҷои ҳодиса ба се марҳила ҷудо карда мешавад: омодагӣ, асосӣ ва хотимавӣ. Ҳар яке аз ин марҳилаҳо мақсадҳо, хусусиятҳои ташкилӣ ва методии худро дорад, ки самаранокии гузаронидани амали тафтиширо муайян менамоянд. Марҳилаи омодагӣ ҷамъоварии иттилооти ибтидоӣ, ташаккули гурӯҳи тафтишотию оперативӣ, интихоби воситаҳои техникӣ, таҳияи тактика ва банақшагирии пайдарпайии амалҳоро дар бар мегирад. Марҳилаи асосӣ бевосита бо азназаргузаронии визуалӣ, сабт, нишонагузорӣ ва гирифтани изҳо ва далелҳои шайъӣ алоқаманд мебошад. Марҳилаи хотимавӣ санҷиши пуррагии азназаргузаронии анҷомёфта, таъмини ҳифзи маводи гирифташуда, ба расмият даровардани натиҷаҳо ва таҳлили иттилооти бадастомадаро барои банақшагирии амалҳои минбаъдаи тафтишӣ дар бар мегирад [6-М].

10. Омодагӣ ва гузаронидани азназаргузаронии ҷои ҳодиса раванди бисёрмарҳилавие мебошад, ки дар он ҷанбаҳои ташкилӣ, тактикӣ ва криминалистӣ бо ҳам зич алоқаманданд. Танҳо иҷрои маҷмуӣ ва низомноки ҳамаи талабот имкон медиҳад пуррагии сабти изҳо, ҳифзи заминаи далелӣ, амнияти иштирокчиёни амали тафтишӣ ва самаранокии тафтиши ҷиноятҳои марбут ба истифодаи маводи тарканда таъмин карда шаванд:

• Мавқее асоснок карда мешавад, ки тибқи он натиҷабахшии азназаргузаронии ҷои ҳодиса ҳангоми тафтиши ҷиноятҳо ба таври назаррас аз сифати марҳилаи омодагӣ вобаста мебошад. Ин марҳила ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилооти ибтидоӣ, банақшагирии тактикаи

азназаргузаронӣ ва ташкили ҳайати мувофиқи гурӯҳи тафтишотию оперативиро дар бар мегирад.

• Мақсаднок будани истифодаи алгоритми сохторёфтаи омодагӣ ба азназаргузаронии ҷои ҳодиса исбот мегардад, ки навъи ҷои ҳодиса, хусусияти таҳдидҳо ва хусусияти объектҳои гирифташавандаро ба ҳисоб мегирад. Ин равиш ба баланд бардоштани пуррагии ошкор, сабти иттилооти изӣ ва коҳиш додани эҳтимолияти иштибоҳҳои тактикӣ мусоидат менамояд.

• Хулосае асоснок карда мешавад, ки ҷалби барвақти мутахассисон (мутахассисони корҳои тарканда, криминалистҳо, кинологҳо, экспертҳои судӣ-тиббӣ) ва истифодаи воситаҳои муосири илмӣ-техникӣ ҳанӯз дар марҳилаи омодагӣ шарти муҳимми таъмини амнияти иштирокчиёни амали тафтишӣ ва баланд бардоштани аҳаммияти далелии натиҷаҳои бадастомада мебошад.

• Мавқее иброз мегардад, ки тибқи он танзими дақиқи ҳамкории иштирокчиёни гурӯҳи тафтишотию оперативӣ ва гузаронидани дастурдиҳии ҳадафманд дар марҳилаи омодагӣ ба риояи талаботи мурофиавӣ, ҳифзи изҳо ва баланд бардоштани самаранокии тафтиши минбаъда мусоидат мекунад.

• Асоснок карда мешавад, ки мувофиқи он сатҳи омодагии касбии муфаттиш, аз ҷумла қобилияти ӯ барои қабули фаврии қарорҳо дар шароити норасоии вақт ва хатари баланд, омили муҳимме мебошад, ки ба сифати ташкилию гузаронидани азназаргузаронии ҷои ҳодиса таъсири ҷиддӣ мерасонад [6-М].

11. Дар илми криминалистика ба таври анъанавӣ ду усули азназаргузаронӣ ҷудо карда мешаванд: усули субъективӣ, ки дар он раванди мушоҳида ба фарзияи пешакӣ пешниҳодшуда оид ба механизми ҳодисаи рухдода вобаста мебошад ва усули объективӣ, ки таҳқиқи пайдарпайи объектҳоро мутобиқ ба ҷойгиршавии воқеии онҳо пешбинӣ менамояд. Бо вуҷуди ин, чунин фарқгузорӣ аз лиҳози истилоҳӣ на

ҳамеша дақиқ ба назар мерасад. Ҳар гуна азназаргузарониии ҷои ҳодиса ногузир унсури дарки субъективиро дар бар мегирад, ки он бо фаъолияти маърифатии муфаттиш вобаста аст.

12. Ҳангоми азназаргузаронии предметҳо дар ҷои ҳодиса самти мушаххаси ҷустуҷӯи изҳо, чун қоида, аз фарзияҳои хусусӣ муайян мегардад, яъне аз тахминҳо дар бораи ҷузъиёт ва ҳолатҳои ҳодисае, ки объектҳои азназаргузаронӣ бо онҳо алоқаманд буда метавонанд. Ҳамзамон, бояд фарзияҳои умумӣ, ки ба ҳодиса дар маҷмуъ марбутанд, низ ба назар гирифта шаванд, зеро фарзияҳои хусусӣ тафсили онҳо ба ҳисоб мераванд. Дар баъзе ҳолатҳо сохтани занҷири мантиқӣ: хулосабарории дедуктивӣ – аз фарзияҳои умумӣ то фарзияҳои мушаххас оид ба эҳтимоли мавҷудияти аломатҳои бадастомада дар предмет зарур мегардад [4-М].

Аҳаммияти махсус барои тафтиши парванда дарки муфаттиш аз психологияи рафтори ҷинояткор ва ҷанбаи маъноии ҳамкории ӯ бо предмет мебошад. Бояд ба назар гирифт, ки «ангезаи роҳбарикунанда дар сатҳи амалҳо на худи предмет, балки ҷанбаи маъноии амалҳо бо он мебошад: новобаста аз он ки предмет ҳамчун объект, асбоб ё ҳар дуи онҳо баромад мекунад». Дарки чунин «ангезаи пешбар» ҳангоми истифодаи предмет ба ошкор намудани механизми ташаккули изҳо мусоидат намуда, дар натиҷа ҷустуҷӯи онҳоро дар ҷои ҳодиса осон мегардонад.

# ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

**1.**Пешниҳод карда мешавад, ки ба КМҶ ҶТ илова дар шакли зерин ворид карда шавад:

**«Моддаи 183[1]. Азназаргузаронии ҷои ҳодиса»**

«1. Азназаргузаронии ҷои ҳодиса бо мақсади ошкор, мустаҳкамсозӣ, гирифтани изҳо ва дигар далелҳои моддии марбут ба ҳодисаи рухдода гузаронида мешавад.

2. Азназаргузаронии ҷои ҳодиса аз ҷониби муфаттиш ё таҳқиқбаранда бо иштироки шахсони холис анҷом дода мешавад, ба истисноии ҳолатҳои таъхирнопазир ё хавфнок, ки дар онҳо истифодаи воситаҳои техникии сабти раванди амали тафтишӣ ҳатмӣ мебошад [1-М].

3. Барои иштирок дар азназаргузаронии ҷои ҳодиса метавонанд гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҷабрдида, шоҳид ва мутахассис ҷалб карда шаванд.

4. Ҳангоми азназаргузаронии ҷои ҳодиса истифодаи воситаҳои техникии сабт, аз ҷумла аксбардорӣ, сабти видео, андозагирӣ, нақшакашӣ ва гирифтани қолаби изҳо иҷозат дода мешавад.

5. Изҳо, ашё ва дигар объектҳои дар ҷои ҳодиса ошкоршуда, ки барои парвандаи ҷиноятӣ аҳаммият доранд, гирифта, бастабандӣ ва муҳр карда мешаванд.

6. Дар бораи раванди азназаргузаронии ҷои ҳодиса протоколи амали мазкур дар асоси моддаи 187 Кодекси мазкур тартиб дода мешавад».

**2.** Мақсади азназаргузаронии ҷои ҳодиса (ба даст овардани маълумот ҳачун далели шайъӣ) ва асосҳои татбиқи он (зарурат ва имконияти гирифтани маълумот ҳамчун далели шайъӣ) категорияҳои ҳуқуқии ба ҳам алоқаманд мебошанд. Дар ин раванд мақсад ҳамчун натиҷаи ниҳоии амали тафтишӣ, яъне ба сифати асос, нуқтаи оғози

амалисозии он амал менамояд. Муқаррароти мазкурро дар шакли зерин метавон ифода сохт: зарурати ба даст овардани маълумот дар бораи ҳолатҳои ҳодиса; имконияти ба даст овардани маълумот дар ҷараёни ин амали тафтишӣ; ҳадафи ба даст овардани маълумот [3-М].

Бо дарназардошти ин гуфтаҳо зарур мешуморем, ки ба моддаи 182-и КМҶ ҶТ қисми 3 бо мазмуни зерин тағйирот даровarда шавад:

Қ. 3 м. 182 ҶМЧ ЧТ:

«3. Азназаргузаронии ҷои ҳодиса, маҳал, бино, дигар иншоотҳо, ҷасад (қисмҳои ҷасад), ҳайвонот ва ҷасади онҳо (қисмҳои он), ашё ва санадҳо бо мақсади ошкор намудани изи ҷиноят, дигар ҳолатҳои барои парванда аҳаммиятнок дар ҷои ҳодиса ва дигар сабабҳое, барои парванда муҳим мебошанд, гузаронида мешаванд».

3. Таҳлил ва низомнокии усулҳои муосири криминалистика ҳангоми азназаргузаронии ҷои ҳодиса, аз ҷумла 3D-сканеркунии лазерӣ ва фотограмметрӣ, фотограмметрияи мултиспектралӣ, таҳлили биосенсорӣ ва иммунохроматографӣ, имкон медиҳад самаранокии равиши маҷмуӣ ба азназаргузаронии ҷои ҳодиса асоснок карда шавад. Чунин муносибат дақиқии баланди сабти изҳоро таъмин намуда, имконияти барқарорсозии такрории рӯйдодҳо ва ташаккули заминаи боэътимоди исботкуниро барои арзёбии судӣ-экспертӣ фароҳам меорад».

4. Бо мақсади баланд бардоштани сифати дарҷи ҷои ҳодиса ва боэътимодии протоколҳои азназаргузаронӣ мувофиқи мақсад аст, ки низоми ягонаи рақамии сабт бо ҳамгироии аксҳо, наворҳои видеоӣ, схемаҳо ва нақшаҳо, ҷорӣ карда шавад.

Протоколи рақамии азназаргузаронӣ бо пайвасти ҳатмии ҳар як объект, из ё далели шайъӣ ба нақшаи схематикӣ ё миқёсӣ.

Истифодаи 3D-сканеркунӣ ва фотограмметрия барои ба даст овардани модели дақиқи ҷои ҳодиса, ки имкон медиҳад ҷойгиршавии ашё, ҷасад ва изҳо бе таҳриф бозсозӣ карда шаванд.

Бақайдгирии автоматиконидашудаи далелҳои шайъӣ бо нишон додани тарзи бастабандӣ, муҳргузорӣ ва имзои иштирокчиён, ки бо мақсади коҳиш додани иштибоҳҳо ва осон намудани назорати ҳифзи объектҳо равона шудааст.

Ҳамгироӣ бо наворбардории видеоӣ, ки дар он ҳар як кадр ё навор ба объекти мушаххас дар нақша пайваст карда шуда, бозсозии динамикаи азназаргузаронӣ ва амалҳои муфаттишро таъмин менамояд.

Татбиқи чунин муносибат имкон медиҳад ҳамзамон объективияти сабт баланд бардошта шавад, таҳлили маводи тафтишотӣ содда гардад ва хатари аз даст рафтани далелҳо ба ҳадди ақал расонида шавад.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)

## I. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва расмӣ:

[1]. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйироту иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016. – Душанбе: «Нашриёти Ганҷ», 2016. – 136 с.

[2]. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон 03 декабри соли 1999. 2008 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https: // mmk.tj /content/ кодекси-мадании-ҷумҳурии-тоҷикистон (санаи муроҷиат: 12.06.2024).

## II. Монографияҳо, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ:

[3]. Авдеев, М.М. Руководство по расследованию убийств [Текст] / Отв. ред. – С.И. Гусев. – М.: «Юридическая литература», 1977. – 400 с.

[4]. Аверьянова, Т.В. Криминалистика: учеб. для вузов: [для студентов вузов, обучающихся по специальности «Юриспруденция»] [Текст] / Т.В. Аверьянова [и др.]; под ред. Р.С. Белкина. – 2-е изд., перераб. и доп. – М.: Норма, 2004 (ГУП ИПК Ульян. Дом печати). – 973 с.

[5]. Аверьянова, Т.В., Белкин Р.С, КоруховЮ.Г., Российская Е.Р. Криминалистика [Текст]: учебное пособие / Под ред. Р.С. Белкина. 2-е изд., перераб. и доп.– М.: Норма, 2007. – 971 с.

[6]. Автотранспортные происшествия и их расследование [Текст] / Под ред. канд. юрид. наук Н.С. Алексеева и канд. юрид. наук И.Х. Максутова; Ленингр. гос. ун-т. Юрид. фак. – М.: Госюриздат, 1962. – 315 с.

[7]. Анищенко, И.А. Осмотр места происшествия: практическое пособие [Текст] / И.А. Анищенко, В.Ф. Бурейко, В.Е. Воробей и др. – М.: Юрлитинформ, 2013. – 373 с.

[8]. Бабаева, Э. У. Осмотр места происшествия [Текст]: Практ. пособие / [Дворкин А. И.и др.]; под ред А.И. Дворкина. – М.: Юристъ, 2000. – 335 с.

[9]. Баев, О.Я. Тактика следственных действий [Текст]: учеб. Пособие / О.Я. Баев. – Воронеж: Изд-во Воронеж. ун-та, 1992. – 205 с.

[10]. Бартенев, Е.А. Тактика осмотра места происшествия и трупа [Текст]: учеб. пособие / Е.А. Бартенев. – Новосибирск, 2014. – 259 с

[11]. Бастрыкин, А.И. Криминалистика: техника, тактика и методика расследования преступлений: научно-практическое пособие [Текст] / А.И. Бастрыкин. – М.: Проспект, 2011. – 408 с.

[12]. Белкин, Р.С. Криминалистика [Текст]: Учеб. слов. справ / Р.С. Белкин. – М.: Юристъ, 1999. – 266 с.

[13]. Белкин, Р.С. Осмотр места происшествия // Руководство для следователей. В 2-х ч. 4.1: Процессуальные и тактические основы предварительного следствия [Текст] / Отв. ред. В.В. Найденов, П.А. Олейник. Изд. 2-е, перераб. – М.: «Юридическая литература», 1981. – 272 с.

[14]. Бернштейн, Н.А, О построении движений [Текст] / Проф. Н.А. Бернштейн чл.-кор. Акад. мед. наук СССР. – М.: Медгиз, 1947 (6-я тип. треста «Полиграфкнига»). – 255 с.

[15]. Бинберг, А.Й. Криминалистическая экспертиза в советском уголовном процессе [Текст] / Проф. А.И. Винберг. – М.: Госюриздат, 1956. – 220 с.

[16]. Бурова, Е.М. Архивоведение (теория и методика): учебник для вузов [Текст] / Е.М. Бурова, Е.В. Алексеева, Л.П. Афанасьева; под ред. Е.М. Буровой. – М.: Издательский дом МЭИ, 2012. – 483 с.

[17]. Васильев, А.Н. Осмотр места происшествия [Текст] / А.Н. Васильев. – М.: Изд. юрид. литер., 1960. – 377 с.

[18]. Васильев, А.Н. Планирование расследования преступлений [Текст] / А.Н. Васильев, Г.Н. Мудьюгин, Н.А. Якубович; под ред. чл.-

кор. Акад. наук СССР А.С. Голунского; Всесоюз. науч.-исслед. ин-т криминалистики Прокуратуры СССР. – М.: Госюриздат, 1957. – 199 с.

[19]. Васильев, В.Л. Психология осмотра места происшествия [Текст]: учебное пособие / В.Л. Васильев. – Л., 1986. – 29 с.

[20]. Взаимодействие следователя и эксперта-криминалиста при производстве следственных действий [Текст] / Под редакцией И.Н. Кожевникова. – М., 1995. – 134 с.

[21]. Винберг, А. И. Криминалистика [Текст]: Учебник для юрид. школ / А. И. Винберг и Б.М. Шавер; Всесоюз. ин-т юрид. наук М-ва юстиции СССР. - 4-е изд., доп. – М.: Гос. изд-во юрид. лит., 1950 (Ленинград: Тип. «Печ. двор»). – 272 с.

[22]. Винер, А.И. Криминалистика [Текст]: Учебник для юрид. школ / А.И. Винберг и Б.М. Шавер; Всесоюз. ин-т юрид. наук М-ва юстиции СССР. – 4-е изд., доп. – М.: Гос. изд-во юрид. лит., 1950 Ленинград: Тип. «Печ. двор». – 272 с.

[23]. Власов, В.П., Следственный осмотр и предварительное исследование документов [Текст]: Пособие для прокурорско-следственных работников / В.П. Власов; Прокуратура СССР. Всесоюз. науч.исслед. ин-т криминалистики. – М.: Госюриздат, 1961. – 145 с.

[24]. Волохова, О.В. Криминалистика [Текст]: учебник / О.В. Волохова и др.; под ред. Е.П. Ищенко. – М.: Проспект, 2014. – 501 с.

[25]. Волынский, В.А. Технико-криминалистическое обеспечение раскрытия и расследования преступлений. Пособие [Текст] / В.А. Волынский - М.: Изд-во ВНИИ МВД РФ, 1994. – 80 с.

[26]. Гаврилов, М.В., Иванов А.Н. Осмотр места происшествия при расследовании преступлений в сфере компьютерной информации. Учебное пособие [Текст] / М.В. Гаврилов, А.Н. Иванов. – Саратов: Изд-во ГОУ ВПО «Саратовская государственная академия права», 2004. – 136 с.

[27]. Глазырин, Ф.В. Психология следственных действий [Текст]: учеб. пособие для вузов МВД СССР / Ф.В. Глазырин. – Волгоград: ВСШ,

1983. – 136 с.

[28]. Грановский, Г.Л. Основы трасологии [Текст] / Г.Л. Грановский. - 2-е изд. – М.: Наука, 2006. – 451 с.

[29]. Громов, В. Методика расследования преступлений: Руководство для органов милиции и уголовного розыска [Текст] / В. Громов. – М.: изд-во Нар. ком. внутр. дел. РСФСР, 1929 (Л.: типо-лит. «Сокол»). – 114 с.

[30]. Гужов, В.И. Методы измерения 3D-профиля объектов: контактные, триангуляционные системы и методы структурированного освещения [Текст]: учебное пособие / В.И. Гужов; М-во образования и науки Российской Федерации, Новосибирский гос. технический ун-т. – Новосибирск: НГТУ, 2015. – 79 с.

[31]. Действия руководителя осмотра места происшествия [Текст]: – Свердловск, 1979. – 32 с.

[32]. Долгинов, С.Д. Осмотр места происшествия [Текст]: Учебное пособие / С.Д. Долгинов. – Пермь: Издательство Пермского университета, 2010. – С. 235 с.

[33]. Драпкин, Л. Я. Криминалистика [Текст]: учебник для бакалавров / Л.Я. Драпкин; под ред. Л.Я. Драпкина. – М.: Юрайт, 2015. – 831 с

[34]. Дулов, А.В. Использование научных методов и технических средств в борьбе с преступностью. Материалы научно-практической конференции [Текст] / Под ред.: А.В. Дуловю. – Минск: Полымя, 1965. – 263 с.

[35]. Дынкина, И.З., Коржевская В.Ф., Крылов И.Ф. Судебная медицина [Текст]: учебник / под ред. О.Х. Поркшеяна, В.В. Томилина. – М.: Юридическая литература, 1974. – 270 с.

[36]. Елисеев, Н. Сельское хозяйство Кубани и его интенсификация [Текст] / Н. П. Елисеев. – Краснодар: Кн. изд-во, 1975. – 192 с.

[37]. Зеленский, В.Д. Криминалистика [Текст]: Учебник для вузов / Под общ. ред. Е.П. Ищенко, А.Г. Филиппова; под ред. В.Д. Зеленского,

Г.М., Меретукова. – М.: Высшее образование, 2006. – 743 с.

[38]. Зоиров, Д.М., Сафаров Б.А. Суверенная государственность на постсоветском пространстве: предпосылки и процесс формирования (на примере Республики Таджикистан) [Текст]: монография / под общ. ред. В.П. Сальникова. Академия права, экономики и безопасности жизнедеятельности. – СПб.: Фонд «Университет», 2012. – 336 с.

[39]. Зотов, Б.Л. Криминалистическая экспертиза на предварительном следствии [Текст]: Учеб. пособие для студентов ВЮЗИ / М-во высш. образования СССР. Всесоюз. юрид. заоч. ин-т. – М.: [б. и.], 1956. – 62 с.

[40]. Исаенко, В.Н. Состояние использования технико-криминалистических средств в органах прокуратуры [Текст] / В.Н. Исаенко. – М.: Логос, 2012. – 400 с.

[41]. Искандаров, З.Х. Защита прав человека в уголовном процессе Республики Таджикистан: история и современность [Текст] / З.Х. Искандаров. – Душанбе: «ЭР-граф», 2022. – 368 с.

[42]. Ищенко, Е.П. Криминалистика [Текст]: учебник / Е.П Ищенко, В.А. Образцова. – М.: Изд-во «Эксмо», 2005. – 474 с.

[43]. Ищенко, Е.П. Использование современных научно-технических средств при расследовании уголовных дел [Текст] / Е.П. Ищенко. – Свердловск: Свердл. юрид. ин-т, 1985. – 56 с.

[44]. Кальницкий, В.В. Следственные действия: учебно-методическое пособие [Текст] / В.В. Кальницкий. – Омск: Омская академия МВД России, 2001. – 104 с.

[45]. Карабанов, А.Л. Осмотр места происшествия: обнаружение, фиксация, изъятие и исследование следов: справочно-методическое пособие [Текст] / А.Л. Карабанов, С.К. Мелькин. – М., Волтерс Клувер, 2011. – 118 с.

[46]. Колдив, В.Я., Идентификация при производстве криминалистических экспертиз [Текст] / В.Я. Колдин. – М.: Госюриздат, 1957. – 152 с.

[47]. Колмаков, В.П. Расследование убийств [Текст]: Лекции для студентов ВЮЗИ / М-во высш. образования СССР. Всесоюз. юрид. заоч. ин-т. – М.: [б. и.], 1958. – 78 с.

[48]. Колмаков, В.П. Тактика производства следственного осмотра и следственного эксперимента [Текст] / В.П. Колмаков. – Харьков, 1956. – 48 с.

[49]. Коновалов, Е.Ф. Осмотр места происшествия (состояние практики и пути повышения ее эффективности) [Текст]: учебное пособие / Е.Ф. Коновалов. – М.н.: МВШ МВД СССР, 1987. – 48 с.

[50]. Корчагин, А. А. Производство следственных действий: учебное пособие [Текст] / А.А. Корчагин. – СПб.: Изд-во Университета при МПА ЕврАзЭС, 2021. – 185 с.

[51]. Косоплечев, Н.П. Осмотр места происшествия по делам,связанным с применением огнестрельного оружия [Текст] / Н.П. Косоплечев. – М.,1956 – 180 с.

[52]. Криминалистика [Текст] / Под ред. Н.П. Яблокова. – М., 2004. – 303 с.

[53]. Криминалистика [Текст]: учебник / А.И. Александров, А.Н. Басалаев, В.Л. Бежан-Бек и др.; под ред. Т.А. Седовой, А.А. Эксархопуло; Санкт-Петербургский гос. ун-т. Юрид. фак. – СПб: Лань, 2001. – 925 с.

[54]. Криминалистика [Текст]: Учебник / Е.М. Ашмарина, М.П. Хилобок, Е.Н. Викторова и др.; Под ред. В.А. Образцова. – М.: Изд. группа «Юристъ», 1997. – 756 с.

[55]. Криминалистика [Текст]: учебник / под ред. д.ю.н., профессора В.Д. Зеленского и д.ю.н., профессора Г.М. Меретукова – СПб, Издательство «Юридический центр», 2015. – 704 с.

[56]. Криминалистика [Текст]: Учебник / Под ред. И.Ф. Герасимова, Л.Я. Драпкина. – М., 2011. – 301 с.

[57]. Криминалистика [Текст]: учебник для бакалавров: учебник для студентов учреждений среднего профессионального образования /

Н.П. Яблоков. – М.: Юрайт, 2011. – 279 с.

[58]. Криминалистика [Текст]: учебник для вузов / Под ред. И.Ф. Герасимова и Л.Я. Драпкина. 2-е изд., перераб. и доп. – М.: Высшая школа, 2000. – 247 с.

[59]. Қодирзода, Д.С. Методикаи тафтиши ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин [Матн]: китоби дарсӣ / Д.С. Қодирзода. – Душанбе: «Эр-граф», 2021. – 492 с.

[60]. Максутов, И.Х. Осмотр места происшествия [Текст]: (Пособие для студентов заоч. отд-ния) / Ленингр. ордена Ленина гос. ун-т им. А.А. Жданова. Юрид. фак. – Ленинград: Изд-во Ленингр. ун-та, 1965. – 40 с.

[61]. Максутов, И.Х. Судебный осмотр места происшествия и особенности его проведения [Текст]: Учеб. пособие / Ленингр. гос. ун-т им. А.А. Жданова. Юрид. фак. Кафедра уголовного процесса и криминалистки. – Ленинград: Изд-во Ленингр. ун-та, 1972. – 38 с

[62]. Маликов, С.Ф., Н.й. Тюрин, Введение в метрологию [Текст] / С.Ф. Маликов, Н.И. Тюрин; Под ред. д-ра техн. наук К. П. Широкова. - 2-е изд., испр. и доп. – М.: Изд-во стандартов. – 248 с.

[63]. Марков, В.А. Осмотр места происшествия (тактика и практика) [Текст]: учебное пособие / В.А. Марков; Негос. образовательное учреждение высш. проф. образования «Самарская гуманитарная акад.» – Самара: Самарская гуманитарная акад., 2008. – 120 с.

[64]. Маркс, и Ф. Энгельс, Сочинения [Текст]: Перевод / Карл Маркс, Фридрих Энгельс. – М.: Прогресс. – 22 см. Т. 20. К. Маркс и Ф. Энгельс: 1864-68: К. Маркс и Ф. Энгельс: 1864-68. Т. 20. К. Маркс и Ф. Энгельс: 1864-68. – М.: Прогресс, 1985. – XXXIV, –580 с.

[65]. Мерецкий, Н.Е., Прутовых В.В. Тактические приемы осмотра трупа на месте его обнаружения [Текст]: учеб. Пособие / Н.Е. Мерецкий, В.В. Прутовых. – Хабаровск. – 2009. – 356 с.

[66]. Миронов, А.И. Осмотр места происшествия по делам об убийствах [Текст] / А.И. Миронов. – М.: МВД СССР Научно - исследовательский институт милиции, 1958. – 160 с.

[67]. Нинолайчик, В.М., Оформление фотоснимков, изготовленных при выполнении следственных действий, «Следственная практика», вып. 35. – М, 1958. – 164 с.

[68]. Новоселова, Н.А. Криминалистическая идентификационная экспертиза [Текст]: (По материалам Белорус. науч.-исслед. ин-та судебной экспертизы) / Юрид. комис. при Совете Министров БССР. Науч.-исслед. ин-т судебной экспертизы / Н.А. Новоселова. – Минск: Беларусь, 1966. – 144 с.

[69]. Облаков, А.Ф., Тимербаев А.Т. Организация и тактика осмотра места происшествия [Текст]: Учеб. пособие / А.Ф. Облаков, А.Т. Тимербаев; М-во внутр. дел Рос. Федерации, Хабаров. высш. шк. – Хабаровск: ХВШ МВД РФ, 1992. – 94 с.

[70]. Онучин, А.П. Теоретические проблемы криминалистической тактики: Межвуз. сб. науч. тр. [Текст] / Свердлов. юрид. ин-т им. Р.А. Руденко; Редкол.: И.Ф. Герасимов (отв. ред.) и др. – Свердловск: Урал. ун-т, 1981. – 149 с.

[71]. Осмотр места происшествия [Текст] / под ред. Б.М. Комаринца. – М., 1947. – 304 с.

[72]. Осмотр места происшествия [Текст]: практ. пособие / Дворкин А.И.и др.; Под ред А.И. Дворкина. – Москва: Юристъ, 2000. – 335 с.

[73]. Осмотр места происшествия [Текст]: Практическое пособие / под ред. А.И. Дворкина. – М., 2004. – 668 с.

[74]. Осмотр места происшествия [Текст]: Учеб. пособие для студентов / В.И. Попов, канд. юрид. наук доц; Под ред. доц. Б.А. Хвана; М-во высш. образования СССР. Казах. гос. ун-т им. С.М. Кирова. Юрид. фак. - [2-е изд.]. – Алма-Ата: Казгосиздат, 1957. – 222 с.

[75]. Осмотр места происшествия [Текст]: учеб. пособие по спецкурсу / Проф. М.П. Шаламов; М-во высш. и сред. спец. образования РСФСР. Всесоюз. юрид. заоч. ин-т. – М.: [б. и.], 1966. – 60 с.

[76]. Осмотр места происшествия и трупа на месте его обнаружения [Текст] / Проф. В.П. Ципковский. – Киев: Госмедиздат УССР, 1960. – 320 с.

[77]. Осмотр места происшествия. Пособие [Текст] / И.Х. Максутов. – Л.: Изд-во Ленингр. ун-та, 1965. – 40 с.

[78]. Петелин, Б.Я. Психология осмотра места происшествия [Текст]: лекция / Б.Я. Петелин. – Волгоград: ВСШ МВД СССР, 1981. – 21 с.

[79]. Попов, В.И. Осмотр места происшествия [Текст] / Под ред. В.А. Хвана; М-во высш. образования СССР. Казах. гос. ун-т им. С.М. Кирова. Юрид. фак. – М.: Госюриздат, 1959. – 231 с.

[80]. Попов, В.И. Осмотр места происшествия [Текст]: учеб. пособие для студентов / В.И. Попов, канд. юрид. наук доц.; Под ред. доц. Б.А. Хвана; М-во высш. образования СССР. Казах. гос. ун-т им. С.М. Кирова. Юрид. фак. - [2-е изд.]. – Алма-Ата: Казгосиздат, 1957. – 222 с.

[81]. Рассейкин, Д.П. Осмотр места происшествия и трупа при расследовании убийств [Текст] / М-во высш. и сред. спец. образования РСФСР. Сарат. юрид. ин-т им. Д.И. Курского. – Саратов: Приволж. кн. изд-во, 1967. – 152 с.

[82]. Ратинов, А.Р. Судебная психология для следователей [Текст] / А.Р. Ратинов. – М.: Юрлитинформ, 2001. – 352 с.

[83]. Рахмаджонзода, Р.Р., Арипов, А.Л., Самиев, Н.М., Махмадализода, А.М., Касимова, М.А. Доказательства и доказывание в уголовном процессе Республики Таджикистан [Текст]: учебное пособие / Р.Р. Рахмаджонзода, А.Л. Арипов, Н.М. Самиев, А. М. Махмадализода, МА. Касимова – Душанбе: «ЭР-граф», 2019. – 64 с.

[84]. Селиванов, Н.А., Теребилов В.И. Первоначальные следственные действия [Текст] / Н.А. Селиванов, В.И. Теребилов. Изд. 2-

е, испр. и доп. – М.: Изд-во «Юридическая литература», 1969. – 269 с.

[85]. Следственная практика: методическое пособие для прокурорско-следственных работников / Прокуратура Союза ССР, Всесоюз. научно-исслед. ин-т криминалистики. Вып. 57 [Текст] / отв. ред. В.М. Николайчик. – Москва : Юридическая литература, 1950, 1962. – 149 с.

[86]. Следственная практика: методическое пособие для прокурорско-следственных работников / Прокуратура Союза ССР, Всесоюз. научно-исслед. ин-т криминалистики. Вып. 20 [Текст] / отв. ред. Н.А. Селиванов. – М.: Юридическая литература, 1950, 1955. – 163 с.

[87]. Следственная практика: методическое пособие для прокурорско-следственных работников / Прокуратура Союза ССР, Всесоюз. научно-исслед. ин-т криминалистики. – М.: Юридическая литература, 1950. Вып. 46 [Текст] / отв. ред. Н. А. Якубович. – 1961. – 177 с.

[88]. Следственные действия по советскому уголовно-процессуальному праву [Текст] / А.К. Гаврилов, С.П. Ефимичев, В.А. Михайлов, П.М. Туленков; Под ред. ген.-лейт. милиции С.В. Мурашова; М-во внутр. дел СССР, Высш. следств. школа. – Волгоград: Высш. следств. школа, 1975. – 111 с.

[89]. Следы на месте происшествия: Справочник следователя [Текст] / Под ред. В.Ф. Статкуса. – М., 1991. – 78 с.

[90]. Справочник следователя. Осмотр места происшествия [Текст] / М-во внутренних дел Российской Федерации, Департамент кадрового обеспечения; авт.: А.В. Боловинов и др.; рук. авт. коллектива: И.А. Попов. – М.: ЦОКР МВД России, 2010. – 302 с.

[91]. Степанов, В.В. Место происшествия как информационная система [Текст] / Теория и практика криминалистики и судебной экспертизы (межвуз. сб. науч. статей) / Под ред. – С.В. Лаврухина. – Саратов: Изд-во СГАП. – 2002. – Вып.11. – 24 с.

[92]. Степанов, В.В. Тактика следственных действий [Текст]: учеб. пособие / М-во образования Рос. Федерации. Сарат. гос. акад. права; Е.Н. Быстряков и др.; Под ред. В.И. Комиссарова. – Саратов: Изд-во Сарат. гос. акад. права, 2000. – 200 с.

[93]. Теория доказательств в советском уголовном процессе [Текст]. – Москва: Юрид. лит., 1966-1967. – 2 т.; 21 см.: Часть общая. – 1966. – 584 с.

[94]. Топорков, А.А. Следственные действия. Криминалистические рекомендации. Типовые образцы документов [Текст] / С.Н. Богомолова, В.А. Образцов, А.А. Протасевич, Т.Ю. Рзаев, и др.; Сост.: П.Т. Скорченко; Под ред.: В.А. Образцов. – М.: Юристъ, 1999. – 501 с.

[95]. Торбин, Ю.Г. Комментарий к Уголовно-процессуальному кодексу Российской Федерации [Текст] / Агамов Г.Д. и др.; под общ. и науч. ред. А.Я. Сухарева. - 2-е изд., перераб. – М.: Норма, 2004. – 1102 с.

[96]. Федоров, Ю.Д. Осмотр места происшествия [Текст]: Пособие для следователей / Ташк. высш. школа МВД СССР. – Ташкент: [б. и.], 1969. – 108 с.

[97]. Филиппов, А.Г. Криминалистика[Текст]: Учебник для высших юридических учебных заведений / В.В. Агафонов, Н.А. Бурнашев, Е.А. Волков, В.А. Газизов, и др.; Под ред.: А.Г. Филиппов. – 2-е изд., перераб. и доп. – М.: Спарк, 2000. – 687 с.

[98]. Хазиев, Ш.Н. Технико-криминалистические методы установления признаков неизвестного преступника по его следам [Текст]: учеб. пособие / Ш.Н. Хазиев; Под ред. И.М. Лузгина; Акад. МВД СССР, Моск. фил. юрид. заоч. обучения. – М.: Акад. МВД СССР, 1986. – 37 с.

[99]. Хижняк, Д.С. Осмотр места происшествия [Текст]: учебное пособие / Д.С. Хижняк. – Саратов: Научная книга, 2005. – 80 с.

[100]. Царенко, П.П. Наблюдение как метод собирания, исследования и оценки доказательств [Текст] / Под ред. В.В. Степанова. – Саратов: Изд-во ГОУ ВПО «СГАП», 2004. – 241 с.

[101]. Центров, Е.Е. Руководство по следственной тактике [Текст]: монография / Е.Е. Центров. – М., – 576 с

[102]. Центров, Е.Е. Тактика осмотра места происшествия // Криминалистика [Текст]: учебник / Под ред. Н.П. Яблокова. 2-е изд., перераб. и доп. – М.: Юристъ, 2004. – 781 с.

[103]. Ципковский, В.П. Осмотр места происшествия и трупа на месте его обнаружения [Текст] / В.П. Ципковский. – Киев, 1960. – 320 с.

[104]. Шаламов, М.П. Осмотр места происшествия [Текст] / М.П. Шаламов. – М, 1966. – 336 с.

[105]. Шамонова, Т.Н. О смотр места обнаружения признаков убийства [Текст]: учебное пособие / Т.Н. Шамонова; Московский ун-т МВД России. – М.: Щит-М, 2008. – 176 с.

[106]. Шейфер, С.А. Следственные действия. Основания, процессуальный порядок и доказательственное значение [Текст] / С.А. Шейфер. – М.: Юрлитинформ, 2004. – 138 с.

[107]. Шумилин, С.Ф. Руководство для следователей [Текст] / О.Я. Баев и др.; Под ред. Н.А. Селиванова, В.А. Снеткова. – М.: Изд. дом «ИНФРА-М»: ИПК «Лига разума», 1997. – 732 с.

**III. Мақолаҳо ва маърузаҳо:**

[108]. Аверьянова, Т.В. Перспективные возможности исследования биологических объектов при проведении судебных экспертиз [Текст] / Т.В. Аверьянова // Вестник Следственного комитета при Прокуратуре России. – 2008. – № 2 (2). – С. 146-154.

[109]. Антонов, В.П. Криминалистический порядок работы со следами и предметами при осмотре места происшествия [Текст] / В.П. Антонов // Вестник криминалистики. – 2005. – Вып. 2 (14). – С. 107-113.

[110]. Баев, О.Я., Гладышев Г., Панюшкин В. Тактика судебного осмотра местности и помещений [Текст] / О.Я. Баев, Г. Гладышев, В. Панюшкин // Советская полиция. – М., 1978. – № 13. – С. 12-13.

[111]. Белоусов, В. Осмотр места происшествия в жилище и осмотр жилища [Текст] / В. Белоусов // Уголовное право. – № 3. – 2015. – С. 70-72.

[112]. Березутский, Е.Ю. Правовое значение места происшествия по делам об убийстве [Текст] / Е.Ю. Березутский // Дальневосточные криминалистические чтения. – Владивосток, 2000. – Вып. 5. – С. 35-45.

[113]. Бульбачева, А.А. Актуальные проблемы осмотра места происшествия [Текст] / А.А. Бульбачева // Труды Академии управления МВД России. – 2015. – № 2 (34). – С. 97-100.

[114]. Вишневецкий, К.В. Особенности криминалистической фото-видео фиксации материальных и идеальных следов взрыва [Текст] / К.В. Вишневецкий // Общество и право. – 2011. – №2. – С. 227-230.

[115]. Вйсман, А.А. Некоторые вопросы теории исследования вещественных доказательств [Текст] / А.А. Вйсман // Вопросы криминалистики». – 1962. – №5. – С. 24-26.

[116]. Власенко, Н., Иванов А. Осмотр жилища [Текст] / Н. Власенко, А. Иванов // «Законность». – 2004. – №11. – С. 25-27.

[117]. Возников, В.В. Применение 3D-сканирования при фиксации обстановки места происшествия [Текст] / В.В. Возников // Российский журнал криминалистики. – 2022. – №3. – С. 45-52

[118]. Волынский, А.Ф. Место происшествия: следы ведут к преступнику [Текст] / А.Ф. Волынский // Советская милиция. – М., 1984. – № 5. – С. 22-25.

[119]. Гаужаева, В.А., Бураева Л.А., Карданов Р.Р. Сущность и роль криминалистической техники, как раздела криминалистики в борьбе с преступностью: история и современность [Текст] / В.А. Гаужаева, Л.А. Бураева, Р.Р. Карданов // Проблемы экономики и юридической практики. – 2017. – № 4. – С. 138-140.

[120]. Дачаев, З.Б., Гаджиев А.Т., Скориков Д.Г. Осмотр места происшествия [Текст] / З.Б. Дачаев, А.Т. Гаджиев, Д.Г. Скориков // Фундаментальные и прикладные исследования в современном мире. – 2017. – № 18-3. – С. 94-96.

[121]. Джалавян, В.В. Криминалистическая методика расследования дорожно-транспортных преступлений [Текст] / В.В. Джалавян //

Юридические науки: проблемы и перспективы: материалы IV Междунар. науч. конф. – Казань: Бук, 2016. – С. 262-265.

[122]. Драпезо, Р.Г., Сергеев О.Д. Сбор первоначальной информации при осмотре места происшествия и трупа (на примере нарушений правил безопасности при ведении горных работ и убийств, где огонь выступает как орудие (способ) сокрытия преступления [Текст] / Р.Г. Драпезо, О.Д. Сергеев // Вестник Кемеровского гос. ун-та. – 2015. – № 2-2 (62). – С. 150-158.

[123]. Думнов, С.Н. К вопросу применения метода лазерного 3D-сканирования при осмотре места дорожно-транспортного происшествия [Текст] / С.Н. Думнов // Электрон. журн. E-Scio. – 2019. – № 6(33). – С 791-796.

[124]. Елисеев, Н. Осмотр места происшествия, его значение в раскрытии преступлений [Текст] / Н. Елисеев // Вопросы судебной экспертизы. – Баку. – 1971, - Вып. 12. – С. 299- 300.

[125]. Загрядской, А.П. Федоровцевой Л.С. О доказательственной ценности некоторых наложении на повреждающих орудиях [Текст] / А.П. Загрядской, Л.С.Федоровцевой // «Экспертная техника»,вып. – 1965. – № 6-7. – С. 24-29.

[126]. Зацепин, А.М. Особенности организации осмотра места происшествия при расследовании преступлений, совершенных с применением взрывчатых веществ и взрывных устройств [Текст] / А.М. Зацепин // Мониторинг правоприменения. – 2013. – № 4. – 40-50.

[127]. Зыбенская, Е.Т. Роль цифровой фотографии при расследовании преступлений [Текст] / Е.Т. Зыбенская // Использование устройства-спектральный видеокомпара-тор. – 2019. – №13. – С. 90-95.

[128]. Ищенко, Е.П. Почему необходимо технико-криминалистическое сопровождение расследования [Текст] / Е.П. Ищенко // Правовые, социально-гуманитарные и экономические проблемы в фокусе научных исследований: материалы Всерос. науч-

практ. Конф / под общ. ред. СЕ. Туркулец. – Хабаровск: Изд-во ДВГУПС, 2016. – С. 60-61.

[129]. Ищенко, П.П. Участие специалистов в наружном осмотре трупа и следственном освидетельствовании [Текст] / П.П. Ищенко // Вопросы теории и методики следственной работы: сб. научн. трудов. – Иркутск, 1988. – С. 78-83.

[130]. Кочоян, А.Л., Арутюнян В.М., Идентификация жертвы или подозреваемого с помощью анализа стабильных изотопов [Текст] / А.Л. Кочоян В.М. Арутюнян // Эксперт-криминалист. – 2023. – № 01. – С. 26-29

[131]. Кравцов, А.Ю. Тактические особенности осмотра места взрыва [Текст] / А.Ю. Кравцов // Деятельность правоохранительных органов и федеральной противопожарной службы в современных условиях: проблемы и перспективы развития: материалы междунар. науч.практ. конф. – Иркутск: Изд-во Вост.- Сиб. ин-та МВД РФ. 2006. – С. 83-85.

[132]. Краева, Я.В., Рожкова В.Р. ДНК-фенотипирование: проблемы и перспективы II [Текст] / Я.В. Краева, В.Р. Рожкова //Вопросы российской юстиции. – 2021. – №11. – С440-444

[133]. Кряжев, В.С. Специфика осмотра места криминального взрыва [Текст] / В.С. Кряжев // Сибирские криминалистические чтения. Сборник научных трудов. Вып.15. – Иркутск: Изд-во БГУЭП. 2002. – С. 57-66.

[134]. Куашев, А.А. Особенности методики проведения экспертизы холодного оружия [Текст] / А.А. Куашев // Пробелы в российском законодательстве. – 2017. – № 3. – С. 96-98.

[135]. Кустов, А.М. Подготовительный этап осмотра места криминального взрыва [Текст] / А.М. Кустов // Следственная практика. – Вып. 186. – 2012. – С.34-38.

[136]. Латышов, И.В., Васильев В.А., Кондаков А.В. Оценка эффективности применения дактилоскопических порошков для

выявления следов рук [Текст] / И.В. Латышов, В.А. Васильев, А.В. Кондаков // Труды Академии управления МВД России. – 2018. – №3 (47). – С. 142-147.

[137]. Матюшенков, А.Н. Совершенствование тактики осмотра места происшествия по делам о взрывах [Текст] / А.Н. Матюшенков // Теоретические и практические проблемы экспертно-криминалистической деятельности: материалы всерос. науч.практ. конф. – Тюмень: Изд-во Тюмен. юрид. инта МВД РФ. 2004. – С. 57-58.

[138]. Митричев, В.С. Установление источника происхождения, принадлежности единому целому предметов при расследовании преступлений [Текст] / В.С. Митричев // Теория и практика судебной экспертизы. Сборник 1 (II). – М.: Юрид. лит., 1964. – С. 65-139.

[139]. Морозова, В.С., Другова Е.Д., Мягкова М.А. Определение шести классов психоактивных веществ в различных объектах методом иммуно-хроматографии II [Текст] / В.С. Морозова, Е.Д. Другова, М.А. Мягкова // Клиническая лабораторная диагностика. – 2015. – №5. – С. 28-29

[140]. Назаров, А.Қ. Натиҷаҳои санҷиши нишондод дар ҷои ҳодиса аз рӯйи парвандаи ҷиноятии одамкушӣ [Матн] / А.Қ. Назаров // Осори Академияи ВКД ҶТ. – 2023. – №3 (59). – С. 81-87.

[141]. Оганесян, Р.А. Особенности содержания работы специалистов в следственных действиях при расследовании убийств на бытовой почве [Текст] / Р.А. Оганесян // Международное публичное и частное право. – 2012. – № 1. – С. 43-45

[142]. Прокофьева, Е.В., Баринова О.А., Прокофьева О.Ю. Применение метода 3D моделирования при осмотре места совершения кражи. [Текст] / Е.В. Прокофьева, О.А. Баринова, Прокофьева О.Ю. // Юридическая наука и правоохранительная практика. – 2016. – № 1 (35). – С. 149-155.

[143]. Пропастин, С.В. Следственный осмотр: проблема определения целей и задач [Текст] / С.В. Пропастин // Современное

право. – 2012. – № 5. – С. 133-137.

[144]. Ратинов, А.О следственной интуиции [Текст] / А. Ратинов // Социалистическая законность. – М.: Известия, 1958. – № 4. – С. 24-30.

[145]. Селиванов, Н.А. Основания и формы применения научно-технических средств и специальных знаний при расследовании преступлений [Текст] / Н.А. Селиванов // Вопросы предупреждения преступности. – М.: Юрид. лит., 1965, Вып. 1. – С. 143-159.

[146]. Семенов, А.В., Евдокимова В.А. Роль и место ДНК-экспертизы следов пальцев рук, выявленных с помощью дактилоскопических порошков II / А.В. Семенов, В.А. Евдокимова // Вестник Московского университета МВД России. – 2017. – №2. – С-18-25.

[147]. Соловьева, С.М. Применение цифровых технологий в криминалистике [Текст] / С.М. Соловьева // непосредственный II Молодой ученый. – 2019. – № 51 (289). – С. 161-164.

[148]. Тюхтин, В.С. Теория отражения: ее актуальные вопросы [Текст] / В.С. Тюхтин //»Коммунист». – 1966. – № 3. С. 43-52.

[149]. Фрашионе, Н., Гуч Дж., Дэниел Б. Использование флуоресцентных биосенсоров для судебной идентификации жидкостей организма [Текст] / Н. Фрашионе, Дж. Гуч, Б. Дэниел // Аналитик. – 2013. – № 138(24). – С. 72-79.

[150]. Чванкин, В.А. Особенности методики идентификации обуви по следам производственных механизмов [Текст] / В.А. Чванкин // Вестн. Полоц. гос. ун-та. Сер. D, Экон. и юрид. науки. – 2016. – № 5. – С. 200-204.

[151]. Чистова, Л.Е. Специалист-криминалист как субъект техникокриминалистического обеспечения осмотра места происшествия [Текст] / Л.Е. Чистова // Проблемы совершенствования уголовного и уголовно-процессуального законодательства России. – М., 2013. – С. 163-168.

[152]. Шакирьянова, Ю.П., Леонов С.В. Портретная экспертиза с применением трехмерного моделирования [Текст] / Ю.П. Шакирьянова, С.В. Леонов // II Судебная медицина. – 2019. – №1. – С. 165-175.

[153]. Шалаев, Н.Г. Судебномедицинская экспертиза и освидетельствование подозреваемых по делам о половых преступлениях [Текст] / Н.Г. Шалаев // «Следственная практика», вып. – 1964. – №64. – С. 52-58.

[154]. Шаталов, А.С. Тактика отдельных следственных действий на первоначальном осмотре трупа [Текст] / А.С. Шаталов // Следователь. – 2009. – № 3. – С.46-49.

[155]. Шошин, С.В. Проблемы оперативности производства осмотра места происшествия и трупа при расследовании уголовных дел об умышленных убийствах, совершенных на бытовой почве [Текст] / С.В. Шошин // Следователь. – 2012. – № 1. – С. 2735.

[156]. Шувалов, М.Н. Типичные ошибки следователя на начальной стадии осмотра места происшествия [Текст] / М.Н. Шувалов // Российский следователь. – 2014. – № 20. – С. 54-56.

[157]. Шхагапсоев, З.Л., Аккаева Х.А. Международно-правовые основы противодействия незаконному обороту оружия [Текст] / З.Л. Шхагапсоев, Х.А. Аккаева // Пробелы в российском законодательстве. – 2019. – № 1. – С. 171-173.

[158]. Экспресс - Бюллетень ЭКЦ ГУ МВД России по г. – Москва. – 2014. – № 65. – С. 180-185.

[159]. Якимов, И.Н. Осмотр места преступления и трупа [Текст] / И.Н. Якимов // Материалы учебной конференции следователей в прокуратуре Союза ССР (август-сентябрь 1936 г.). Практическое пособие для следователей. – М.: Юрид. изд-во НКЮ, 1937. – С. 108-129

[160]. Яковлева, О.А. Тактические особенности осмотра места происшествия, осмотра документов [Текст] / О.А. Яковлева // Вестник ВолГУ. – 2009. – Серия 5. Вып.11. – С. 124-136.

[161]. Ямоқова, З.Д. Амалҳои минбаъдаи тафтишӣ дар тафтиши куштори кӯдакон [Матн] / З.Д. Ямоқова // Маводи конференсияи умумидонишгоҳии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон шудани соли 2024», «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)». – Душанбе: Балоғат, 2024. – С. 413-417.

**IV. Диссертатсия ва автофератҳо:**

[162]. Анненкова, Т.С. Обстановка совершения преступления и криминалистические методы ее исследования [Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.09 / Анненкова Татьяна Сергеевна. – Саратов, 2007. – 25 с.

[163]. Аҳмадзода, М.С. Тактикаи санҷиши нишондод дар ҷои ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ [Матн]: дис. … номз. илм. ҳуқуқ: 12.00.12 / Аҳмадзода Муҳаммадалӣ Сайхуҷа. – Душанбе, 2024. – 188 с.

[164]. Басалаев, А.Н. Фиксация результатов осмотра места происшествия [Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.12. / Басалаев Алексей Николаевич. – Л., 1967. – 18 с.

[165]. Бульбачева, А.А. Криминалистическое обеспечение осмотра места происшествия [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.12 / Бульбачева Анна Александровна. – М., 2017. – 230 с.

[166]. Давлатзода, Д.Д. Расследование преступлений в сфере земельных отношений: по материалам Республики Таджикистан [Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.12 / Давлатов Диловар Давлятович. – М., 2020. – 28 с.

[167]. Корухов, Ю.Г., Криминалистическое значение следов крови на одежде [Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.12 / Корухов Юрий Георгиевич. – М., 2020. – 16 с.

[168]. Рахимзода, Р.Х. Оперативно-розыскная политика по обеспечению экономической безопасности Республики Таджикистан: проблемы теории, методологии и практики (историко-правовой и общетеоретический анализ) [Текст]: дис. … д-ра. юрид. наук: 12.00.09 / Рахимзода Рамазон Хамро. – Душанбе, 2018. – 581 с.

[169]. Самиев, Н.М. Расследование нераскрытых преступлений прошлых лет (по материалам Республики Таджикистан и Российской Федерации) [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.12 / Самиев Назар Мурадович. – М., 2017. – 221 с.

[170]. Тюнис, И.О. Проблемы применения в криминалистике средств и методов, основанных на ультрафиолетовом излучении [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.12 / Тюнис Игорь Олегович. – М., 1999. – 183 с.

[171]. Финогенов, В.Ф. Теоретические и практические проблемы розыска угнанных, похищенных и скрывшихся с места происшествия автотранспортных средств [Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.09 / Финогенов Владимир Федорович. – Саратов, 2007. – 27 с.

**V. Захираҳои электронӣ [электронный ресурс]:**

[172]. Anujah, Sivanandan1 & Eugene Liscio1,2, P. Eng. Assessing Structured Light 3D Scanning using Artec Eva for Injury Documentation during Autopsy. J Assoc Crime Scene Reconstr. 2017:21. P. 5-12. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https: // www. academia.e du/69639278 /Assessing_St ructured_Light_ 3_D_Sc anning_usin g_Artec_Eva_for _Injury_Documentation _during_Autopsy (дата обращения: 01.03.2026).

[173]. Барышников, К.В., Червяков М.Э. Осмотр места происшествия и его значение для установления личности неопознанного трупа // Эпоха науки. 2018. №14. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: https: //cyberleni nka.ru/article/ n/os motr -mest a-proisshe stviya- i-ego-

znachenie-dlya-ustanov leniya-lich nosti-neo pozn an nog o-trupa (дата обращения: 27.02.2026).

[174]. Еремченко, В.И. Принципы работы 3d-сканера и его использование для фиксации места происшествия // Общество и право. 2021. №1 (75). [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: https://cyberleninka.ru /article/n/printsip y-rab oty-3d-ska nera-i-ego-ispo lzovanie-dlya -fiksatsii-mesta-proisshestviya (дата обращения: 27.02.2026).

[175]. Источник - ДЦО.РФ [Электронный ресурс]. – Режим доступа:т htt ps://xn --d1aux.x n--p1ai/ta kticheskie-i-psihologicheskie-osobennosti-osmotra-m esta-pro isshestviya-chast-2/ (дата обращения: 01.03.2026).

[176]. Какие типы 3d сканеров существуют? [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: https://3d-daily.ru/ equipment/3dscan-type.html (дата обращения: 21.01.2026).

[177]. Кубанов, В.В. Участие специалиста при производстве осмотра места происшествия в современных условиях / В.В. Кубанов// Евразийский юридический журнал – 2015. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://naukarus.com/uchastie-spetsialista-pri-proizvodstve-osmotra-mesta-proisshestviya-v-sovremennyh-usloviyah (дата обращения: 01.03.2026).

[178]. Моисеева Татьяна Федоровна инновационные технологии осмотра места происшествия // Вестник экономической безопасности. 2021. №3. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: https://cyberleninka.ru/article/n/innovatsionnye-tehnologii-osmotra-mesta-proisshestviya (дата обращения: 27.02.2026).

[179]. Подольный Николай Александрович криминалистическая профилактика преступлений // ЮП. 2024. №2 (109). [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: https: //cyberle ninka.ru/arti cle/n/kriminalistic hesk aya- profilaktika-prestupleniy (дата обращения: 01.03.2026).

[180]. Руслан Баширович Гандалоев общая характеристика осмотра как следственного действия // Вестник Московского университета МВД России. 2020. №7. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: https://cyberleninka.ru/article/n/obschaya-harakteristika-osmotra-kak-sledstvennogo-deystviya (дата обращения: 22.03.2026).

[181]. Сазонов Б.И. Глава 24. Осмотр. Освидетельствование. Следственный эксперимент // Комментарий к УПК РФ / под общей ред. В.И. Радченко. – М., 2003. – С.420. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https: // www. zakonrf. info/up k/gl24/?yscl id=mnq07no5j2256719307 (дата обращения: 01.03.2026).

[182]. СК: раскрывать преступления будут с помощью лазерного 3D-сканирования места происшествия [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: https://tass.ru/interviews/7012854 (дата обращения: 21.01.2026).

[183]. Сомонаи интернетӣ: https: //tech mann.ru/ f/img/solutio ns/Сравнение% 20HFE%20и%20а льтер натив.pdf (санаи мурочиат: 01.03.2026)

[184]. Сомонаи интернетӣ: https: //www.mvd.tj/4993-nishasti-matbuotii-vkd-namojandagoni-vao-az-natiai-on-izori-anoatmand-namudand.html (санаи мурочиат: 01.03.2026)

[185]. Сомонаи интернетӣ: https: //www.preside nt.tj/eve nt/ne ws/54179 (санаи мурочиат: 01.03.2026)

[186]. Харламова О.А. Особенности применения современных дактилоскопических порошков для выявления следов пальцев рук на различных поверхностях // Вестник экономической безопасности. 2015. №2. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: https: //cyberl eninka.ru/a rticle/n /oso benno sti-prim eneni ya-sov remennyh-dak tiloskopiches kih-po roshko v-dlya- vyya vleniya-sledov-paltsev-ruk-na-razlichnyh-poverhnostyah (дата обращения: 01.03.2026).

[187]. Чарыков Александр Викторович Некоторые проблемы участия специалиста в проведении осмотра места происшествия //

Вестник Курганского государственного университета. 2013. №4 (31). URL: [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https: //cyber leninka.ru /article/n/nekot orye- problem y-ucha stiya-spetsial ista-v-prove denii-osmotr a-mesta-pro isshestviya (дата обращения: 26.02.2026).

[188]. Шевко Н. Н., Куленкова Е. В. Криминалистическое исследование следов зубов // Международный журнал гуманитарных и естественных наук. 2019. №7-1. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: https: //cyberle ninka .ru/ar ticle/n/ krim inalistichesko e-is sledovanie -sledov-zubov (дата обращения: 01.03.2026).

**VI. Маводҳои таҷрибаи судӣ ва омор:**

[189]. Парвандаи ҷиноятӣ №964, шаҳри Душанбе н.Фирдавси

[190]. Парвандаи ҷиноятии №78787 дар ноҳияи Рӯдакӣ

[191]. Парвандаи ҷиноятии №1-221/25,

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

**[1-М].** Файзуллозода А.Қ., Назаров А.Қ. Понятие, сущность и значение осмотра места происшествия [Текст] / А.К. Файзуллозода, А.Қ. Назаров // Юридический вестник. – 2024. – № 3(19). – С. 63-70. ISSN 2790-7570.

**[2-М].**Файзуллозода А.К. Внедрение новейших техникокриминалистических средств в практику осмотра места происшествия [Текст] / А.К. Файзуллозода // Государствоведение и права человека. – 2023. – № 4(32). – С. 252-264. ISSN 2414 9217.

**[3-М].** Файзуллозода А.Қ. Асосҳои илмӣ-методологии азназаргузарониичои ҳодиса дар илми криминалистика ва нақши он дар таъмини самаранокии тафтиши ҷиноят [Матн] / А.Қ. Файзуллозода // Маҷалаи давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2026. – № 2 (42). –С. 409-416. ISSN 2414 9217.

**[4-М].** Файзуллозода А.Қ. Истифодаи усулҳои муосири криминалистикӣ дар раванди ҷои ҳодиса [Матн] / А.Қ. Файзуллозода // Вестник Филиала Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе. – 2026. –том-2, № 2(56). –С. 470-487. ISSN 2709-6246.

**[5-М].** Файзуллозода А.Қ., Давлатов Б.С. Азназаргузаронии ҷои ҳодиса ҳангоми тафтиши ҷиноятҳо вобаста ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ: масъаллаҳои амалӣ ва назариявӣ [Матн] / А.Қ. Файзуллозода, Б.С. Давлатов // Ахбори Суди Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷалаи илмӣ-иттилоотии ҳуқуқӣ). – 2026. – № 1(1). – С. 397-404. ISSN 2709-6246.

### II. Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашрияҳои илмӣ чоп шудаанд:

**[6-М].** Файзуллозода А.К. Криминалистические исследования осмотра места проишествия [Текст] / А.К. Файзуллозода // Материалы международной конференции посвященной 100-летию В.А. Ойгензихта «Правовое

регулирование туризма инвестирования в Республике Таджикистан». – Душанбе, 2024. – С. 195-205.

**[7-М].** Файзуллозода А.Қ. Мафҳум, принсип ва вазифаҳои азназаргузаронии ҷои ҳодиса [Матн] / А.Қ. Файзуллозода // Маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ дар мавзуъи «Зеҳни сунъӣ дар шароити иқтисодии рақамӣ ва нақши он ба рушди соҳибкорӣ» дар ҳошияи қатъномаи маҷмаи умуии СММ «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконияти навин барои рушди устувор дар Осиёи марказӣ» аз 25 июли соли 2025 бо ибтикори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълони солҳои 2025-2030 «Солҳои рушди иқтисодӣ ва инноватсия ” (24-уми октябри соли 2025)». – Душанбе, 2025. – С. 272-276.

**[8-М].** Файзуллозода А.Қ. Аҳамияти вазифа ва принсипҳои азназаргузаронии ҷои ҳодиса [Матн] / А.Қ. Файзуллозода // Ҳуқуқи инсон ва мушкилоти замони муосир: Маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ бахшида ба таҷлили Рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон, 80-умин солгарди таъсисёбии СММ, эълони солҳои 2025-2030 «Солҳои рушди иқтисодӣ ва инноватсия» ва қабул гардидани қатъномаи маҷмаи умуии СММ зери унвони «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконияти навин барои рушди устувор дар Осиёи марказӣ» (05-уми декабри соли 2025). – Душанбе, 2025. – С. 565-574.